Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда доштa бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд. Мо бояд талош намоем, ки онҳо дар зиндагии ояндаи худ, яъне ҳаёти мустақилонаашон азият накашанд. Фаромӯш набояд кард, ки вақте наврасону ҷавонон бесавод мемонанд, ҷомеа ба таассубу хурофот ва ҷаҳолат гирифтор мешавад, ки чунин ҳолат оқибатҳои даҳшатбор дорад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Анвар САФАРЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОХ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 7730 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№1**

**№1 (249), 2026**

# М У Н Д А Р И Ч А

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**
Н. НУРАЛИЗОДА. Нақши Паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2025)......................3

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**
Н. ҚУРБОН. Қабули Қатъномаи «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера»......................9

**ҶАШНЕ ПУР АЗ РАМЗУ ҲИКМАТ**
Н. НУРЗОДА. Садаи бостонӣ – бозтоби шодзистию ҳамбастагӣ ......................13

**ТЕХНОЛОГИЯ ВА ЗАМОН**
Н. ҚУДРАТОВ. Таъсири манфии бозиҳои компютерӣ ва омилҳои пешгирии он......................17

**ХЕШТАНШИНОСӢ**
Қ. ЗИЁЕВ. 65 соли осорхонаи маориф......................20

**ИСЛОҲОТ**
Ш.ОХУНОВ. Низоми баҳогузории 10-хола дар дарси тарбияи ҷисмонӣ......................23

**РОҲНАМО**
С. ҶАЪФАРЗОДА. Аз интихоби ихтисос то курсии донишгоҳ......................25

**ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР**
Н. ҲАҚНАЗАРОВА. Бозӣ бо кӯдакони имкониятташон маҳдуд......................28

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**
М. БОБОЗОДА, Г. ИСМАТЗОДА, С. БАНДАЕВ, Г. ОДИНАЗОДА, У. БОБОЗОДА.........32

**МАТЕМАТИКА**
Ш. АХМЕДОВА. Масъалаҳои шавқовар......................41

**ҚИССАИ ТАЪРИХӢ**
Б. АБДУРАҲМОН. Растохези вопасин......................43

**ЁДБУД**
Ш. РАҶАБЗОД. Шоир ва заҳмати тарҷума......................52

**ОЛИМОНИ МО**
Н. МИРЗОЕВ. Муҳаққиқи заҳматкаш......................56

**САНАД**
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»......................59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**
Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Олам»......................64

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2025)

***(Идома аз шумораи гузашта)***



**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ**

Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ яке аз зинаҳои муҳимми соҳаи маорифи кишвар буда, иқтисоди миллиро бо мутахассисони соҳибкасб таъмин менамоянд ва дар рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ҳиссагузор мебошанд.

Соли 2012 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи соҳаи таҳсилоти касбиро таҳлил карда, ба чунин хулоса омаданд: «Имрӯз соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар тамоми ҷаҳон яке аз зинаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин муассисаҳо вобаста ба талаботи бозори меҳнат мутахассисони соҳаҳои гуногунро омода месозанд. Мутаассифона, фаъолияти низоми мазкур дар кишвари мо ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин, вобаста ба талаботи бозори меҳнати ватанӣ ва ҷаҳонӣ омода намудани кадрҳои коргарӣ барои кишвари мо амри зарурӣ буда, масъалаи васеъ намудани шабакаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба миён омадааст» [18].



Дар робита ба ин, масъулини таҳсилоти касбӣ аз ҷониби Пешвои миллат вазифадор шуданд, ки дар мутобиқсозии мундариҷа ба талаботи иқтисодиёт, тавсеаи таҳсилоти амалӣ, ҷалби корфармоён ба барномарезӣ ва арзёбии натиҷаҳои таълим фаъолиятро пурзӯр намоянд. Тавре аз маълумоти Вазорати маориф ва илм бармеояд, «дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 30 ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, дастраси кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ гардонда шудаанд» [7, с. 53]. Аз ҷумла, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ соли 2010 тасдиқ шуд.

Дар доираи иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 бошад, аз оғози соли 2012 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми кредитии таҳсилот шуруъ карданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки «мо аз соли 2010-ум инҷониб зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро самти афзалиятнок эълон кардаем. Дар ин давра барномаи давлатии рушди муассисаҳои тарбияи кадрҳои коргарӣ қабул гардида, нақшаву барномаҳои таълимии онҳо таҷдиди назар карда шуданд. Имрӯз зарур аст, ки заминаҳои моддиву техникӣ ва имкониятҳои кадрии ин муассисаҳо ба таври ҷиддӣ беҳтар карда шаванд ва бо дарназардошти он, ки талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ мунтазам тағйир меёбад, бояд дар ин самт чораҳои саривақтиву муассир андешида шаванд» [19].

Вобаста ба иҷрои ин дастуру супоришҳо як қатор барномаҳои миллӣ ва лоиҳаҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, аз ҷумла, лоиҳаи «Қавигардонии таҳсилоти касбӣ» бо дастгирии

Бонки Осиёии Рушд, ки ба таҷдиди муассисаҳо, ҷорӣ намудани моделҳои модулӣ ва тақвияти ҳамкории бахши хусусӣ равона гардид.

Тавре аз муқоисаҳо бармеоянд, дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ афзоиши муассисаҳои таълимӣ ва фарогирии донишҷӯён ба онҳо зиёд гардидааст: «Дар давраи якуми соҳибистиқлолӣ (солҳои 1991-2001) шумораи муассисаҳои таълимӣ аз 43 то 50 адад расида, теъдоди донишҷӯён 23 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар давраи дуюми соҳибистиқлолӣ (2002-2016) шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, аз 50 то 65 адад расид ва теъдоди донишҷӯён низ ба 44 ҳазор афзуда, то 67, 105 нафарро ташкил дод» [7, с. 42].

То соли 2019 шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 75 адад расида, дар онҳо тайёркунии мутахассисон аз рӯи беш аз 160 ихтисос роҳандозӣ шуд. Инфрасохтори таълимӣ қисман таҷдид гардид ва шумораи донишҷӯён тамоюли афзоиш пайдо намуд.

Солҳои 2010-2020 давраи мустаҳкамсозии заминаҳои меъёрӣ, идорӣ ва инфрасохтории таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон буд. Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бо таъкиди ҳамгироии таълим бо бозори меҳнат, саҳмгузории бахши хусусӣ, навсозии стандартҳо ва таҷҳизонидани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ташаккули низомҳои арзёбӣ ва гузариш ба моделҳои муосири тайёркунии мутахассисон роҳнамо гардиданд. Ин сиёсат бо «Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020» ҳамгирост.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2015) самтҳои асосии ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушаххас карда шуданд. Вобаста ба ин, қабули низоми кредитӣ ҳамчун як қадами ҷиддӣ барои ҳамоҳангсозии таҳсилоти олии касбии кишвар бо меъёрҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими рақобатпазирии мутахассисон арзёбӣ мегардад. «Бо сабаби ба низоми кредитӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар роҳбарони ин муассисаҳоро зарур аст, ки меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пурра татбиқ намоянд ва доир ба масъалаи омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин восита самаранок гардонидани сифати таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешида, ба забономӯзии донишҷӯён ва ба ҷойи кор ҳозир шудани хатмкунандагон диққати махсус диҳанд» [21].

Ин мазмун ифодагари он аст, ки низоми кредитӣ на танҳо шакли ташкилии раванди таълим, балки омили мутобиқсозии он ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат мебошад. Ҳамчунин, ин тадбирҳо имконият фароҳам меоранд, ки раванди таълим аз шакли суннатӣ ба шакли инноватсионӣ гузарад, аз ҷумла, истифодаи озмоишгоҳҳои муосир, лабораторияҳои рақамӣ ва системаҳои идоракунии электронӣ. Ва дигар ин ки яке аз самтҳои муҳимми таълими кредитӣ омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мебошад. Дар ин маврид тавре Пешвои миллат таъкид менамоянд, бояд ба забономӯзии донишҷӯён ва таъмин намудани хатмкунандагон бо ҷойи кор диққати махсус дода шавад. Забономӯзӣ, бахусус, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, шарти асосии воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии илм ва технология ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби Роҳбари давлат вазифадор шуданд, ки ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмии мубоҳисавӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ грантҳои хурд ҷудо кунанд [21]. Ин иқдом ба ташаккули насли нави муҳаққиқон, ихтироъкорон ва соҳибкори инноватсионӣ мусоидат кард. Ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмӣ ва дастгирии лоиҳаҳои хурд муҳити эҷодкориро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақвият бахшид.

Ҳамин тавр, дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои низоми таҳсилоти олӣ ҳамчун дастуруламал хидмат намуда, зарурати татбиқи низоми кредитӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти муосир, такмили забономӯзӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти илмиро ба миён гузошт. Ин сиёсати давлатӣ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди неруи инсонии кишвар мусоидат намуд.

Таъмини шаффофият ва адолати иҷтимоӣ дар раванди қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз ҳадафҳои устувори сиёсати давлатии соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо иқдоми бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид, аз ислоҳоти муҳимми сохторӣ ва мазмунӣ дар низоми маорифи миллӣ мебошад. Маркази миллии тестӣ соли 2008 ҳамчун муассисаи давлатии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. «Бо

назардошти мақсад ва вазифаҳои дар назди муассиса гузошташуда, масъулият ва аҳаммияти натиҷаи фаъолияти он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, махсусан, соҳаи маориф ва таъсири он ба рушди минбаъдаи кишвар Маркази миллии тестӣ дар соли 2014 баъди ба истифода додани бинои наву муосири муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири техникӣ таҳти тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт» [7, с.81].

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар доираи сиёсати ислоҳоти маориф, зарурати таҳкими нақши Маркази миллии тестӣ пайваста таъкид гардида, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию рақамӣ ва таҳкими неруи зеҳнии ҷавонон ҳамчун ҳадафи аввалиндараҷаи миллӣ муаррифӣ мешавад. «Соли ҷорӣ [2014 – Н. Н.] қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бори аввал тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар Маркази миллии тестӣ ба роҳ монда мешавад. Мо ба ин кор дар асоси хоҳишу дархости зиёди падару модарон ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи кадрҳо, инчунин пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ дар ҷараёни имтиҳоноти қабул иқдом намудем. Дар иртибот ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор аст, ки рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамасола муайян ва ба аҳли ҷомеа пешниҳод намояд, то ки довталабон ихтисос ва мактаби олиро дуруст интихоб карда тавонанд» [20].

Бо татбиқи низоми ягонаи имтиҳонҳои марказонидашуда, ки тавассути воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ амалӣ мегардад, имконият фароҳам омадааст, ки раванди қабули донишҷӯён аз унсурҳои субъективизм, дахолати омилҳои беруна ва фасод эмин дошта шавад. Ба ин васила, Маркази миллии тестӣ ба баланд бардоштани эътимоди ҷомеа нисбат ба низоми маориф ва тақвияти меъёрҳои шаффофияти идорӣ мусоидат намудааст. Дар маврид Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Соли гузашта [2014 – Н. Н.] бори аввал қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ роҳандозӣ шуд, ки он талаби замон буда, омили асосии коҳишёбии шиддати кирдорҳои коррупсионӣ дар ин соҳа гардид. Масалан, солҳои қаблӣ то 20 фоизи довталабон ва падару модарони онҳо аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд, вале соли гузашта аз 52 ҳазор нафар довталаб танҳо 400 нафар шикоят намуданд, ки ин рақам ҳатто як фоизро ҳам ташкил намедиҳад» [21].

Фаъолияти Маркази миллии тестӣ танҳо ба самти қабули донишҷӯён маҳдуд намешавад, балки дар мавриди арзёбии сатҳи донишу малакаи хонандагон, таҳияи маводи тестӣ, омодасозии мутахассисон ва омӯзгорони фаннӣ, таҳлили оморӣ ва пешниҳоди тавсияҳои сиёсати маориф низ нақши муассир мебозад. Илова бар ин, марказ дар ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ ва марказҳои арзёбии байналмилалӣ таҷрибаҳои пешрафтаро ҷалб намуда, заминаи густариши рақобатпазирии миллиро дар фазои маориф фароҳам овардааст. Дар маҷмуъ, таъсиси Маркази миллии тестӣ ва рушди пайгиронаи он яке аз намунаҳои муваффақи сиёсати давлатии соҳаи маориф дар роҳи таъмини баробарҳуқуқӣ, шаффофият ва тақвияти неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳкими неруи инсонии соҳаи маорифро бидуни баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва бозомӯзии мунтазами онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Омӯзгор, ҳамчун шахси меҳварӣ ва субъекти марказии раванди таълиму тарбия, бояд пайваста малакаву маҳорати касбии худро такмил бахшида, ба талаботи замони муосир ва навгониҳои методиву технологӣ ҷавобгӯ бошад. Аз ин рӯ, дар Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ масъалаи баланд бардоштани савияи тахассус ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта, пайваста таъкид мегардад, ки сифати таҳсилот бидуни такмили мунтазами донишу маҳорати омӯзгорон таъмин шуда наметавонад. Зимни баррасии мавқеи омӯзгор дар рушди маориф Пешвои миллат иброз медоранд: «Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад» [20].

Бо мақсади фароҳам овардани низоми муассири такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳа, «Барномаи давлатии рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» таҳия ва амалӣ гардид, ки бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Пешвои миллат рӯйи кор омад ва яке аз санадҳои муҳим дар самти рушди касбии омӯзгорон маҳсуб меёбад. Ҳадафи асосии барнома ташкили механизми устувор ва пайвастаи такмили ихтисос мебошад, ки ҷавобгӯи талаботи замони муосир ва мутобиқ ба

стандартҳои миллию байналмилалии таҳсилот бошад. Вазифаҳои калидии он иборатанд аз: рушди иқтидори илмӣ-методӣ ва техникии муассисаҳои такмили ихтисос; ҷорӣ намудани низоми сесолаи такмили ихтисоси омӯзгорон; ташкили курсҳои бозомӯзӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва муосир; ҷорӣ намудани мониторинги муассир ва баҳодиҳии натиҷаҳои бозомӯзӣ; ташаккули муҳити рушди касбии пайвастаи омӯзгорон ва олимон.

Раванд ва натиҷаҳои амалигардонии барномаи мазкур мусбат арзёбӣ мешавад. Дар муқоиса бо солҳои қабл аз татбиқи барнома, шумораи омӯзгорону мутахассисоне, ки курси такмили ихтисосро гузаштаанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Баргузории курсҳои фосилавӣ ва онлайнӣ дар марказҳои такмили ихтисос имкони фарогирии омӯзгоронро аз минтақаҳои дурдаст фароҳам намуд. Ҳамзамон, таҳияи маводи методии рақамӣ ва электронии таълимӣ васеъ ҷорӣ гардида, омӯзиш бо усулҳои интерактивӣ ва шарикона бо муассисаҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуд. Шабакаҳои касбии омӯзгорон ва платформаҳои ҳамкорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ фаъол гардиданд. «Илова бар ин, барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон корҳои зиёди методӣ ба анҷом расонида мешуд. Бо ин мақсад дар назди мактабҳо ва шуъбаҳои маориф кабинетҳои методии байнимактабӣ ташкил гардида, дар онҳо семинарҳои назариявӣ ва сексияҳо барои муаллимон гузаронида мешуданд» [8, с.7].

Бо дарназардошти дастовардҳо, метавон натиҷагирӣ кард, ки масъалаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илм дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок пазируфта шуда, заминаи устувори рушди низоми таҳсилоти муосирро фароҳам овардааст. «Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми такмили ихтисос такони ҷиддиеро ба амал овард. Аз соли 1991 то соли 2024 дар донишкада зиёда аз 604229 нафар шунаванда аз рӯйи 69 ихтисос такмили тахассус намудаанд» [8, с. 5**]**.

Барномаи давлатии рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 тавонист ҷараёни такмили касбиро ба марҳалаи нав барорад ва механизмҳои навоваронаро дар низоми бозомӯзии омӯзгорон ҷорӣ созад. Аз ин рӯ, навсозии низоми такмили ихтисос бояд ҳамчун раванди пайваста ва дар ҳамоҳангӣ бо дигар барномаҳои миллии рушди маориф идома ёбад. Дар асри XXI илм ва технология ба яке аз меҳварҳои асосии рушди устувори миллӣ табдил ёфтаанд. Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати тақвияти фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ дар низоми маориф ва илмро пайваста таъкид менамоянд. «Тавре шумо медонед, имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи рушди илмҳои техникӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои муосир аҳаммияти муҳим пайдо кардааст. Лекин дар кишвари мо илмҳои дақиқ то андозае дар ҳошияи илмҳои гуманитарӣ ҷой гирифтаанд. Ин аст, ки имрӯз тафаккури техникиву технологии мо дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад. Албатта, сатҳи баланди тафаккури гуманитарӣ, ки мардумро ба худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва фарҳанги пурғановати миллати худ ҳидоят мекунад, бисёр муҳим аст. Вале танҳо дар асоси тафаккури гуманитарӣ мо аз илму техника ва технологияҳои муосир пурра бархӯрдор шуда наметавонем» [15].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти аҳаммияти бузурги илм дар таъмини рушди устувор, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, дар давраи солҳои 2011-2020 як қатор тадбирҳои муҳимми қонунгузорӣ, барномавиро дар самти рушди илм амалӣ намуд. Ин тадбирҳо дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ роҳандозӣ гардида, ба ташаккули низоми миллии илм ва ҳамгироии он ба равандҳои ҷаҳонии илмӣ мусоидат карданд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм дар ин давра тақвияти заминаҳои ҳуқуқию донишгоҳии рушди илм буд. Қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» (бо тағйиру иловаҳои нав), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологии инноватсионӣ» (2010), Стратегияи рушди илм ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015, Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, Барномаи давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ барои солҳои 2010-2020, Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ба танзими равандҳои таҳқиқотӣ, ҳавасмандсозии фаъолияти ихтироъкорӣ ва рушди иқтидори зеҳнии кишвар мусоидат намуданд.

Дар робита ба амалӣ гардонидани ҳадафҳои зикршуда, ҳаҷми маблағгузорӣ дар самти илм афзоиш ёфт. «Мо барои тараққӣ додани илми ватанӣ дар 15 соли охир 362 миллион сомонӣ сарф намудем ва пешбинӣ кардаем, ки дар 7 соли оянда ба ин самт зиёда аз 600 миллион сомонӣ равона созем. Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои академӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтирооти нав, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд» [20].

Аз ҷумла, натиҷаҳои татбиқи Барномаи давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ барои солҳои 2010-2020, ки ба баланд бардоштани сифати таълим дар фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ, беҳсозии заминаҳои моддию техникӣ ва озмоишгоҳии муассисаҳои таълимӣ, тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, рушди таҳқиқоти илмии амалӣ дар самтҳои зикршуда, дастгирии олимони ҷавон ва истеъдодҳои наврас нигаронида шуда буд, метавон чунин арзёбӣ кард:

1. Таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот. Тайи даҳ сол, барнома ва китобҳои дарсии фанҳои риёзӣ, химия, физика ва биология дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз нав таҳия ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шуданд.

2. Афзоиши шумораи мутахассисони соҳаи дақиқ. Бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон ба соҳаҳои техникӣ ва риёзӣ, бурсияҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла, Стипендияи байналмилалии Президентии «Дурахшандагон», ба самтҳои афзалиятнок равона карда шуданд.

3. Дастгирии олимони ҷавон ва таҳқиқоти амалӣ. Лоиҳаҳои зиёди илмии олимони ҷавон дар самти илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ маблағгузорӣ гардид.

4. Дастовардҳо дар арсаи байналмилалӣ. Хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ оид ба фанҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ садҳо медали тило, нуқра ва биринҷиро сазовор шуданд.

Барномаи мазкур дар низоми маориф ва илм нақши муассир бозида, ба сифати таълим, неруи зеҳнӣ ва рушди таҳқиқотҳо таъсири мусбат расонид.

Таҳлилҳо оид ба амалӣ гардонидани Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 низ мусбат арзёбӣ мегардад. «Агар дар соли 1991 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1835 нафар номзад ва 226 нафар доктори илм кор мекарданд, имрӯз [2014 – Н. Н.] шумораи онҳо мутаносибан ба 2124 ва 501 нафар расидааст, ки дар нисбати номзадҳои илм 10 фоиз ва дар нисбати докторони илм зиёда аз ду маротиба бештар аст» [7, с. 144].

Таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот ва иқтисодиёти миллӣ яке аз равандҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва инноватсия ба ҳисоб меравад. Ин раванд дар сиёсати давлатӣ ҳамчун навоварии стратегӣ дар самти рушди илму технология арзёбӣ гардида, дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ пайваста таъкид шудааст. «Ислоҳоти иқтисодӣ ва самарабахшии онро бе инкишофи илм таъмин намудан мушкил аст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумат дар сиёсати давлатии худ бо мақсади рушди илм ва истифодаи дастоварду иқтидорҳои он дар истеҳсолот ба таҳкими неруи илмии кишвар ва заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои илмӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, маблағгузории давлатии онҳоро тадриҷан афзун мегардонад. Лекин дар назар бояд дошт, ки афзоиши маблағгузории илм ва вусъат ёфтани таҳқиқоти бунёдӣ аз амалӣ гардидани назарияҳои илмӣ вобаста аст, ки дар натиҷаи он ҳам рушди илм ва ҳам соҳаҳои истеҳсолӣ таъмин карда хоҳад шуд» [14].

Яке аз абзорҳои муҳимми татбиқи ин сиёсати навоварона Парки технологии инноватсионӣ мебошад, ки заминаи ҳуқуқии он бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологии инноватсионӣ» (2010) фароҳам гардидааст. Қонуни зикршуда муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодиро барои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот муайян намуд. Қонун фаъолияти ширкатҳои инноватсионӣ, дастгирии давлатӣ, имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ва ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо бахши хусусиро танзим мекунад ва ҳадафи асосии он иборат аст аз татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ; ташкили ширкатҳои хурди инноватсионӣ; ҷалби сармоя барои татбиқи технологияҳои нав; пайваст намудани таҳсилоти олӣ бо истеҳсолот; рушди соҳаҳои муҳандисию техникӣ ва иттилоотӣ.

Дар заминаи ҳамин ҳадафҳо, робитаи илм бо истеҳсолот, воридшавии инноватсия дар низоми илмӣ ва муҳимтар аз ҳама, рушди илмҳое, ки бо иқтисодиёти кишвар робитаи бевосита

доранд, аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Академияи илмҳо бояд ҳамкории парки технологӣ ва инноватсиониро бо паркҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вусъат бахшида, ҷиҳати аз соли равон дар истеҳсолот ба роҳ мондани дастовардҳои инноватсионӣ тадбирҳо андешад. Аз ин лиҳоз, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, кишоварзӣ, дигар вазорату идораҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳамкориро бо Академияи илмҳо тақвият бахшида, ҷиҳати татбиқи дастовардҳои илм дар истеҳсолот тадбирҳои зарурӣ андешанд» [21].

Таъсиси Парки инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Маркази рушди соҳибкории инноватсионӣ дар назди ДМТ ва технопарки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун намунаҳои аввалини татбиқи қонун хидмат мекунанд. Дар ин паркҳо як қатор лоиҳаҳои инноватсионӣ ва истеҳсолоти таҷрибавӣ ба роҳ монда шуданд. Таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот тавассути Парки технологии инноватсионӣ дар давраи солҳои 2010-2020 дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як равиши муҳим табдил ёфт. Ин механизм ҳамчун замина барои рушди иқтисоди навоварона ва баланд бардоштани самаранокии илму истеҳсолот хизмат менамояд. Дар шароити рушди давлатдории миллӣ ва афзоиши ниёз ба иқтидори зеҳнӣ, низоми аттестатсияи илмӣ яке аз заминаҳои калидии сиёсати илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. То соли 2014 додани унвонҳои илмӣ ва ҳимояи рисолаҳо асосан дар ҳамоҳангӣ бо Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия сурат мегирифт. Вале бо мақсади таъмини истиқлоли низоми миллии илм ва мутобиқ намудани он ба талаботи миллии таҳқиқотӣ ва таълимӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014, №255 Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Ин иқдом ҳамчун ислоҳоти муҳим дар низоми илм ва таҳқиқоти касбӣ арзёбӣ мешавад, ки бо он марҳалаи сифатан нави идоракунии илм дар кишвар оғоз гардид. То он вақт камбудиҳо дар шеваи баҳодиҳии рисолаҳо, тақаллуб дар ҳуҷҷатҳо, мавҷудияти плагиат ва нобудии стандартҳои миллии шаффоф низоми илмиро дучори мушкил месохт. Дар чунин шароит, таъсиси ниҳоди миллии баҳодиҳандаи сатҳи илмӣ на танҳо ҷавоб ба талаботи замон, балки амри зарурии сиёсати давлатӣ буд. Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки «ягона тақозои давлат аз олимону муҳаққиқон ин аст, ки илмро ҳамқадами замон созанд. Ба ибораи дигар, илм бояд ба халқ хидмат кунад ва ба пешрафти давлат мусоидат намояд» [20].

Комиссияи олии атестатсионӣ дар давоми як даҳсола самтҳои зеринро мавриди амал қарор додааст: танзими низоми миллӣ барои додани дараҷаҳои илмӣ, аз ҷумла, номзади илм ва доктори илм; таҳия ва татбиқи талаботи миллӣ барои навишт ва ҳимояи рисолаҳо; мубориза бо плагиат тавассути системаҳои махсуси санҷиши аслияти матнҳо; татбиқи заминаи электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ки равандҳоро шаффоф ва суръатнок мекунад; мутобиқсозии стандартҳои миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, бахусус, дар соҳаи маъхазҳо, мураттабсозии таҳқиқот ва ахлоқи илмӣ.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар (18.03.2020) изҳор доштанд, ки «аз замони таъсиси комиссия то ба имрӯз дар кишвар 56 шурои диссертатсионӣ ва 15 шурои экспертӣ таъсис ёфтааст. Дар муддати се сол ба ин муассиса 651 рисола ворид шудааст. Аз ин шумора 415 рисолаи илмӣ тасдиқ ва 30 нафар соҳиби дараҷаи илмии доктори илм, 379 нафар соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардидаанд. Бо вуҷуди ин, шумораи рисолаҳои илмии ҳимояшуда дар муқоиса бо кишварҳои пасошуравӣ хеле кам буда, ҳоло ҳам дар муассисаҳои таълимиву илмӣ норасоии мутахассисони дараҷа ва унвонҳои илмидошта баръало эҳсос мегардад» [10].

Комиссияи олии аттестатсионӣ ҳамчун як ниҳоди миллии стратегӣ дар рушди низоми илмӣ ва маорифи Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Дар шароити афзоиши рақобати байналмилалӣ, вазифаи муҳимтарини КОА таҳкими минбаъдаи меъёрҳо ва таъмини ҳамоҳангии онҳо бо стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Муассир намудани фаъолияти он, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос аз ҷумлаи талаботи муҳимми рӯз аст.

**(Идома дорад)**

# ҚАБУЛИ ҚАТЪНОМАИ «ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА КРИОСФЕРА»

## *қадами устуворе дар масири мутобиқнамоии ноҳияҳои кӯҳсор ба гармшавии глобалии иқлим*



**Номвар ҚУРБОН – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири лабораторияи моделкунонии захираҳои об ва равандҳои иқлими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Мушкилоти тағйирёбии глобалии иқлим, норасоии оби нӯшиданӣ ва коҳишёбии пиряхҳо, ки масоили мураккабу ба ҳам алоқаманд мебошанд, барои тамоми кишварҳои кураи арз бағоят муҳим ва дар айни ҳол хатарнок арзёбӣ мегарданд, зеро дар шароити муосир равандҳои тағйирёбии иқлим хеле вусъат ёфта, таъсири назарраси онҳо танҳо захираҳои табиӣ, минҷумла, захираҳои обу пиряхҳо, балки тамоми ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоиро фаро гирифта, рушди устувори кишварҳоро халалдор менамояд.**

Аз ин рӯ, гармшавии глобалии иқлим, коҳишёбии захираҳои об, таназзулёбии босуръати пиряхҳо ва афзоиши хатари офатҳои марбут ба обу иқлим ба мавзуъҳои меҳварии рӯзномаи ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Дар ҳалли мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим захираҳои об ва ҳифзи пиряхҳо созмонҳо ва созишномаҳои минтақавию байналмилалӣ нақши бағоят муҳим доранд.

Дар самти мубориза ба тағйирёбии иқлим дар миқёси ҷаҳонӣ ҳанӯз соли 1979 нахустин Конфронси ҷаҳонӣ оид ба иқлим баргузор гардида, дар натиҷаи он Барномаи ҷаҳонии иқлим қабул гардид. Дар асоси ин барнома Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (WMO) ва Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEP) соли 1988 Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлимро (IPCC) таъсис доданд. Гурӯҳи мазкур аз соли 1990 инҷониб доир ба мушкилоти тағйирёбии глобалии иқлим гузоришҳоеро таҳия менамояд, ки фаъолияти Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлимро (UNFCCC) ҳамчун созишномаи байналмилалии асосӣ дар ин самт тақвият мебахшанд. Гурзоришҳои арзёбии ҳолат ва дурнамои иқлими ҷаҳонӣ солҳои 1990, 1995, 2001, 2007, 2014 ва 2022 интишор ёфтаанд ва ҳамаи онҳо хусусияти антропогенӣ доштани гармшавии глобалии



иқлимро ҷонибдорӣ менамоянд. Зиёда аз ин, аввалин ҷаласаи байналмилалӣ дар бораи тағйирёбии иқлим соли 1966 дар шаҳри Лос-Анҷелес бо иштироки олимони ИҶШС ва ИМА баргузор гардид, ки зимни он таваҷҷуҳи асосӣ ба масоили устувории яххои баҳрии ноҳияҳои қутбӣ дар шароити тағйирёбии антропогении иқлим равон гардид.

Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, доир ба масоили марбут ба захираҳои об дар тӯли таърих зиёда аз 3600 созишномаи байналмилалӣ ба имзо расида, бархе аз онҳо ба киштиронӣ, моҳидорӣ ва аломатгузории марз тааллуқ доштанд. Танҳо аз нимаи асри XIX инҷониб беш аз 400 созишномае қабул гардид, ки истифодаи обро ҳамчун захираи табиӣ танзим менамоянд. Сарфи назар аз шумораи зиёди шартномаҳои байналмилалии амалкунанда дар бораи истифодаи обҳои фаромарзӣ, аввалин кӯшиши ба низом

даровардани меъёрҳои татбиқшавандаи ҳуқуқи байналмилалии соҳа дар миёнаи солҳои 60-уми асри XX аз тарафи Ассотсиатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом дода шуд. Яъне, дар асоси омӯзиши шартномаҳои байналмилалӣ, урфу одатҳо ва амалияи суди байналмилалӣ, ассотсиатсияи мазкур соли 1966 дар шаҳри Хелсинки «Қоидаҳои истифодаи обҳои дарёҳои байналмилалӣ»-ро, ки бо номи *Қоидаҳои Хелсинки* маъруфанд, таҳия ва қабул кард. Ҳамин тавр, соли 1992 аз тарафи Комиссияи иқтисодии авруопии Созмони Милали Муттаҳид муоҳида оид ба ҳифз ва истифодаи маҷрои обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шуд, ки аз соли 1996 мавриди амал қарор дорад. Муоҳидаи мазкур доираи амали универсалӣ дошта, асосҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои кишварҳоро дар бахши ҳифз ва истифодаи оқилонаи обҳои фаромарзӣ фароҳам меорад. Муқаррароти он на ба идоракунии захираҳои об, балки ба самти қоидаҳои умумии мушкилоти экологӣ нигаронида шудааст. Ба муоҳидаи мазкур дар шаҳри Лондон соли 1999 Протокол оид ба масоили об ва саломатӣ қабул гардид, ки пешгирӣ, маҳдуднамоӣ ва кам кардани хатари паҳншавии бемориҳои марбут ба обро фаро мегирад.

Дар самти омӯзишу пажуҳиши пиряхҳо бошад, нахустин Комиссияи байналмилалии пиряхҳо соли 1894 зимни баргузории Конгресси VI байналмилалии геологӣ дар шаҳри Сюрих (Швейтсария) таъсис ёфта, ба мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо асос гузошт. Вале дар он вақт олимон дар бораи мушкилоти тағйирёбии иқлим ва ё гармшавии иқлим таассуроти дурусте надоштанд. Сипас дар доираи Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ барои солҳои 1965-1974 таҳти сарпарастии Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (UNESCO) зарурати тақвияти донишҳои илмӣ, пешбурди маориф ва омода кардани мутахассисон дар самти ҳифз ва истифодаи захираҳои об ба миён гузошта шуда шуд. Дар баробари ин, барӯйхатгирии ҷаҳонии массаи бисёрсолаи ях ва барф яке аз ҳадафҳои меҳварии даҳсолаи мазкур арзёбӣ шуда, дар натиҷаи он соли 1975 Барномаи байналмилалии гидрологӣ таҳия ва қабул гардид. Сипас соли 1986 аз тарафи UNEP, UNESCO ва WMO Хадамоти мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо (WGMS) доир ба нигоҳдории маълумотҳои мушоҳидаю тағйирот дар пиряхҳои сайёра ба фаъолият шуруъ кард. Барномаи байниҳукуматии гидрологии UNESCO бошад, бахшида ба 100-солагии мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо китоби «Дар асри дуюми мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо»-ро (соли 1988) ба нашр расонида, «Таснифи байналмилалии барфҳои мавсимӣ дар сатҳи Замин» (соли 2009) ва «Луғати (Глоссарий) тавозуни массаи пиряхҳо ва истилоҳоти марбут ба он»-ро (соли 2011) таҳия ва интишор намуд.

Сарфи назар аз таърихи иҷмолии болозикр, дар бораи ташаккул ва пешрафти кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим, истифодаи захираҳои об ва ҳифзи пиряхҳо ҳеҷ яке аз ин иқдомҳо натавонистанд, чун ташаббусҳои ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти марбут ба ин се ҷузъи ба ҳам алоқаманди табиати сайёраро, ки динамикаи яке аз онҳо ба дигаргунии системаи дигар ҷузъҳо оварда мерасонанд, пайваста ва мунтазам пайгирӣ намуда, баҳри бартарафнамоии пайомади онҳо тадбирҳои мушаххасу саривақтӣ пешниҳод созанд. Зеро ташаббусҳои байналмилалии Пешвои муаззами миллат дар соҳаи обу иқлим – *Соли байналмилалии оби тоза* (соли 2003), *Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об* (соли 2013), *Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо* (соли 2025), *Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера (солҳои 2024-2025)* ва *Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлим барои рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором* (25.04.2025) дар асоси андешаву таҳлилҳои борикбинона, мӯшикофона ва нуктасанҷонаи бевоситаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омада, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта, дар заминаи ин иқдомот Созмони Милали Муттаҳид 15 қатъномаи дахлдор қабул кардааст, ки далели равшани каломи болост.

Ҳамзамон, дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат солҳои 2003-2025 дар Душанбешаҳр 11 форум ва конфронсҳои сатҳи баланд доир гардиданд, ки бархе аз онҳо аввалин маротиба баргузор шуданд ва инчунин, дар миқёси байналмилалӣ назир надоранд. Аз ҷумла, дар доираи аввалин ташаббуси ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 29.08-01.09.2003 нахустин Форуми байналмилалӣ оид ба мушкилоти оби тоза доир гардид, ки Душанбешаҳрро ба

«пойтахти ҷаҳон оид ба оби тоза» табдил дод. Дар баробари ин, дар таърихи беш аз 130-солаи мушоҳидаву пажуҳиши пиряххо, маҳз дар доираи иқдоми панҷуми ҷаҳонии Пешвои миллат, рӯзҳои 29-31.05.2025 нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо баргузор гардид. Ҳамчунин, дар доираи ташаббуси дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», пас аз 46 сол дуюмин конференсияи сатҳи ҷаҳонӣ, яъне, Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об (22-24.03.2023) баргузор гардид. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро конференсияи таърихӣ номида, иброз доштанд, ки «*Конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дувум – баъди қариб 50 сол ба вуқӯъ пайваст. Мо – мизбонони Конфронс дар ин ҷода талошҳои зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯи натиҷаҳои самарабахши худ таърихӣ хоҳад гардид*».

Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо дар баробари аввалин конференсияи сатҳи ҷаҳонӣ дар самти омӯзиш, мушоҳида ва ҳифзи пиряххо будан, на танҳо барои тасдиқи амалии қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 21 март – Рӯзи ҷаҳонии пиряххо замина гузошт, балки дар доираи он саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири татбиқи қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ (A/RES/77/172) таҳти унвони *Нақшаи панҷсолаи амал барои рушди навоҳии кӯҳсор барои солҳои 2023-2027* муттаҳид гардид, харитаи роҳ барои расидан ба ҳадафҳои *Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера барои солҳои 2024-2025* муайян карда шуд, ҳадафҳои амалии *Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳо барои солҳои 2015-2030* тақвият ёфтанд, натиҷаҳои миёнамуҳлати татбиқи аҳдофи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ҳамаҷониба баррасӣ гардиданд ва дигар амалҳои марбут ба об ва уҳдадориҳои сиёсӣ дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла, тавассути Рӯзномаи амалиёти об, барои ҳалли мушкилоти соҳаҳои об, иқлим ва пиряххо густариш ёфтанд.

Тибқи маълумоти UNESCO ва WMO, тақрибан 70% оби ширини нӯшиданӣ дар саросари ҷаҳон дар пиряххо ва лавҳаҳои яхӣ мавҷуд буда, бинобар тағйирёбии глобалии иқлим ташаккулёбии пиряххо босуръат коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, ҳифзи ин захираҳои ҳаётан муҳим барои устувории экологӣ, суботи иқтисодӣ ва инчунин, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва васоити зиндагӣ бағоят муҳим аст, зеро пиряххо, алалхусус, пиряххои ноҳияҳои кӯҳсор на танҳо дар тавозуни гидрологию метеорологӣ, балки иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо нақши муҳим доранд. Онҳо дар баробари захира намудани оби ширин, ба шароитҳои иқлимӣ, реҷаи гидрологӣ, рушди сайёҳӣ ва вазъи иҷтимоию фарҳангии ҷамоаҳои маҳаллӣ низ таъсир бевосита мерасонанд.

Боиси ифтихор аст, ки зимни баргузории Иҷлосияи 7-уми Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEA) рӯзҳои 8-12 декабри соли 2025 дар қароргоҳи Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEP) дар шаҳри Найроби (Кения) қатъномаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» бо иттифоқи оро қабул гардид. Мавзуи меҳварии иҷлосия «*Таҳияи роҳҳои ҳалли устувор барои сайёраи устувор*» унвон дошта, дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба имконоти рушд ва мутобиқнамоии ноҳияҳои кӯҳӣ дар шароити муосир, махсусан, дар раванди тағйирёбии глобалии иқлим равона шудааст. Ҳамчун ҳуҷҷатҳои натиҷавии UNEA-7 11 қатънома қабул шуда, қатъномаи 10-ум (UNEP/EA.7/Res.10) – «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» аз тарафи ду кишвари кӯҳсор – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Перу пешниҳод гардидааст. Қабули қатномаи мазкур бори дигар нақши назарраси Тоҷикистонро таҳти сарварӣ ва роҳнамоии бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим, аз ҷумла, ҳифзи пиряххо дар арсаи ҷаҳонӣ собит намуд.

Қабули қатъномаи «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» далели бармалои эътирофи баланди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешоҳанги ҳалли масоили марбут ба об, иқлим ва пиряххо буда, нақши бузурги Тоҷикистонро дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҳифзи муҳити зист ва таъмини ояндаи устувори башарият нишон медиҳад, зеро иқдоми мазкур идомаи мантиқии ташаббусҳои қаблии байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим буда, аз ҳамаи давлатҳои аъзо ва шарикони рушд даъват ба амал меорад, ки саъю талошҳои худро дар самтҳои андешидани

тадбирҳои саривақтӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо, мубориза бо тағйирёбии иқлим, густариши ҳамкории байналмилалӣ ва баланд бардоштани устувории экологӣ тақвият бахшанд. Дар робита ба ин мавзуи бағоят муҳим, ҳассос ва ҳалталаб, Пешвои миллат зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор доштанд: «*Мавзуи ҳифзи пиряхҳо, омӯзиши илмҳои криосфера ва амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонӣ доранд*». Маҳз бо мақсади пурсамар намудани фаъолияти илмӣ, густариш додани тадқиқоти илмӣ ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои илмӣ ва муаррифию амалинамоии иқдомҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ Сарвари давлат Муассисаи давлатии илмию тадқиқотии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳо»-ро ба Муассисаи давлатии илмию тадқиқотии «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳо» табдил доданд.

Ҳамин тавр, қабули қатъномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «*Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера*» дар Иҷлосияи 7-уми Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ҳамчун рӯйдоди муҳим ва дорои аҳаммияти таърихӣ арзёбӣ гардида, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масоили марбут ба пиряхҳо ва криосфера ҷалб менамояд, роҳҳои ҳалли мушкилоти онро нишон медиҳад, масирро барои ҳамкориҳои байналмилалӣ тақвият мебахшад ва ба таъмини амнияти иқлимию рушди устувори экологӣ шароиту заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Сади Роғун шумори қуллаҳоро мекунад афзун,
Чу кӯҳе устувор истода ин уммеди истиқлол.

Уқоби авҷи озодист гӯё бар ситеғи кӯҳ
Ватансозе, ки бошад бар ҷаҳон аз диди истиқлол.

Бувад ҳар чархаи Роғун ҳарифи чархаи гардун,
Ки бо ҳар гардиши худ мекунад тавлиди истиқлол.

**Рустам Ваххобзода**

# САДАИ БОСТОНӢ – БОЗТОБИ ШОДЗИСТИЮ ҲАМБАСТАГӢ



Нозим НУРЗОДА – мудири шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди раёсати АМИТ

**Иртибот додани оину ҷашнҳо ба ҳодиса ё воқеае дар силсилаи таҷлилоти оинӣ ва ҷашнии мардуми форсу тоҷик (ва фикр мекунам, тамоми мардуми дунё) аз воқеъбинии мардум гувоҳӣ медиҳад.**

**Бо таваҷҷуҳ ба Сада ҳамчун ҷашни шодзистию ҳамбастагӣ, ба чанд нуктаи иҷмолӣ ишора мекунем.**

**Якум**. Мунтаҳо, ҷашн қолаби фарҳангиест, ки ҳолати равонӣ ва фикрию ахлоқии мардумро дар макону замон ва ҷуғрофиёи мушаххас таъйину таъйид мекунад. Дар ин қолаби фарҳангӣ хамирмояи ҳувияти қавмӣ ва миллӣ рехта мешавад ва чун риштаи дарозе дар бастаи фарҳанги маънавӣ печиш меҳӯрад ва бо гузашти замон устувор мегардад. Ин аст, ки мардум аз бомдоди вуҷуд барои осудагию оромиши хотир ҷашну оинҳо мебофтанд ва барои тақвияту идомати онҳо маросими махсус ихтисос дода, бад-ин минвол, умри ҷашнҳоро дароз мекарданд. Рабт додани оину ҷашнҳо ба ҳодиса ё воқеае дар силсилаи таҷлилоти оинӣ ва ҷашнии мардуми форсу тоҷик (ва фикр мекунам, тамоми мардуми дунё) аз воқеъбинии мардум гувоҳӣ медиҳад. Дигар ин ки мардум ва дастандаркорони ҷашнҳои бостонӣ барои хушҳолӣ ва болидагии руҳию равонии ҷомеа, ҳамчунин, баҳамойӣ ва ҳамбастагии қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ маросими вижа тартиб мекарданд ва аз ин тариқ оинҳоро машруият мебахшиданд. Бар ин асос ҷашну оинҳои бостонии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Ялдо, Сада ва амсоли инҳо, ки барномарезиҳои инсонӣ дар қиболи мушкилоти рӯзмарраи зиндагӣ маҳсуб меёбанд, созмон ва давра ба давра интиқол ёфта, то ба замони мо расидаанд. Аз ин ҷост, ки ҷашну маросими миллию мардумӣ ифодагари ҳувияти миллӣ буда, тӯлонияти собиқаи умри фарҳангу маънавиёт ва сиёсату ахлоқиёти ҷомеаро ифода мекунанд.

**Дувум.** Ба назари донишмандон, ҷашни Сада аз куҳантарин ҷашнҳои гурӯҳӣ ва иштирокии мардуми иронитабор маҳсуб меёбад. Дар **шомгоҳи даҳуми баҳманмоҳ мардум ба баландии кӯҳҳо ва бомҳо баромада, оташ меафрӯхтанд ва ин суннат то имрӯз дар баъзе минтақаҳо то ҷое боқӣ мондааст.** Мардум дар гирди **гулхан ҷамъ омада, бо забони худ шеъру таронахонӣ мекарданд ва хурешду гармиро даъват менамуданд. Дар баъзе минтақаҳо ба хонишҳои садавӣ, ҳамчунин, бозӣ ва дигар намоишҳои ҷамъӣ зам мешуданд.** Ба ин маънӣ:




*Ба даҳи моҳи баҳман шомгоҳон,*
*Ҳама ҷамъ омада пиру ҷавонон,*
*Бибин, ҳезум биоварда фаровон,*
*Аҷаб зебо кунанд оташ фурӯзон,*
*Ба гирди оташи ҷашни ниёгон,*
*Суруд хонад яке, дигар ғазалхон,*
*Кунун хушҳолӣ карда аз дилу ҷон,*
*Сада ҷашни шукӯҳи насли инсон.*

Пажуҳишгари иронӣ Ризо Муродии Ғиёсободӣ дар матлаби ихтисосии «Ҷашни Сада: Ҷашни бузурги оташ бо хостгоҳи кайҳонӣ» бар он ишора мекунад, ки Сада дар гузашта дар густараи паҳноваре аз **Осиёи Сағир (Онотолӣ) то устони Синкёнг (Шинҷон)-и Чин таҷлил мегардидааст**. Ба ин тартиб, дар миёни ҳама ақвому табор, новобаста аз адёну мазоҳиб Сада

ҷашн гирифта мешудааст ва монанди Наврӯз сарчашмаҳои таърихӣ аз он ёд кардаанд. Ҳамчунин, мавсуф ба он ишора мекунад, ки Сада бо номҳои гуногун миёни мардум маъруфият доштааст ва мардум, новобаста аз тааллуқоти миллию нажодӣ ва динию мазҳабӣ, ба ҷашн фаро гирифта мешуданд. Мардум **оғози шомгоҳи даҳуми баҳманмоҳ болои бом баромада, ҳезум ҷамъоварӣ карда, гулхан меафрӯзанд. Даҳуми баҳманмоҳ чиҳилумин рӯзи таваллуди хуршед аст ва мардум дар доираи ҷашни Сада чиҳилумин рӯзи таваллуди хуршедро таҷлил мекунанд.** Вожаи «Сада» **<u>дар «Авасто» ба маънии тулуъ ва ғуруб ва фарозу фуруди хуршед омадааст.</u>** Ин аст, ки Сада дар баробари ҷанбаҳои оинию маросимӣ, иҷтимоию маданӣ, фалсафӣ, ҳамчунин, ҷанбаи кайҳонӣ низ дорад ва **ҳодисаи тулуъу ғуруби ду ситораро ба ин мисол меоваранд (ниг.:** Манбаъ: http://ghiasabadi.com/jashnesada.html**).**

**Севум.** Сада дар мақоми як барномаи муҳимми стратегӣ дар роҳи мубориза алайҳи беҳувиятӣ, худбохтагӣ, ҷаҳолатписандӣ, нодонӣ, бечоранолӣ, хурофазадагӣ ва бегонапарастӣ моро кумак мекунад ва вежагиҳои ҳувиятиеро мисли худкифоӣ, худбоварӣ, баҳамойӣ, эътимод ба нафс ва худсозиро буруз медиҳад. Бар илова, Сада дар самти пирӯзӣ бар хатари хурофазадагию бегонапарастию хирадситезӣ, ки миёни насли наврасу ҷавони ҷомеа нуфузи ҷашмгире пайдо кардааст, моро даст мегирад. Ин аст, ки:

***Сада ҷашне пур аз рамзу рамузӣ,***
***Ба рағми сардиҳо оташфурӯзӣ,***
***Ба истиқболи гармӣ Садасӯзӣ,***
***Ба дунё бо фазилат дидадӯзӣ,***
***Ғуруру ҳиммату қудратбурузӣ,***
***Фари шоистарӯзӣ!***

**Чаҳорум**. Аз сатҳи як ҷашну суннату маросими шодию баҳамойӣ то ба сатҳи як барномаи стратегии сиёсию мафкуравӣ боло бардоштани Сада. Дар ин замина ташаббусоту ибтикороти зиёде бояд рӯйи даст гирифт, аз ҷумла:

- ба ҷашни хонаводагӣ, миллию меҳанӣ ва ҷашни карнавалӣ табдил додани Сада ва дар ин замина ташкил кардани гаштугузору саёҳати ҷашнӣ. Вежагии карнавалӣ гирифтани Сада ва сори ҷашнҳои миллӣ маънои густурдагӣ ва паҳнои маданию марзии ҷашнро дорад, ҷаро аз тариқи карнавали садавӣ мардум либосҳои рангоранги идона пӯшида, бо шодию сурур хушҳолӣ мекунанд ва якдигарро ба созу тараби ҷашнӣ даъват менамоянд;
- аз тариқи ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ тарғиби саросарии Сада ва маросими ҷашнӣ;
- бо баргузории маросими садавӣ роҳандозӣ намудани барномарезиҳои тарбиятии миллию дунявӣ, мубориза бо хушкандешони мазҳабӣ ва хурофазадагону ифротгароёни динӣ.

**Панҷум**. Бегонагон ва душманони миллат ҳамеша бо Сада, ҳамчуноне ки бо Наврӯзу Меҳргону Ялдо ҷанг эълом карда буданд, сарсахтона мубориза бурдаанд. Аз назари бузургон, ба хатар афтодани ҷашнҳои Наврӯзу Сада маънои ба хатар мувоҷеҳ гардидани сарзамин ва марзу бумро доштааст. Масалан, вақте ки Баҳроми Чӯбина аз хатари вуруди лашкари Савашоҳи турк сухан дар миён меорад, ба мардум бонги изтироб мезанад:

***Кунад бо замин рост оташкада,***
***На Наврӯз монад, на ҷашни Сада.***

(ниг.: Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. – Ҷилди нуҳум. – Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. – С.34)

Ё ин ки:

***Аз ин зоғсорони беобу ранг,***
***На ҳушу на дониш, на ному на нанг.***
***Ҳам оташ бимирад ба оташкада,***
***Шавад тира Наврӯзу ҷашни Сада.***

(ниг.: Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. – Ҷилди нуҳум. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. – С. 274)

Илова бар ин, Фирдавсӣ эҳтирому арҷгузорӣ ва нигаҳдорию ҳифзи оину ҷашнҳои миллии Наврӯзу Садаро аз мушаххасоти ҳувиятию инсонӣ талаққӣ карда, аз ҳамватанон даъват ба амал овардааст, ки тавассути ҳифзу нигаҳдошти ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ обрӯву иззати миллатро нигаҳбонӣ кунанд:

***Нигаҳ дорад ойини ҷашни Сада,***
***Ҳамон фарри Наврӯзу оташкада.***

(ниг.: Фасоӣ, Мансур Растагор. Бахти ту пирӯз бод. //Паёми андеша. Соли аввал, шумораи чаҳорум, марти 1998. – С. 5)

Ба ин маъно, аз тариқи ҳифзу муаррифии шоистаи аносиру абзори ҳувиятсози миллӣ – Садаву Наврӯз ва Тиргону Меҳргону Ялдо бо таҳоҷумоти сиёсию фарҳангии берунӣ муқовимату мубориза бояд кард, то ин ки миллатро сиҳҳату саломат ба сарманзили мақсуд бирасонем.

**Шашум**. Ҳанӯз дар асрҳои миёна ҷиҳати аз саҳнаи сиёсию ҷашнӣ ва оинию суннатӣ берун бурдани Сада ва Наврӯз талошҳои зиёде сурат гирифтаст. Аз сӯйи дигар, бисёр мутафаккирони мо дар асрҳои миёна, мутаассифона, алайҳи ҷашнҳои миллӣ бо шумули Наврӯзу Сада қиём карданд ва бо ин роҳ, ба истилоҳ, бегонасолориро ривоҷ доданд (ниг.: Риёҳӣ, Муҳаммад Амин. Гулгашт дар шеър ва андешаи Ҳофиз. – Теҳрон, 1374. – С. 34). Масалан, Муҳаммад Ғазолӣ (1058-1111) дар китоби «Кимиёи саодат» зимни мункироти бозорҳо чунин мегӯяд: «… ва шамшеру сипари чӯбин фурӯшанд барои Наврӯз ва буқи сафолин барои Сада ва аз ин чизҳо баъзе ҳаром аст, баъзе макруҳ. Аммо… он чӣ барои Сада ва Наврӯз фурӯшанд, чун сипар ва шамшери чӯбин ва буқи сафолин, ин дар нафси худ ҳаром нест, валекин изҳори шиори габргон аст, ки мухолифи шаръ аст ва аз ин ҷиҳат нашояд. Балки ифрот кардан дар оростани бозор ба сабаби Наврӯз ва қатоифи бисёр кардан ва такаллуфҳои нав сохтан барои Наврӯз нашояд, балки **Наврӯз ва Сада бояд мундарис шавад ва касе номи он набарад.**

То гурӯҳе аз салаф гуфтаанд, ки рӯза бояд дошт, то аз он таомҳо хӯрда наояд ва шаби Сада чароғ фаро набояд гирифт, то аслан оташ набинанд ва муҳаққиқон гуфтаанд: Рӯза доштан ин рӯз ҳам зикри ин рӯз бувад ва нашояд, ки номи ин рӯз баранд ба ҳеҷ ваҷҳ, балки бо рӯзҳои дигар баробар бояд дошт ва **шаби Сада ҳамчунин, чунонки аз ӯ худ ному нишон намонад»** (ниг.: Ғазолӣ, Муҳаммад. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал. Ба кӯшиши Аҳмади Ором. – Теҳрон, 1333. – С. 407**)**.

**Ҳафтум**. Хушнудию хушҳолӣ ва шӯхию бозӣ асоси ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла, Садаро ташкил медиҳад. Махсусан, шухию бозӣ ва рақсу хушнудии духтарон бо нозу ишвагариҳо, ки ҳамагӣ хушҳолиро таҷассум мекунанд, Садаро минҳайси ҷашни матраҳи миллӣ-дунявӣ ба намоиш мегузорад. Масалан, Ҳаким Низомӣ дар «Шарафнома» аз оину суннат ва маросими ҷанбаи миллӣ-дунявидоштаи ҷашнҳои куҳани Наврӯзу Сада ёдовар мешавад:

***Ба Наврӯзи Ҷамшеду ҷашни Сада,***
***Ки нав гаштӣ оини оташкада,***
***Зи ҳар сӯ арусони нодидашӯй,***
***Зи хона бурун тохтандӣ ба кӯй.***
***Рух ороста, дастҳо пурнигор,***
***Ба шодӣ давидандӣ аз ҳар канор.***
***Муғона майи лаъл бардошта,***
***Ба ёди муғон гардан афрошта.***
***Зи Барзини деҳқону афсуни Занд***
***Бароварда дуде ба чархи баланд.***
***Ҳама корашон шӯхию дилбарӣ,***
***Гаҳ афсонагӯйӣ, гаҳ афсунгарӣ.***

(ниг.: Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса. Шарафнома. – Душанбе: «Адиб», 2012. – С.127-128)

**Ҳаштум.** Ҷашни Сада қабл аз ислом, дар замони исломӣ, давраи Хоразмшоҳиён ва то ҳамлаи муғул миёни амирону ҳокимону мардуми одӣ таҷлил мегардид. Бузургтарин ва машҳуртарину бошукӯҳтарин ҷашни Сада дар замони шоҳзодаи иронӣ, бунёдгузор ва нахустин амири Дудмони Зиёриён (930-935) Мардовиҷ ибни Зиёр (890-935) соли 323 ҳиҷрӣ дар Исфаҳон баргузор гардид. Ӯ ҷашни бошукӯҳе тартиб дод ва дар охири ҷашн ба дасти мухолифонаш кушта шуд. Ҷашни дигаре, ки дар хотири мардум боқӣ мондааст, таҷлили садавиест, ки дар замони Султон Масъуди Ғазнавӣ (1030-1041) дар соли 430 ҳиҷрӣ доир карда шуд.

Ҳарчанд ки Сада ҷашни динӣ нест, зардуштиён ба он созу баргҳое илова карда, бар мабнои муътақидоти оинӣ маросиме ҷӯр кардаанд. Ба ин тартиб, мубад ҳангоми афрӯхтани гулхани садавӣ назди гулхан меояд, бо мардум дар хушҳолӣ шарик мешавад, гирди оташ мегардад ва

дуову авроди мазҳабӣ мехонад. То хомӯш шудани оташ ва пойин рафтани гулхан мардум гирди он менишастанд, шодию нишот мекарданд, рақсу бозиҳо ҷӯр менамуданд, афсонаю қиссаҳо мепардохтанд ва ҳамин тавр, хушҳолӣ менамуданд. Баъдан хокистари оташро деҳқонону кишварзон ғун дошта, ба киштзору мазраъаҳо мерехтанд, ба умеди баракату серҳосилии замин.

Дар маҷмуъ, аз тариқи анҷом додани маросиму суннатҳои садавӣ мардум ҷиҳилумин рӯзи таваллуди нуру хуршеду офтобро таҷлил мекарданд ва умеду орзуи пирӯзии рӯшанию нур бар торикию зулмотро дар қалбҳои хеш нигоҳ медоштанд. Яъне, аз даст надодани умеду орзу ва ҳамеша ба зиндагӣ дилгарм будан асосу моҳияти ин гуна тадорукот ва дар маҷмуъ, ҷашнсозиҳои мардуми моро ташкил медодааст.

**Нуҳум.** Ба таври куллӣ, Сада ҷашнест, ки мардумро новобаста ба тааллуқоти қабилавӣ, қавмӣ, этникӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва нажодӣ гирди ҳам меоварад ва онҳо даст ба дасти ҳам дода, суннату маросимро якҷо гузаронида, хушҳолӣ мекунанд. Аз ин ҷост, ки:

***Мардум аз ҳар миллату оташкада,***
***Гирди ҳам меоварад ҷашни Сада.***

Ба ин маънӣ, Сада намоди шодзистӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамшарикии мардум маҳсуб меёбад. Ин аст, ки ҷашни Садаро мебояд то ба сатҳи як ҷашни фарогири миллӣ-мардумӣ боло бурд. Дар ин замина нақши зиёиёни миллӣ ва ватанӣ, ки дар қолиби ҷомеаи фарҳангӣ мунсаҷим шудаанд, хеле бузург аст.

**СУРУДИ ҶАШНИ САДА**

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.
Бо Каюмарсу Ҳушангу бо Фаридун
Оташ афрӯзем то айвони гардун.
Шуълаи Ҳурмузд дорад оташи мо,
Озарафрӯз аст қалби беғаши мо.

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.

Фарри яздонӣ, шукӯҳи паҳлавонӣ,
Мояи тоҷик шуд дар зиндагонӣ.
Меравад панҷоҳ рӯзу шаб зи сармо,
Мерасад наврӯзии гулҳо ба гармо.

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.

Эй Сада моро ба фарвардин расонӣ,
К-оташи ту барад оби зиндагонӣ.
Оташу обат кунад зулматзудоӣ,
То ҷаҳонро нури яздонӣ физоӣ.

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.

**Аскар Ҳаким**

# ТАЪСИРИ МАНФИИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ ВА ОМИЛҲОИ ПЕШГИРИИ ОН



**Некрӯз ҚУДРАТОВ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсияи ДБССТ**

**Афзоиши ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир нигаронкунанда буда, ба равандҳои мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла, сатҳи маҳдуди назорати иҷтимоӣ, коҳиши нақши муассисаҳои тарбиявию оилавӣ, мушкилоти таълиму шуғл, инчунин, нокифоягии тадбирҳои пешгирикунандаи давлативу ҷамъиятӣ алоқаманд буда, дар маҷмуъ, зарурати бознигарӣ ва такмили барномаҳои мақсадноки ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсати ҷавонон ва механизмҳои барвақтии пешгирии ҷинояткориро тақозо мекунад.**

*Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои синнусолии содиршавии ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024*

| Синну сол | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 14-15 | 160 | 138 | 99 | 125 | 141 | 663 |
| 16-17 | 597 | 611 | 643 | 521 | 616 | 2988 |
| 18-24 | 2495 | 2386 | 2076 | 2189 | 2759 | 11905 |
| 25-29 | 2692 | 3018 | 2320 | 2315 | 2865 | 13210 |
| **Ҳамагӣ** | **5944** | **6153** | **5138** | **5150** | **6381** | **28766** |

*Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. - С. – 200.*

Раванди ҷаҳонишавӣ, бо вуҷуди имконот ва ҷанбаҳои мусбате, ки барои рушди муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фароҳам меорад, ҳамзамон дорои паёмадҳои манфие низ мебошад, ки ба амнияти миллии давлатҳо, бахусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонд. Аз ҷумла, воридшавии унсурҳои фарҳанги бегона, ташвиқи фаҳшу зӯроварӣ, бераҳмӣ, бетафовутӣ, худхоҳӣ ва руҳияи бартариҷӯӣ тавассути филмҳои синамогардонии хориҷӣ, намоиши мусобиқоти варзишии дорои хусусияти хашиновар, аз ҷумла, набардҳои тан ба тан (UFC, IMMAF, WMMAA, MMA World, Bellator MMA, ONE Championship (One FC), ), инчунин, паҳншавии бозиҳои компютерии гуногун (Counter-Strike ва Grand Theft Auto (GTA), Roblox, EA Sports MMA, Carmageddon) ба мафкураи ҳанӯз пурра ташаккулнаёфтаи ҷавонону наврасон таъсири манфӣ расонида, заминаҳои фосидшавии арзишҳои ахлоқию иҷтимоии онҳоро ба вуҷуд меоранд.



Яке аз омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноятҳо дар байни ҷавонон таъсир мерасонад, паҳншавии густурдаи бозиҳои компютерӣ мебошанд. Истифодаи бозиҳои компютерӣ, бахусус, он навъҳое, ки дорои унсурҳои зӯроварӣ, таҷовуз ва беқадргардонии арзишҳои ахлоқию инсонианд, ба рафтори ҷавонон ва наврасон таъсири манфӣ мерасонанд ва метавонад яке аз омилҳои мусоидаткунанда дар содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо

гардад. Истифодаи мунтазам ва беназорати чунин бозиҳо боиси коста гардидани назорати худидоракунӣ, паст шудани сатҳи ҳисси масъулиятшиносӣ, одат кардан ба зӯроварӣ ҳамчун меъёри муқаррарии рафтор ва заифшавии арзишҳои ахлоқӣ мегардад. Дар баробари ин, вобастагии равонӣ ба муҳити маҷозӣ метавонад муносибатҳои воқеии иҷтимоиро маҳдуд намуда, эҳсоси бетафовутӣ ба қонун ва меъёрҳои ҷамъиятиву ахлоқиро таҳким бахшад. Ҳамин тавр, дар шароити набудани назорати муассири оилавӣ, таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ, паҳншавии бозиҳои компютерии дорои хусусияти зӯроварӣ, таҷовуз ва ғайриахлоқӣ метавонад ҳамчун яке аз омилҳои ғайримустақими афзоиши каҷрафторӣ (девиантӣ) ва ҷинояткорӣ, махсусан, дар байни гурӯҳҳои синнусолии осебпазир гардад.

Counter-Strike яке аз бозиҳои компютерие мебошад, ки саропо дорои унсурҳои зӯроварӣ, таҷовуз ва беқадргардонии арзишҳои ахлоқию инсонӣ мебошад. Дар кишварҳое, чун Бразилия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ паҳн намудани ин бозӣ манъ шудааст. Таҳдиди ҷиддии замони муосир дар самти шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ вусъат ёфтани маҳз истифодаи бозиҳои компютерӣ ҳамчун воситаи паҳн ва таблиғи идеологияи зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм, махсусан, дар миёни наврасон ва ҷавонон мебошад. Чунин бозиҳои компютерӣ, ки хусусияти экстремистӣ доранд, ба монанди The Shitposter дар Зеландияи Нав, For Freedom Ichkeriya: BAMUT ва Roblox дар Россия, Wolfenstein ва Wolfenstein II: The New Colossus дар Олмон, Manhunt дар ҳамаи давлатҳо, Six Days in Fallujah дар баъзе давлатҳои Шарқи Наздик манъ карда шудаанд. Ин бозиҳои компютерӣ, ки аксаран зери ниқоби фароғат ва рақобат пешниҳоди ҷавонон мегарданд, дар шуури ҳанӯз комилан ташаккулнаёфтаи онҳо тасаввуроти таҳрифшуда оид ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, майл ба ҳалли низоъҳо тавассути хушунат ва зӯровариро тақвият мебахшанд. Дар натиҷа, арзишҳои ҳалли осоиштаи баҳсҳо, муколама ва таҳаммулпазирӣ тадриҷан коста гардида, рӯйгардонӣ аз роҳҳои қонунию мусолиматомези ҳалли мушкилот дар ҳаёти воқеӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин ҳолат хавфи ифротшавии рафтор ва ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротиро ба таври ҷиддӣ меафзояд. Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар шароити муосир аз бозиҳои маъмулии компютерӣ ҳамчун воситаи пинҳонии сафедкунии идеологияи терроризму экстремизм, мағзшӯии ҷавонон, ҷалби онҳо ба сафи худ ва ҳатто таъмини дастгирии молиявии фаъолияти террористиву экстремистӣ истифода мебаранд. Бо роҳи ворид намудани рамзҳо, қаҳрамонсозии зӯроварӣ, саҳнаҳои бозие, ки амалҳои террористиро «одӣ» ё «қаҳрамонона» нишон медиҳанд, ҷавонон тадриҷан ба муҳити идеологии радикалӣ ҷалб карда мешаванд. Ҳамзамон, истифодаи харидуфурӯшҳои дохилибозӣ, туҳфаҳои рақамӣ ва низомҳои пардохтҳои онлайнӣ метавонад ҳамчун манбаи ғайримустақими маблағгузории шабакаҳои террористиву экстремистӣ хидмат намоянд. Ин раванд хавфи ҷиддиро барои амнияти миллӣ ва рушди солими ҷаҳонбинии ҷавонон ба вуҷуд оварда, зарурати таҳкими назорати ҳуқуқӣ, маърифати рақамӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти пешгирии ифротишавӣ тақозо мекунад. Дар ҳамин замина, пешгирӣ бояд, пеш аз ҳама, ба таҳкими саводи рақамӣ ва ҳуқуқии ҷавонон, назорати муҳтавои бозиҳои компютерӣ, баланд бардоштани нақши оила ва муассисаҳои таълимӣ дар шинохти барвақтии аломатҳои ифротишавии рафтор равона карда шавад. Ҳамзамон, ҷалби ҷавонон ба фаъолиятҳои созанда, аз қабили варзиш, фаъолияти илмӣ, эҷодкорӣ ва технологияҳои бехатари рақамӣ имкон медиҳад, ки фазои маҷозӣ на ҳамчун воситаи тундгароӣ, балки ҳамчун абзори рушди зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо истифода гардад. Дар ин замина, пешниҳод мешавад, ки барои ҳифзи ҷавонону наврасон ва пешгирӣ намудани содиршавии ҷиноятҳо аз тарафи онҳо фаъолияти марказҳое, ки чунин бозиҳои компютериро пешниҳод мекунанд, қатъ карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳо аслан аз тарафи шахсоне, ки дорои маълумоти миёна мебошанд, содир мешаванд. Дар Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ба масъалаи маърифатнокии аҳолӣ, бахусус, фароҳам овардани шароити дахлдор барои гирифтани таҳсилот аз ҷониби ҷавонон диққати зарурӣ дода нашудааст.

*Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои сатҳи маълумотнокии ҷинояткорон дар солҳои 2020-2024*

| Таҳсилот | Сол | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | |
| Маълумоти миёна | 14280 | 14527 | 14156 | 13095 | 14465 | **70523** |
| Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус | 1808 | 2400 | 1373 | 2235 | 2034 | **9850** |
| Мардон | 15081 | 14470 | 15037 | 13786 | 13602 | 71976 |
| Занон | 1618 | 1890 | 1743 | 1728 | 1600 | 8579 |

*Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025 . – С. 200.*

Миқдори зиёди шахсони дорои маълумоти миёна дар сохтори ҷинояткорон (соле то 14~15 ҳазор нафар) нишон медиҳад, ки сатҳи нокифояи донишҳои касбӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ аз омилҳои асосии хавфи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои барномаҳои минбаъдаи давлатӣ дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ беҳтар аст, ки диққати асосӣ бояд ба такмили сифати таҳсилоти миёна, таҳкими тарбияи ҳуқуқӣ, рушди малакаҳои зиндагӣ, шуғл ва касбомӯзии ҷавонону наврасон равона гардад. Мавҷудияти ҳиссаи муайяни шахсони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дар миёни ҷинояткорон (аз 1373 то 2400 нафар) гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо таҳсил худ кафолати пешгирии ҷиноят нест. Ин нишондиҳанда низ барои барномаҳои минбаъда аҳаммият дорад, зеро зарурати пайвастани сиёсати маориф бо тарбияи ахлоқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, таъмини шуғли арзанда ва назорати иҷтимоиро таъкид мекунад. Тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2020-2024 собит месозад, ки Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ва дигар барномаҳо бештар хусусияти умумӣ доранд ва ба гурӯҳҳои мушаххаси хавфноку осебпазир (аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ) мутобиқ карда нашудаанд.

Ҳамин тавр, ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар барномаҳои давлатии пешгирии ҷинояткорӣ бояд робитаи мустақими «маориф – шуғл – тарбияи ҳуқуқӣ – пешгирии иҷтимоӣ» ба назар гирифта шуда, барои ҳар зинаи таҳсилот тадбирҳои мушаххас ва самаранок таҳия шаванд.

**ВАТАН**

Ватан, сархатти дастонам ту ҳастӣ,
Шукӯҳи бовару шонам ту ҳастӣ!

Бузургӣ ончунон, аз ҷон фаротар,
Ки яъне, маънии ҷонам ту ҳастӣ.

Агар дунё сару сомон надорад,
Сари болову сомонам ту ҳастӣ.

Чӣ дидам, ҳафт шаҳри ишқ гаштам,
Ҳамон сӣ мурғи ирфонам ту ҳастӣ.

Ман аз таърих ҳаққи худ бигирам,
Ба рӯзи дод бурҳонам ту ҳастӣ.

Ҳадиси ишқи ту поён надорад,
Ватан, сархатти дастонам ту ҳастӣ!

**Муҳаммадалӣ Аҷамӣ**

# 65 СОЛИ ОСОРХОНАИ МАОРИФ



**Қурбоналӣ ЗИЁЕВ – мудири Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**Таъсиси осорхонаҳо, ки рамзи пайванди дирӯзу имрӯзу фардо ва баёнгари арзишҳои волои маънавии мардуми тоҷик мебошанд, дар раванди ташаккули миллати мо низ ба ҳукми анъана даромадааст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Осорхонаи маориф ҳамчун муассисаи илмиву таърихӣ ва педагогӣ соли 1960 таҳти унвони «Музейи маорифи халқ» таъсис дода шудааст, ки муассиси он Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон (ҳоло Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад. Осорхона то соли 2002 чун муассисаи алоҳида амал намуда, баъд аз таъсиси Академияи илмҳои педагогӣ соли 2002 (ҳоло Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) ба ҳайати зерсохтори он ворид карда шуд. Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муассисаи илмиву таърихӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ буда, он ба паҳлуҳои муҳимми раванди омӯзишу парвариш мусоидат менамояд, зеро хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ ва ҷавонон тавассути саҳифаҳои сабтшудаи воқеияти таърихӣ гузаштаву имрӯзаро муқоиса намуда, ба хулосаҳои зарурӣ мерасанд ва дар ин замина барои ташаккули шахсияти хеш ва ороиши рафтору гуфтор талош меварзанд. Осорхонаи маориф ҳамчун сарчашмаи маънавӣ, ки аз мероси гузаштаву имрӯзаи маорифи кишвар маълумот медиҳад, дар он ҳуҷҷату аксҳои нодири таърихӣ, нигораву амсилаҳоеро, ки рушду нуму ва бурду бохти маорифи Тоҷикистонро бозтоб менамоянд, гирд овардашудааст. Ходимони илмии осорхона барои дастрас намудани мавод ва маълумоти зарурӣ бо осорхонаҳои мактабии шаҳру навоҳии кишвар робита дошта, пайваста сафарҳои хидматӣ ва ба таври густурда корҳои фаҳмондадиҳиву тарғиботӣ анҷом медиҳанд.

Ходими илмии Осорхонаи маориф фаъолияти худро дар асоси мавзуъҳои илмии «Саҳми Пешвои миллат дар инкишофи маорифи замони истиқлол», «Бедор намудани завқи мутолиа тавассути осори гузаштагон ва ҷойгоҳи онҳо дар Осорхонаи маориф», «Таҳқиқ ва омӯзиши таърихи маорифи кишвар – заминаи дастрасӣ ба ҳадафи тарбиявӣ» ва «Нақши Истиқлол дар ташаккули салоҳиятҳои маънавии хонандагон» ба роҳ монда, бо олимону собиқадорони соҳаи маорифи кишвар пайваста суҳбату вохӯриҳо анҷом дода, дастовардҳои илмиву таърихии соҳаро дар шакли маводи таълимӣ, гӯшаву буклетҳо ва сабтҳои видеоӣ дар осорхона нигоҳ медоранд.




Осорхонаи маориф дорои чор толори муҷаҳҳаз оид ба давраҳои гуногуни таърихи маорифи Тоҷикистон мебошад:

**Толори 1.** Таърихи инкишофи маориф то Инқилоби Октябр.

**Толори 2.** Таърихи инкишофи маориф дар замони Шуравӣ.

**Толори 3.** Рушди маорифи миллӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ.

**Толори 4.** Намоиши дастовардҳои хонандагон дар давраҳои гуногун.

Осорхонаи маориф тарғибгари хидматҳои шоёни шоирону олимони маъруфу шинохтаи тоҷик, арбобони илму техника, омӯзгорони шоиста ва омӯзгорони сол, аз ҷумла, «Маорифпарварони классикии тоҷик», «Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ», «Аълочиёни маорифи СССР», «Аълочиёни маорифи Тоҷикистон» ва собиқадорони маориф мебошад.

Гӯшаҳои махсусе, ки ба фаъолияти олимон Муҳаммад Лутфуллозода, Каримова Ирина Холовна, Файзулло Шарифзода, Убайд Зубайдов, собиқадорони маориф Ҳабиб Искандаров, Ниёз Сафаров, Розиқ Ҳомидов, қаҳрамонони меҳнати сотсиалистӣ Муҳаббат Маҳмудова, Ҳабиба Каримова, муаллимони халқии СССР Идӣ Халифаев, Фотима Самадова ва омӯзгорони сол Бунафша Ғаниева, Коробкина Вероника ва дигарон бахшида шудаанд, далели ин гуфтаҳоанд. Дар баробари ин, дар осорхона аксҳои вазирони маориф аз замони Шуравӣ то инҷониб ва туҳфаҳои онҳо нигоҳдорӣ карда мешаванд.

**Толори** якуми осорхона таърихи инкишофи маорифи тоҷикро то Инқилоби Октябр муаррифӣ менамояд. Дар ин толор амсилаву нигораҳои нодир ва бою рангин, аз қабили «Мактаби кӯҳна», «Мадраса», «Асбобҳои таълимии асрҳои қадима», «Амсилаи қатли аввалин омӯзгорон дар Ғарм» ва ғайра мебошад. Девонҳои Хоҷа Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил, Фузулӣ, ки бо хуруфи форсӣ нашр шудаанд ва аз рӯйи онҳо дар мадрасаҳои Самарқанд, Бухоро, Ҳисор, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайра дарс мегуфтанд, аз ҷумлаи бойигариҳои нодири осорхона маҳсуб меёбанд.

**Толори дувум** таърихи инкишофи маорифи кишварро дар замони Шуравӣ инъикос менамояд. Дар ин толор аввалин нусхаи «Алифбо» бо хатти лотинӣ, китобу дастурҳои таълимии замони Шуравӣ бо хатҳои форсӣ, лотинӣ ва кириллӣ, инчунин, амсилаву нигораҳои замони Шуравӣ нигоҳдорӣ мешаванд.

**Толори** севум рушди маорифи тоҷикро дар замони Истиқлоли давлатӣ, таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурра нишон медиҳад. Ин толори, ки «Рушди маорифи миллӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ» номгузорӣ шудааст, саҳми Пешвои миллатро дар соҳаи маориф пурра иникос менамояд.

Дастоварди муҳимми солҳои соҳибистиқлолӣ сазовори ҷоизаи Президентӣ гаштани устод Муҳаммад Лутфуллозода ва аз тарафи Президенти Россия В. В. Путин ба медали «А. С. Пушкин» мукофотонидани Ирина Каримова мебошад.

Дар толорҳои осорхона кормандони илмӣ таъриху дастовардҳои маорифи миллиро пайваста муаррифӣ менамоянд. Аз ҷумла, баргузории чорабиниҳои илмӣ-амалӣ, таърихӣ-методӣ, суҳбату вохӯриҳо бо омӯзгорону хонандагон, устодону донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, меҳмонон ва дигар алоқамандон фаъолияти ҳамарӯзаи кормандони осорхона маҳсуб меёбад.

**Дар толори чорум** дастовардҳои омӯзгорони сол, мусаввараю нигораҳои қадима, маҳсули дастии хонандагон аз замони Шуравӣ ва даврони Истиқлоли давлатӣ ба намоиш гузошта мешаванд.

Ҳамасола меҳмонони олиқадр, ходимони давлатӣ, олимону муҳаққиқон, аспирантону унвонҷӯён, устодону донишҷӯён, омӯзгорону хонандагон ва меҳмонони зиёде аз Тоҷикистон ва хориҷ аз он сайри осорхона намуда, аз таърих у пешрафти маорифи кишвар огаҳӣ пайдо менамоянд ва таманиёти хешро иброз медоранд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода моҳи апрели соли 2022 ба Осорхонаи маориф ташриф оварда, аз кори кормандони осорхона изҳори қаноатмандӣ намуда, барои пешравии фаъолияти густурдаи он маслиҳатҳои муфид доданд.

**Ташрифи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Осорхонаи маорифи АТТ**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор аз шаҳри Маскав В. М.Чистяков андешаашро оид ба осорхона чунин баён намудааст: «Шиносоӣ бо Осорхонаи маорифи Тоҷикистон ба ман ҳаловати махсуси илмӣ, тарбиявӣ ва амалӣ бахшид. Осорхона таърихи бою рангин ва амсилаҳои нодир дорад. Тоҷикон бояд фахр намоянд, ки чунин осорхона доранд. Ман пас аз сайри он як ҷаҳон таассурот бардоштам» (Чистяков В. М., 15.09.2012).

Маҳмуди Фаршедӣ, вазири омӯзишу парвариши Ҷумҳурии исломии Эрон назари хешро ба гунаи зер иброз медорад: «Боздид аз муассисаи Осорхонаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инҷониб муҷиби масаррат шуд. Фарҳанги муштараку пайванди деринаи таърихӣ миёни ду кишвари дӯст – Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи гаронқадрӣ аст, ки тақвияти иртиботи байни ду кишварро мумкин месозад. Умедворем ҳар рӯз шоҳиди густариши

иртиботии миёни ду кишвар, хусусан, дар зинаҳои фарҳангиву илмӣ бошем ва дар сояи ин иртибот шукуфоии илмиву фарҳангии ду кишвар падид ояд» (Маҳмуд Фаршедӣ, 05.11.2008).

Ҷон Роберт аз шаҳри Чикагои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба боздид аз осорхонаи маориф чунин навиштааст: «Ман оид ба таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмӣ навишта истодаам ва хеле хурсандам, ки ба ин муассисаи таърихиву фарҳангӣ ташриф оварда, аз таъриху маданияти маорифи халқи тоҷик воқиф гардидам» (Ҷон Роберт, Донишгои Чикаго, 31.07. 2007).

Луиз Бахри аз Канада чунин ибрози ақида намудааст: «Коллексияи китобҳо, таърихи маориф ва ёдгориҳои таърихӣ хело гаронарзишанд. Роҳбарият, кормандон ва роҳбалад бо мо хеле хушмуомила буданд ва ба саволҳои мо ҷавобҳои мушаххас медоданд. Оид ба таърихи маорифи кишвар маълумоти пурра гирифтем. Минатдорем, ташаккур ба Шумо!» (Луиз Бахри, Канада, 05.06.2017).

Ҳамин гуна таманниёти неки ташрифоварандагон дар китоби сабти Осорхонаи маориф зиёданд. Ҳангоми вохӯрӣ бо меҳмонон, устодони донишгоҳҳо, донишҷӯёну унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таълимиву хонандагон ва мутахассисони муассисаҳои томактабӣ кормандони илмии осорхона роҷеъ ба омӯхтани таърихи маориф ёрии ҳамаҷонибаи худро дареғ намедоранд. Осорхонаи маориф бо Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсею гимназияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти ғайридавлатӣ ҳамкории пайваставу судманд анҷом медиҳад. Дар ташкили маҳфилҳои фаннӣ, конфронсу семинарҳо, озмуну фестивалҳо, экспедитсияҳои ҷумҳуриявии сайёҳӣ-кишваршиносии мактаббачагон таҳти унвони «Тоҷикистон – кишвари азизи ман» кормандони илмии осорхона бо муассисаҳои болозикр фаъолияти якҷоя анҷом дода, дастовардҳои ҷолиби онҳоро дар осорхона ба намоиш мегузоранд.

**ДУ РУБОӢ**

Дар роҳи ватан нест ба ҷуз заҳмату кор,
Дар кори ватан нанг ба кор ояду ор.
Як ҳарф ба дафтари ватандории мо
Бинвишта шуда: сар бидеҳу ҷон бисупор.

***

Дар чархи барин бувад чу маъвои сухан,
Боло зи гумони мо бувад ҷои сухан.
Аз арш ба фарш мерасад дасти сухан,
Аз фарш ба арш мерасад пои сухан.

**Мухтарам Ҳотам**

# НИЗОМИ БАҲОГУЗОРИИ 10-ХОЛА ДАР ДАРСИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

**Шералӣ ОХУНОВ – омӯзгори тарбияи ҷисмонии МТМУ №6, ноҳияи Мастчоҳ**

**Нақши фанни тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули шахсияти хонандагон ва саломатии онҳо дар низоми таълимии муосир хеле муҳим арзёбӣ мешавад.**

Ислоҳоти баҳогузорӣ дар низоми таълим, бахусус, гузариш аз системаи 5-хола ба 10-хола, яке аз иқдомҳои муҳим барои таҳкими дақиқӣ, шаффофият ва адолат дар арзёбии дониш ва малакаҳо мебошад. Гузашта аз ин, ҷорӣ гардидани низоми бисёрхолаи баҳодиҳӣ имкони васеи расидан ба таҳсилоти сатҳи баланди байналмилалиро ифода мекунад. Зимни тадриси фанни тарбияи ҷисмонӣ омӯзгорро лозим меояд, ки баробари шиносоӣ бо хусусиятҳои ҷисмонии дарс, инчунин, иродатмандӣ ва ҳолат равонии бачаҳоро арзёбӣ карда тавонад. Ҳамин тариқ, низоми нави баҳогузорӣ талаб мекунад, ки ҳам натиҷа ва ҳам равандҳои инфиродии ба даст омадани натиҷа баҳои муносиб гирад.

Яке аз нуктаҳои муҳимми баҳогузорӣ дар фанни тарбияи ҷисмонӣ он аст, ки ҳар хонанда қобилияти ҷисмонӣ ва физиологии фарққунанда дорад. Бархе метавонанд масофаро зуд тай кунанд, баъзеҳо бо мушкилӣ. Аммо чӣ тавр метавон талош ва кӯшиши воқеии хонандаро, ки ба пешравӣ оварда мерасонад, одилона арзёбӣ кард?

Фанни тарбияи ҷисмонӣ дорои хусусиятҳои инфиродӣ ва амалӣ буда, низоми баҳогузорӣ бояд на танҳо натиҷаи охирини ҷисмонӣ, балки кӯшиш, заҳмат, ангеза ва иштироки хонандаро дар назар гирад. Аз ин рӯ, татбиқи низоми 10-хола имкон фароҳам меорад, ки арзёбӣ воқеӣ, шаффоф ва ташвиқкунанда бошад. Низоми 10-хола имконият медиҳад, ки:

- арзёбӣ бо назардошти сатҳи инфиродӣ ва кӯшиш сурат гирад;
- фарқи байни хонандагони фаъол ва ғайрифаъол равшан намоён шавад;
- ба омӯзгор имкон дода шавад, ки барои шогирдон барномаи инфиродӣ тартиб диҳад;
- муҳити адолатманд ва ҳавасмандкунанда фароҳам гардад.

Татбиқи низоми 10-хола дар фанни тарбияи ҷисмонӣ қадами муҳим дар самти беҳтар кардани баҳогузории мувофиқ ба талабот аст. Ин низом на танҳо натиҷа, балки кӯшиш, муносибат, омодагӣ ва масъулияти инфиродии ҳар хонандаро ба назар мегирад.

Фанни тарбияи ҷисмонӣ бештар ба равишҳои инфиродӣ ва рушди қобилиятҳои шахсӣ ниёз дорад.

Шарҳи ҳар баҳоро дар ҷадвали 1 меорем:

**Ҷадвали №1**

| Хол | Дараҷаи холгузорӣ | Ифодаи вожагии холгузорӣ | Шарҳ |
|---|---|---|---|
| 10 | 5 (аъло) | Аъло | Машқҳоро дуруст, босуръат ва бо техникаи баланд иҷро мекунад, саъю кӯшишаш аён аст, интизоми намунавӣ дорад. |
| 9 | | Олӣ | Машқҳоро қариб комил иҷро мекунад, хатоии ночиз дорад, кӯшишу рафтораш хуб аст. |
| 8 | 4 (хуб) | Хубтар | Машқҳои пурра иҷро мекунад, вале каме беэҳтиёт ё хатои техникӣ мекунад, ҳаракатҳояш? |
| 7 | | Хуб | Сатҳи миёнаи иҷрои машқ дида мешавад, баъзе сустӣ ё хатоҳо дорад, вале саъй мекунад. |
| 6 | 3 (қаноат-бахш) | Қаноатбахш | Талош мекунад, аммо на ҳама машқҳоро дуруст иҷро карда метавонад. |
| 5 | | Кофӣ | Сатҳи пасти тайёрии ҷисмонӣ дорад, иштироку фаъолияташ маҳдуд аст. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4 | | Кам | Машқҳоро бо душворӣ иҷро мекунад, сатҳи пасти омодагии ҷисмонӣ дорад, дар рафтораш пешрафт дида намешавад. |
| 3 | 2 (ғайри-қаноат-бахш) | Нокифоя | Дар иҷрои машқҳо кӯшиш дорад, вале хатои зиёд мекунад. |
| 2 | | Паст | Ҳамроҳи бачаҳо машқ иҷро мекунад, аммо кӯшишаш суст ва иҷрои амалҳояш хавфнок буда, ба худ ва саломатии атрофиён зарар расонда метавонад. |
| 1 | | Пасттар | Рад кардани иҷрои машқҳо, рафтори номатлуб |

Омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ имконияти васеи татбиқи ин низомро зимни санҷиши дав ба масофаи 60 метр байни синфҳои 5-6 дар асоси омӯхтани баъзе санадҳои меъёрии баҳогузорӣ чунин ҷадвалро пешкаш намудан мумкин аст:

**Ҷадвали №2**

Баҳогузорӣ ба кӯшиш, маҳорат ва алакаҳои хонандагон вобаста ба давидан ба масофаи 60 метр

| Хол | Писарон, с. | Духтарон, с. |
|---|---|---|
| 10 | ≤10 | ≤11 |
| 9 | 10,1-10,5 | 11,1-11,5 |
| 8 | 10,6-11,0 | 11,6-12,0 |
| 7 | 11,1-11,5 | 12,1-12,5 |
| 6 | 11,6-12,0 | 12,6-13,0 |
| 5 | 12,1-12,5 | 13,1-13,5 |
| 4 | 12,6-13,0 | 13,6-14,0 |
| 3 | 13,1-13,5 | 14,1-14,5 |
| 2 | 13.6-14,0 | 14,6-15,0 |
| 1 | ≥14,1 | ≥15,1 |

Ҳамин гуна баҳогузориро метавон барои ҷаҳидан аз ҷои ист низ татбиқ намуд:

**Ҷадвали №3**

Баҳогузорӣ ба кӯшиш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон вобаста ба ҷаҳидан аз ҷои ист

| Хол | Писарон, см | Духтарон, см |
|---|---|---|
| 10 | ≥190 | ≥170 |
| 9 | 180-189 | 160-169 |
| 8 | 170-179 | 150-159 |
| 7 | 160-169 | 140-149 |
| 6 | 150-159 | 130-139 |
| 5 | 140-149 | 120-129 |
| 4 | 130-139 | 110-119 |
| 3 | 120-129 | 100-109 |
| 2 | 110-119 | 90-99 |
| 1 | ≤109 | ≤89 |

Дар ин низом, омӯзгор метавонад ба таври воқеӣ кӯшиш, интизом, малака ва барорро ба таври ҷудогона ва шаффоф арзёбӣ кунад. Инчунин, хонанда фаҳмида метавонад, ки дар кадом зина қарор дорад ва чӣ бояд кунад, то ба зинаи болотар гузарад. Аз ин лиҳоз, низоми 10-хола воситаи равонӣ ва педагогии муассир барои ташаккули ҳавасмандӣ, тартиб ва худбаҳодиҳӣ мебошад.

Хулоса, низоми 10-холаи баҳогузорӣ ба дарси тарбияи ҷисмонӣ ҷанбаҳои воқеӣ, дақиқ ва ташаккулдиҳанда мебахшад. Он

- кӯшиш ва малакаи шахсиро эътироф мекунад;
- муҳити солими рақобат ва рушдро фароҳам меорад;
- имконият медиҳад, ки ҳар як хонанда сатҳи омодагии ҷисмонии худро донад ва ҳадафҳояшро мувофиқ ба он гузорад.

Бо татбиқи босамари ин низом, фанни тарбияи ҷисмонӣ метавонад ба майдони ҳақиқии ташаккули ирода, саломатӣ ва шахсияти муваффақ табдил ёбад.



Ҷаъфарзода Сабзалӣ ФАЙЗАЛӢ – директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# АЗ ИНТИХОБИ ИХТИСОС ТО КУРСИИ ДОНИШГОҲ

***– Ҳаёти мустақилона маъмулан аз кадом вақт оғоз мешавад?***
***– Аз лаҳзаи донишҷӯӣ шудан.***
***– Донишҷӯйӣ аз чӣ оғоз мегирад?***
***– Аз имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИМД).***
***– ИМД аз чӣ оғоз мешавад?***
***– Аз интихоби касбу ихтисосҳо.***
***– Барои ҳаёти хубу бароҳати инсон кадом омилҳо заруранд?***
***– Омилҳо зиёданд, аммо яке аз муҳимтаринашон соҳиби касбу ихтисоси хуб будан аст.***
***– Касбу ихтисос чӣ зарурат дорад?***
***– Касбу ихтисосҳо барои ҳаёти хубу бароҳати инсон заруранд.***
***– Барои соҳибкасби хуб будан чӣ бояд кард?***
***– Барои ин, пеш аз ҳама, дониши хуб бояд дошт.***
***– Инро чӣ гуна метавон ҳосил кард?***
***– Бо роҳи омӯзиш ва тайёрӣ ба ИМД.***
***– Дар ин роҳ боз чӣ муҳим аст?***
***– Донистани тартибу шарту қоидаҳои ИМД ва тайёрӣ ба он!***
***– Инро чӣ гуна (аз чӣ? аз куҷо? бо кадом восита?) донистану фаҳмидан мумкин аст?***
***– Аз «Роҳнамои довталаб» ...***
***– «Роҳнамои довталаб» чист?***
***Он дастурест, ки ҳамаи маълумоти заруриро барои омодагӣ ба ИМД ва супоридани он медиҳад.***

Довталабони гиромӣ! Ин чанд нукоту суоли муқаддамотиро, агар шумо қобили тааммулу андешаи худ ҳисобеду бо тамаркуз ба он ҳадафҳоятонро тарҳрезӣ кунед, дар тасмиму накшаҳоятон барои сазовори номи донишҷӯйӣ пирӯзӣ бо шумо хоҳад буд.




**Интихоби касб ҳунар аст ё...**

Интихоби дурусти касбу ихтисос (таваҷҷуҳ: интихоби дуруст!). Шумо дар остонаи як марҳалаи муҳимми зиндагӣ – роҳ ба сӯйи таҳсил дар мактабҳои олӣ қарор доред. Ҳоло дар чорроҳае қарор доред, ки аз он роҳҳои гуногун ба сӯйиояндаи гуногун мераванд – чорроҳаи интихоби касбу ихтисос ва таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ. Инсон дар тӯли ҳаёт чанд маротиба дар сари дуроҳаву чорроҳаи сарнавиштсоз қарор мегирад. Нуктае, ки имрӯз шумо дар он истодаед, на танҳо гузариш аз мактаби миёна ба донишгоҳ, балки гузариш аз кӯдакии беғам ба ҷаҳони масъулияти фардӣ аст. Интихоби дуруст аз шумо дониш, оқилӣ ва хушёрӣ талаб мекунад. Интихобе, ки метавонад самти тамоми ҳаёти

минбаъдаи шуморо муайян созад. Интихоби касб на танҳо интихоби як навъ фаъолият ё интихоби ҷойи кор, балки интихоби тарзи зиндагӣ, интихоби тарзи тафаккур, муҳити иҷтимоӣ ва ҳатто, ҷаҳонбинӣ ва рисолати инсонӣ дар рӯйи замин аст. Ин як навъ санъат аст, санъати шинохти дарки истеъдоду лаёқату маҳорат ва майлу рағбати худ ва мувофиқ сохтани ин ҳама бо талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат. Дар асри 21, асри ҳуши сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ шумо бояд касбҳоеро интихоб кунед, ки дар бозори меҳнат арзишманд ва ба талабот созгор бошанд. Интихоби касбу ихтисос, ки дар он дониш ва малакаҳои касбӣ муттаҳид мешаванд, яке аз муҳимтарин қарорҳои ҳаётӣ ба шумор меравад: интихобе, ки на танҳо ба ояндаи касбӣ, балки ба шаклгирии шахсияти инсон низ таъсир мерасонад.

**Илму дониш – силоҳи нерӯманди асри XXI**

Дар ҷаҳони муосир илму дониш ба силоҳи пуриқтидортарин табдил ёфтааст. Касе, ки соҳиби илму дониш аст, зӯру тавонаш бештар аст. Омӯзиш на танҳо роҳи ба даст овардани маълумот, балки роҳи рушди шахсӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи ақл аст. Дониш танҳо ҷамъоварии маълумот не, балки равиши фикр кардан, таҳлил кардан ва эҷод кардан, шахсияти худро такмил додан, зеҳнияти хешро тақвият бахшидан, роҳи осони ба ҳадаф барандаро ёфтан аст. Омӯзишу дониш воситаи аз ҳама муҳимтарини зиндагисоз аст. Ҳар қадар ки дониш бештар бошад, зиндагонӣ ҳамон қадар осонтар мешавад. Илм баҳрест, ки ҳар қадар дар он шино кунед, аз он ҳамон қадар бештар дурру гавҳари арзишманд, ки дар ҳаётатон коромад хоҳад буд, ба даст меоред. Манфиати дониш дар он аст, ки ба инсон озодӣ медиҳад. Инсони босаводу бомаърифатро наметавон фиреб дод ва наметавон ба гумроҳӣ бурд. Талош барои дониш бояд аз доираи «гирифтани диплом» берун барояд. Диплом танҳо як коғаз аст, аммо дониш қудратест, ки ҷаҳонро тағйир медиҳад. Омӯзиши илм ва дониш ҳамчун калиди асосии кушодани дарҳои имконот ва фаҳмиши амиқи ҷаҳон хидмат мекунад. Дониш ба инсон неруи тавоно медиҳад, бо он метавон мушкилотро паси сар кард, қарорҳои дуруст қабул намуд ва дар ҷомеа мақоми арзанда пайдо кард.

**Омӯзишу дониш + кӯшишу талош = муваффақият**

Барои дарёфти дониш ва муваффақ шудан дар ин роҳ чӣ мебояд? Кӯшишу талош! Дониш, агарчи фароху том бошад, ба танҳоӣ наметавонад чун василае ба ҳамаи хостагиҳои инсон расидагӣ кунад, ҳамаи ниёзи шахсро бароварда гардонад. Инсон бо кӯшишу талоши пайваста ва иродаи қавӣ метавонад ба ҳадафҳои худ бирасад. Хоҳиш, хониш, озмоиш – ҷавҳари ҳамаи муваффақиятҳанд. Кӯшишу талош ва иродаи қавӣ ҳамчун неруи пешбаранда дар ин роҳ хидмат мекунанд. Ҳар як муваффақият натиҷаи заҳматҳои пайваста ва талошҳои беист аст. Муваффақиятро касе ба осонӣ ба даст намеорад. Барои касби пирӯзиву муваффақият зарур аст, ки доимо кӯшед, талош варзед ва ҳеҷ гоҳ аз мушкилот натарсед.

**ИМД – санҷиши дониш ва ирода**

Марказ имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавиро ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИМД) аз соли 2014 ҳамасола ба роҳ мондааст. Акнун на фақат довталабон, балки тамоми ҷомеа медонад, ки он ҳамчун майдони санҷиши донишу қобилияти хоҳишмандони таҳсилоти миёнаю олии касбӣ дар кишвар аст. ИМД майдонест, ки ҳар касе вориди он шаваду зӯрозмойӣ кунад, натиҷаи омӯзиш, дониш, кӯшиш ва маҳорату лаёқаташ одилона, шаффофона ва воқеона арзёбӣ мегардад. Дар ин сабқатгоҳи дониш ба ҳеҷ касе бо тақаллуб ё фиреб, ноодилона ва ноҳаққона баҳо гузошта намешавад. ИМД санҷишгоҳи ҷиддӣ аст: санҷиши дониш, санҷиши кӯшиш, санҷиши ақл, санҷиши ирода. Барои муваффақ шудан дар ИМД ҳеҷ касеро ёриву мададгорӣ лозим нест, ба ҷуз омодагӣ, омодагии хуб. ИМД на танҳо санҷиши дониш, балки санҷиши қобилияти истифодаи онҳо дар амал аст. Барои муваффақ шудан дар имтиҳон довталабро зарур аст, ки на танҳо дониш дошта бошад, балки онро дуруст истифода бурда тавонад. Барои имтиҳон зеҳнан ва ҷисман тайёр бояд шуд, дастуру тартиботу талаботи имтиҳонро риоя ва бехато иҷро кард: тақсими дурусти вақт, иҷрои дурусти шарту қоидаҳо ва ғайра. Тайёрӣ на танҳо донистани иттилоот, азёд кардани маълумот, балки фаҳмидани он ва сипас амалан ва бамаврид ба кор бурда тавонистани он аст. Пас, ҳушёрию оқилӣ низ қисми дугонаи ҷудонашаванда дар роҳест, ки шумо ба нияти донишҷӯй шудан раҳсипор шуданиед. Ҳушёрию оқилӣ (бедорӣ, зиракӣ, хирадмандӣ, дурандешӣ),

ҳамзамон, соҳиби дониш будан ба шумо зарур аст: ҳам дар марҳалаи аввал – давраи номнависию интихоби ихтисосҳо ва ҳам дар давраи имтиҳонсупорӣ. Ин сифатҳо на танҳо барои супоридани имтиҳонҳо, балки барои ҳаёти мустақилона ва шоиста низ заруранд, зеро зиндагӣ дар ҷаҳони муосир талаб мекунад, ки ҳар шахс тавонад бо масъулият ва донишҳои кофӣ қарорҳои дуруст қабул кунад, то ки бо мушкилот камтар рӯ ба рӯ шавад, ғалатҳои тақдирсӯз накунад, кораш барои худ шарафманд ва ба ҷомеа судманд бошад.

Тайёрии хуб ба имтиҳонҳо ва ҳаёти мустақилона, ки баъд аз сазовор шудан ба номи донишҷӯйӣ оғоз меёбад, боварӣ (бовар ба худ), масъулиятшиносӣ, эҷоду талошкорӣ, ҳушёрӣ, сабуриро тақозо мекунад. Бовар ба қобилиятҳои худ ва эътимод ба роҳи интихобкарда ҳамчун омили муҳимми муваффақият, ба ҳар як довталаб неруи тоза мебахшад ва ӯро дар рӯ ба рӯи мушкилот устувор месозад.

Ҳар як довталаб бояд бидонад, ки: ин озмун (ИМД) як имконият аст, на монеа; ҳар як қадам ба сӯи дониш қадаме ба сӯи ояндаи равшан аст; бо заҳмат ва устуворӣ метавон ба орзуҳо расид.

Ва муҳимтар аз ҳама, ҳеҷ гоҳ аз орзу кардан даст накашед. Орзуҳо неруи пешбарандаи мо дар зиндагиянд. Бигзор, орзуҳои шумо роҳи шуморо равшан кунанд ва ба сӯи муваффақият ҳидоят намоянд.

**Роҳнамои маънавӣ дар роҳи донишҷӯйӣ**

«Роҳнамои довталаб» ҳамчун ёвари боэътимод ва маслиҳатгари беғараз, маҳз барои он таҳия шудааст, ки дар ин лаҳзаи ҳассос ва муҳимми ҳаёт, ки дар он бояд қарори дуруст қабул кард, ба шумо ёрӣ расонад, ба шумо хидмат кунад. Мо бо таҳияву пешниҳоди ин дастури тавсияву маслиҳат мехоҳем, ки шумо дар интихоби касбу ихтисосу мактаб роҳгум назанед, балки бо дили пур ва эътимоди комил ба сӯйи ҳадафи худ қадам гузоред, қадами устувор ба сӯйи зиндагии сазовор. Ин дастурамалест, ки роҳи шуморо равшан мекунад. Ин солнома роҳнамоест, ки ба шумо самтро нишон медиҳад, аммо қадамҳоро шумо худ бояд гузоред. Он шуморо ҳамчун роҳнамо аз қоидаҳои роҳ огоҳ месозад, аммо қадам ниҳодан, ҳаракат кардан, сафар аз худи шумост. Ин роҳнамо ба шумо кумак мекунад, ки роҳу равандро дуруст барои худ муайян ва дурию наздикӣ, осонию душвории роҳи пешгирифтаатонро дарк намоед, қуввату имкониятҳои худро барои тай кардани ин ҷода дуруст арзёбӣ кунед ва баъдан раҳсипор шудаву бо итминон ба оянда қадам гузоред. Бо кӯшиш, дониш ва бовар шумо метавонед ба манзили мурод бирасед.

«Роҳнамои довталаб» на танҳо маҷмуи қоидаҳо ва рақамҳо, на танҳо як дастури методӣ, балки харитаи маънавии шумо дар роҳи ҳаёт аз истгоҳи довталабӣ то истгоҳи донишҷӯйӣ, ҳамчун пули устувор байни орзуҳои бузурги шумо ва дари муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбии кишвар аст. Он ба шумо имкон медиҳад, ки бо итминон ва огоҳӣ ба марҳалаҳои ИМД ворид шавед, имкониятҳои худро дуруст арзёбӣ намоед ва роҳи дурусти ояндаи касбиро интихоб кунед. Бо итминон метавон гуфт, ки истифодаи дурусти ин роҳнамо ба ҳар як довталаб кумак мекунад, ки на танҳо ба озмун бо омодагии комил ҳозир шавад, балки дар интихоби ояндаи худ низ хато накунад. Барои он ки қадамҳои шумо на таваккалию ба самти номуайян, балки устувору дурусту огоҳонаю боварибахш бошанд, дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» таҳия шудааст. Ин роҳнамо ба довталабон ёрӣ медиҳад, то тартиби интихоби ихтисосҳо ва муассисаҳои таълимӣ, раванду қоидаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, озмуни тақсимот ва ғайраро ба таври равшан ва муфассал дарк намоянд. Ҳадафи ин дастур роҳнамоии дурусти довталабон дар марҳалаю давраҳои ИМД ва ҳадафи асосии Марказ таъмин намудани шаффофият, адолат ва дастрасии баробари ҳамаи хоҳишмандон дар ин имтиҳонҳост.

Ин роҳнамо барои он таҳия шудааст, ки шуморо бо тамоми ҷанбаҳои раванди имтиҳонҳои марказонидашуда ва қоидаҳои қабули довталабон шинос намояд, ба саволҳои шумо посух гӯяд ва роҳи дурусти омодагӣ ва иштирок дар озмунро нишон диҳад. Бо умеде, ки ин дастур барои шумо ҳамчун як ҳамроҳу роҳнамои боэътимод хидмат хоҳад кард, ба шумо дар оғози ин сафаре, ки охираш манзили мурод аст, комёбӣ мехоҳем.

# БОЗӢ БО КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД



**Ноҳира ҲАҚНАЗАРЗОДА – омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**Кӯдакон азизтарин, хушҳолтарин, дилчӯтарин ҳадия ва зебу зинати рӯзгори ҳар як оила мебошанд. Онҳо меваҳои боғи умри инсон, идомадиҳандаи насл, офтоби дурахшони ҳаёт ба шумор рафта, зиндагӣ бидуни вуҷудашон маъное надорад ва маҳз онҳо ҳастанд, ки ҳаёти мо рангину ҷолиб аст. Дар ин радиф кӯдакони имконияташон маҳдуд низ истисно нестанд. Агарчи бо осебҳои гуногуни ҷисмонию ақлонӣ ва модарзодӣ гирифторанд, вале пораи дили падару модар ва аҳли хонадонанд. Онҳо бояд на танҳо азизи падару модар ва аҳли оила, балки азизи ҷомеа низ бошанд, дари муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои онҳо ҳамеша боз бошад, зеро ҳамчун фарди комилҳуқуқи ҷомеа ба таълиму тарбия ниёз доранд.**

Ғамхорӣ нисбат ба шахсони имконияташон маҳдуд ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлату ҳукумат ба шумор меравад. Аз ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз зери сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа, вазорату идора ва ташкилоту муассисаҳо барои шахсони имконияташон маҳдуд корҳои зиёде ба сомон расонида шуда, як қатор санадҳои муҳим қабул карда шуданд. Бояд гуфт, ки дар кишвар риояи ҳуқуқҳои шахсони имконияташон маҳдуд аввалан аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Доир ба ин мавзуъ дар боби 2, моддаи 34, банди 3 чунин омадааст: «Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд». Дар ҷои дигар, дар ҳамин боб чунин омадааст: «Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад».



Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони дорои маъюбият тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи хизматрасониҳои иҷтимоӣ», «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020», «Консепсияи рушди хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ», Барномаи давлатии «Муҳити дастрас», «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015» амалӣ карда мешаванд.

Дар миёни кӯдакони имконияташон маҳдуд кӯдаконе ҳастанд, ки *дараҷаи вазнини маъюбият* доранд ва мусаллам аст, ки онҳо наметавонанд баробари дигар кӯда-кон ба кӯдакистон ва мактаб раванд. (Вале то ҷойе метавонем, бояд онҳоро ба мактаб ва ҷомеа ҷалб

кунем. Дар сурати набудани ягон илоҷи дигар, онҳо бояд ба таълими хонагӣ фаро гирифта шаванд). Чунин кӯдакон бояд аз ҷониби аҳли оила, наздикон, ҳукумат ва ҷомеа бештар ба ғамхорӣ фаро гирифта шуда, таҳти таҳқир ва фишори равонӣ қарор нагиранд, зеро тӯли чандин соле, ки бо кӯдакони имконияташон маҳдуд кор кардам, воқеаҳоеро низ дидам, ки ин гуна кӯдакон на аз ҷониби ҷомеа, балки аз ҷониби наздикони худ ранҷ мекашанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки кӯдакони дараҷаи сабуки имконияташон маҳдуд бо қафомониҳои сабуки ҷисмонию ақлӣ, бо нуқсонҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, бо доштани мушакҳои суст (гипотонус), вале бо зеҳнияти хуб, бо биноии сусти ҳадди ақалл 0,1, иллатҳои нутқӣ ба мисли дизартрия, ринолалия, афазия, шунавоии суст ва дараҷаи сабуки қафомонии зеҳнӣ метавонанд дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои миёнаи умумӣ ба таҳсилоти инклюзивӣ (инклюзия-дохилшавӣ, ҳамроҳшавӣ) фаро гирифта шаванд, зеро ҷорӣ кардани таҳсилоти фарогир дар кишвар на танҳо тақозои замон, балки кори хайр ва дилсӯзӣ нисбат ба кӯдакони имконияташон маҳдуд мебошад. Барои самаранок гузаштани таҳсилоти фарогир аз байн бурдани се монеаи асосӣ-ҷисмонӣ (муҳити зист), муносибатӣ ва институтсионалӣ бисёр зарур аст. Барои ин на танҳо ҷомеа, мактаб ва омӯзгор бояд омода бошад, балки гурӯҳи ҳамсолон низ кӯдакони имконияташон маҳдудро дастгирӣ карда тавонанд. Дар он сурат таҳсили якҷояи кӯдакони имконияташон маҳдуд бо кӯдакони бемаҳдудият, яъне, солим натиҷаи хуб медиҳад. Чунин вазъ имкон медиҳад, ки муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба таълими таҳсилоти фарогир омода бошанд.

Таҳсилоти фарогир агарчи дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мавзуи нав нест, аммо дар кишвари азизи мо - Тоҷикистон падидаи солҳои соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад. Аз ҳамин сабаб мафҳумҳои *инклюзия* ва *ҳамгироӣ* (ҳамгироӣ - фароҳам овардани шароити махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз он ҷумла, омӯзиш: тавонбахшӣ, таъмини таҷҳизоти ёрирасон, дастрасӣ, иваз намудани муносибат) дар системаи маорифи мо низ мафҳумҳои нав аст. Мақсади асосии таҳсилоти инклюзивӣ аз он иборат аст, ки чунин кӯдакон дар ҷомеа ворид шаванд, фаъол гарданд, ҳаёти пурмазмуни иҷтимоӣ дошта бошанд ва барои таҳсилу тарбияи онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳама муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои қабули чунин кӯдакон омода ҳастанд. Масалан, Маснавӣ, ки ҳоло дар синфи 7-ум таҳсил мекунад (МТМУ №19, ҷамоати деҳоти Зиракӣ, ноҳияи Кӯлоб), ду сол пеш ҳангоми ба синфи 5-ум қадам ниҳодан дучори муқовимати сахти омӯзгорон қарор гирифт. Ӯ қафомонии сабуки зеҳнӣ дорад ва аз худ кардани дарс барояш мушкилӣ пеш меорад. Барои ӯ нақшаи инфиродӣ тартиб додан даркор асту халос. Ва дар доираи қобилиятҳояш аз рӯйи нақшаи инфиродӣ ба ӯ дарс гуфтан лозим аст, на аз рӯйи барномае, ки барои як соли хониш барои кӯдакони солим тартиб дода мешавад. (Ин барномаро Маснавӣ аз худ карда наметавонад). Муҳим он аст, ки ӯ ба ҷомеа ворид аст, то синфи 5-ум дар дасти як муаллим, ки аз таҳсилоти фарогир воқиф аст, таълим ва тарбия гирифтааст. Вале омӯзгороне, ки аз таҳсилоти инклюзивӣ огоҳӣ надоранд, чунин ақида доранд, ки Маснавӣ рафта, дар мактабҳои махсус хонад. Дар мактаби махсус тамоми қобилиятҳои доштаи Маснавӣ аз байн мераванд, зеро дар мактаби миёнаи умумӣ ӯ аз дигар ҳамсолонаш меомӯзад, ёд мегирад, дӯсту рафиқ дорад, бо онҳо якҷоя бозӣ мекунад, хулоса ба ҷомеа ворид аст.

Ҳамин тавр, таҷрибаҳои байналмилалӣ ва таҷриба дар худи Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки таълими таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконпазир буда, барои ворид гардидани кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҷомеа нақши калон мебозад. Бозӣ низ дар таҳсилоти фарогир як ҷузъи муҳим ба шумор меравад, зеро ба ақидаи мутахассисон, он як намуди омӯзиш аст, махсусан, барои кӯдакони синни томактабӣ. Дар рафти бозиҳои инклюзивӣ кӯдакони синни томактабӣ (3-6-сола) дар боғчаҳои бачагона аз якдигар меомӯзанд, инкишоф меёбанд, ба калонсолон тақлид мекунанд, зеҳнашон такмил меёбад. Бозӣ барои дидан, шунидан, ҳаракат кардан, гап задан, ҳис кардан ба онҳо кумак мекунад. Дар рафти бозӣ кӯдакон аз ҷиҳати ҷисмонӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоӣ рушд менамоянд, ба худ эътимод пайдо мекунанд, эҷодкор мешаванд. Кӯдаки имконияташ маҳдуд низ ба мисли дигар кӯдакон инкишоф меёбад. Тавре ки ба дигар кӯдакон давраҳои ҳаётӣ ва дигаргуниҳо дар ин давраҳо хос аст, ба ӯ низ хос аст. Ба гуфти олимон, бозӣ ҳатто метавонад маъюбиятро аз

бадтаршавӣ пешгирӣ намояд. Маҳз барои ҳамин кӯдакони имконияташон маҳдуд *бояд* бо дигар кӯдакон бозӣ кунанд ва мо, калонсолон, кӯдакони дигарро ба ин кор *ҳавасманд* созем.

Бозиҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: гурӯҳӣ ва инфиродӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки бозиҳои гурӯҳӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд бештар аҳаммият доранд, зеро онҳо аз ҳамсолони солими худ дар рафти бозӣ меомӯзанд. Дар яке аз деҳаҳои Ҷамоати деҳоти Кӯлоб бо духтарчае вохӯрдем, ки гирифтори Синдроми Дауна буд. Шахсоне, ки чунин беморӣ доранд, бо якрангии шакли рӯй ва меҳрубонии худ дар дунё маъруфанд. Ин кӯдак ҳам хеле меҳрубон буд ва ба бозӣ майлу рағбати зиёд дошта, бо ҳалқаманора бозӣ карданро дӯст медошт. Ҳалқаманора барои инкишофи ақлонӣ, ҳиссиётӣ ва ҷисмонии кӯдак бисёр муфид аст. Дар рафти бозии мазкур хотира ва диққати кӯдак қавӣ мегардад, зеро ӯ бояд ҷо ба ҷо гузоштани ҳалқаҳоро ёд гирад, рангҳоро фарқ кунад ва ҳалқаҳоро шуморад. Ҳамчунон, ҳаракатҳои калон ва хурди дастро истифода барад. Дар аввал Ҷамила худаш танҳо бозӣ карданро меписандид, вале оҳиста-оҳиста ба бозиҳои гурӯҳӣ бо кӯдакони солим майл пайдо кард. Зеро кӯдакони мазкур тез-тез ҳалқаҳоро шумурда, ҷо ба ҷо мекарданд ва рангҳоро номбар менамуданд.



Ҳамин тавр, дар муддати зиёда аз як моҳ Ҷамила талаффузи калимаҳои «раҳмат» ва «офарин»-ро на тӯтивор, балки бо маънояш аз худ карда, тарзи ҷо ба ҷо кардани ҳалқаманораро ёд гирифт. Бозии якҷоя бо дигар кӯдакон ба ӯ имкон дод, ки тезтар ба комёбӣ ноил гардад.

Ташкили ин бозӣ бо тарзи инклюзивӣ дар муассисаҳои томактабӣ низ аз манфиат холӣ нест. Ҳаракатҳои хурди даст (мелкая моторика) барои мағзи сар ва нутқи кӯдак таъсири мусбат дошта, инчунин, мустақиман ба фаъолиятҳои олии маърифатии хотира, диққат, нутқ ва тафаккур алоқаи ногусастанӣ доранд. Ҳаракатҳои фаъоли ангуштон қишри майнаи сарро ангезиш дода, барои рушду такомули онҳо мусоидат мекунанд. Мураббӣ дар рафти бозиҳои инклюзивӣ барои ҳамоҳангсозӣ (координация)-и чашму даст, тамаркуз ва пурқувват кардани хотираю диққат метавонад аз бозии «Мухраҳои гардани модарам» истифода барад. Мухраҳо бояд рангоранг, ҳаҷман калону хурд ва бо шаклҳои гуногун бошанд. Бозиро бо якчанд тарз гузарондан мумкин. Масалан, бачаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем, ба як гурӯҳи бачаҳо риштаи зард ва ба гурӯҳи дигар риштаи сурх медиҳем. Аз онҳо хоҳиш мекунем, ки дар риштаҳои зард мухраҳои калон ва дар риштаҳои сурх мухраҳои хурдро кашанд. Мураббӣ бояд ба назар бигирад, ки кӯдаки имконияташ маҳдуд дар кашидани мухраҳо мушкилӣ мекашад ва аз гурӯҳи дӯстони ҳамсол хоҳиш кунад, ки ба ӯ ёрӣ расонанд. Ҳамчунин, кӯдакон метавонанд мухраҳоро ба рангҳо ҷудо карда, баъд ба ришта кашанд, кӯдакони 3-4-сола онҳоро аз 1 то 5 шуморанд, кӯдакони калонтар то 20.

Яъне, дар рафти бозии «Мухраҳои гардани модарам» бозӣ характери гурӯҳӣ ва коллективӣ пайдо мекунад. Дар бозии коллективӣ ҳар як кӯдак кӯшиш мекунад, ки имконот ва лаёқати худро бештар зоҳир намуда, ба боварии калонсолон сазовор гардад. Дар ин бозӣ мураббӣ метавонад аз хаёлоти рангини худ истифода бурда, аз макарон истифода барад. Ӯ макаронҳои калону хурд ва ҳаршакларо ранг мекунад, ё расми мева ва сабзавотро бурида, бо ширеш дар картон мечаспонад ва аз кӯдакон хоҳиш мекунад, ки меваҳоро ҷудо ва сабзавотро ҷудо дар риштаҳои ранга кашанд. Ин амал шинохтани рангҳо ва ҷудо карда тавонистани меваю сабзавотро ба кӯдакон меомӯзад.

Бозӣ бо тугмаҳо, ксилофон, пазл (муаммо дар бозӣ) ва нақшу нигори гуногун низ барои кӯдакони 4-6-сола ниҳоят муфид ва завқовару аҷоиб буда, барои ҳаракатҳои хурди даст, хотира, диққат, нутқ, ҳиссиёт, босабр будан, мантиқи фикр ва маҷозӣ, маҳорат ва малакаҳои истодагарӣ, ёд гирифтани андоза, шаклҳои геометрӣ, қолаб, ранг ва шумораҳо ва бой шудани захираи луғавӣ кумак мекунанд.



Бозӣ-муаммо барои кӯдакони имконияташон маҳдуд низ хеле

муҳим аст, зеро онҳо доираи васеи малакаҳоро инкишоф медиҳанд, аз ҷумла, беҳтар кардани малакаҳои хурди моторӣ, беҳтар кардани функсияҳои маърифатӣ, ба монанди ҳалли мушкилот ва хотира, мусоидат ба рушди иҷтимоӣ-эмотсионалӣ тавассути муваффақиятҳо дар кори гурӯҳӣ. Махсусан, пазлҳои математикӣ дар ташаккули хотираи кӯдаки имконияташ маҳдуд нақши калон мебозад. Мураббӣ бояд доимо ба назар бигирад, ки бозӣ барои кӯдаки имконияташ маҳдуд содатар бошад, то ки кӯдак аз уҳдаи бозӣ барояд.



Пазлҳо намудҳои гуногун доранд: чӯбин, пластмасӣ, картонӣ, оҳанрабоӣ, бо ифодаи рақамҳои математикӣ, бо акси ҳайвонот, меваю сабзавот, шаклҳои геометрӣ ва ғ. Элементҳои пазл аз 4 шумора шурӯъ шуда, то ба 80-то элемент мерасид. Дар аввал барои кӯдакони имкониятошон маҳдуд аз 6 то 12 элемент кифоя аст.

Мураббиро лозим аст, ки дар байни кӯдакон фазои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва муоширатро ба вуҷуд биёрад, нақшҳоро дуруст тақсим кунад ва аз ҳама муҳим кӯдаки имконияташ маҳдудро ба бозӣ ҷалб кунад.



«Психологҳо паҳлуҳои гуногуни фаъолияти бозиро тадқиқ карда, нишон доданд, ки кӯдак дар рафти бозӣ муҳити атроф, оламе воқеӣ ва тарзи зиндагии калонсолонро инъикос мекунанд. Ба ҳамин восита ба зиндагӣ тайёрӣ мебинанд», – менависад М. Назруллоева дар қисмати дуюми «Психологияи бачагона».



Бозӣ бо тугмаҳо, ки «Халтаи сеҳрноки модарам» ном дорад, ин фикри болоро тақвият медиҳад. Тугмаҳо бояд ранга, калону хурд, бо шаклҳои гуногун бошанд. Бачаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем ва ба гурӯҳҳо ном мегузорем. Ба онҳо мегӯем: «Чашмонатонро пӯшед». Халтаи зебои ранга ва пурнақшу нигорро мебарорем, дар дастамон боло нигоҳ медорем ва мегӯем: «Чашмонатонро кушоед». Бачаҳо чашмонашонро мекушоянд ва бо шавқ ба садои даруни халта гӯш медиҳанд. Мураббӣ мегӯяд: «Акнун мебинем, ки дар даруни халта чӣ аст». Ӯ тугмаҳоро дар болои миз холӣ мекунад. Шодии бачаҳо ҳамто надорад. Онҳо хурсандикунон мехоҳанд ба тугмаҳои рангоранг даст зананд. Мураббӣ шарти бозиро ба бачаҳо мефаҳмонад. Гурӯҳи якум тугмаҳои калон, чоркунҷа, гирд ва ранги сабзу кабудро кофта меёбанд ва «куртаи падарашон»-ро, ки тугмааш афтидааст, рамзан медӯзанд. Гурӯҳи дуюм тугмаҳои хурдро бо рангҳои зард, сурх, сафед, бо шакли ситорача ва дил меёбанд ва «куртаи хоҳарашон»-ро рамзан бо тугмаҳои ҷолиб оро медиҳанд. Бояд ба кӯдаки имконияташ маҳдуд афзалият диҳем, то дар гурӯҳи тугмаҳои хурд кор кунад, то ки ҳарчи бештар ангуштонаш фаъолият кунанд ва ҳамоҳангии чашмон ва дастон ба вуҷуд биёяд. Баъд аз итмоми бозӣ ба бачаҳо ташаккур мегӯем, гурӯҳи ғолибро эълон мекунем, ба онҳо танаффус медиҳем ва баъд аз муддати муайяне аз бачаҳо хоҳиш мекунем, ки аз тугмаҳо «пайроҳача» бисозанд. «Пайроҳача»- и бачаҳо бояд аввал аз тугмаҳои калон шурӯъ шуда, бо тугмаҳои хурд (тугмаҳои гирд) ба итмом расанд.

Бо тугмаҳо бозии фардӣ низ гузаронидан мумкин аст. Дар назди кӯдаки имкониятошон маҳдуд 4 тугма мегузорем, 3 тугмаи якхела ва як тугмаи дигаргуна. Бояд кӯдак муайян кунад, ки дар байни ин чор тугма кадомаш зиёдатӣ (бегона) аст. Тугмаҳоро мегузорем ва аз вай хоҳиш мекунем, ки аз онҳо хонача ё гул бисозад. Ё ин ки дар назди кӯдак тугмаҳои ҳархеларо мегузорем ва аз вай хоҳиш мекунем, ки ба чӣ монанд будани онҳоро гӯяд ва онҳоро ҷудо кунад (шакли дил, шакли ситорача, чоркунҷа, шакли гул ва ғ.). Нуктаи муҳим такрор ва ба такрор ин ё он намуди бозиро гузарондан мебошад. Махсусан, агар дар гурӯҳ кӯдаки имконияташ маҳдуд бошад, зеро агар такрор нашавад, ӯ метавонад маҳорату малакаи ёд гирифтаашро фаромӯш кунад.

Хулоса, ҷалб кардани кӯдакони имкониятошон маҳдуд ба бозӣ танҳо як хурсандӣ, як дилхушӣ ва як фароғат не, балки имкониятест барои мусоидат ба кори дастаҷамъона, ташаккули иҷтимоӣ-равонӣ, пуркувват шудани малакаҳои хурди даст, мухторият пайдо кардан, омӯхтан, инкишоф, эътимод ба муҳити бехатар ва дастгирӣ.

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ДУШВОРИ ХИМИЯВӢ БО МЕТОДИ «СОАТИ РЕГӢ»

**М. БОБОЗОДА, Г. ИСМАТЗОДА – устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, С. БАНДАЕВ, Г. ОДИНАЗОДА – устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, У. БОБОЗОДА – устоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

**Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ бо методи «Соати регӣ» ҳадафҳои маърифатӣ, рушдбахшӣ ва тарбиявиро дар бар мегирад.**

**Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ аз талабагон мулоҳиза кардан, иҷрои амалро дар асоси донистани қонунҳо, назарияҳо ва методҳоро, ки ба мустаҳкам ва васеъ намудани дониш, инкишоф додани тафаккури химиявӣ нигаронида шудаанд, талаб мекунад.**

Мақсади асосӣ дар ин раванд ба хонандагон омӯхтани фикр кардан, хулоса баровардан, воқиф шудан ва муайян кардани роҳи ҳалли масъала дар ҳолати мушкилот мебошад. Асосгузори эвристика Д. Пойа [1] кӯшиш мекард, ки барои ҳалли масъалаҳо роҳҳои умумиро пайдо кунад. Аҳаммияти тавсияҳои ӯ дар он аст, ки онҳо ба ташаккули сохтори тафаккур дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъала мусоидат мекунанд, самти дурусти ҷустуҷӯро муқаррар мекунанд, дар натиҷа, эҳтимоли муваффақ шудан зиёд шуда, вақти дарёфт кардани роҳи ҳалли масъала кам мешавад. Д. Пойа барои самаранокии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар раванди таълим, тавсияҳои зеринро пешниҳод кардааст:

-таҳлили роҳи ҳалли ҳолати масъала дар ибораҳои зерин ифода меёбад: «Пеш аз оғози кор дар бораи ҳадафи худ фикр кунед», «Доно дар бораи охири кор фикр мекунад, нодон ибтидои корро асосӣ меҳисобад», «Шумо бояд ҳадафи ниҳоиро дарк кунед, то ин ки гумроҳ нашавед», «Доно ақидаи худро тағйир медиҳад, аммо нодон ҳеҷ гоҳ», «Агар муваффақ нашавед, кӯшиш кунед, ки самти ҷустуҷӯи худро тағйир диҳед», «Имконияти асосиро дарёфт кунед», «Ҳушёр бошед, хусусиятҳоро мушоҳида кунед, вазъиятро воқифона таҳлил кунед», «Мо он чизеро, ки барои воқеият мехоҳем, бо омодагӣ қабул мекунем».



Нақшаи мо фақат тарҳи умумии ҳалли масъаларо пешбинӣ намекунад, мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки тафсилоти масъала ба нақшаи тартибдодаамон мувофиқ аст:

- тартиб додани нақшаи ҳалли масъала, мақоми асосӣ дошта, ба он саволҳо илова мекунанд, ки ба саволи асосии масъала ҷавоб медиҳанд. Ҷавоб ба саволи додашуда бо тартиби баръакс низ бояд ҷавобгӯ бошад;

-ҳалли масъалаҳо оид ба тайёр кардани маҳлулҳо, дар гурӯҳҳо сурат мегирад ва баъдан баррасии натиҷаҳо ва мубодилаи афкор ташкил карда мешавад;

- дар ҷамъбасти дарс аз рӯи саволҳои зерин суҳбат ташкил карда шавад: чӣ ба шумо писанд омад?, кадом амал барор нагирифт?, барои ба даст овардани мақсад чӣ халал расонд?

Масъалаҳои маъмулӣ барои ҳосил кардани маҳлулҳо аз ҷониби муҳаққиқони дигар [2; 3; 4] низ омӯхта шудаанд.

Аз ин рӯ, мо дар омӯзиши химия ба истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар раванди таълим диққати калон дода, методи навро бо номи «Соати регӣ» пешниҳод намудем. Дарсҳо бо татбиқи робитаҳои байнифаннӣ бо истифода аз супоришҳои ҳисобӣ тарҳрезӣ шудаанд [2; 3; 4], корҳои санҷишӣ ва таҳлилӣ иҷро карда шудаанд.

**Муқоисаи бартарият байни методи анъанавии «Таносуб» ва методи «Соати регӣ»**

Ҳангоми супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии касбӣ тариқи Маркази миллии тестӣ ва иштирок дар озмунҳо вакт маҳдуд мебошад, бояд довталаб дар вакти муайян аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои пешниҳодгардида барояд. Аз ин рӯ, хонандагон бояд дар ҳалли масъалаҳо методеро интихоб намоянд, ки дар вакти камтар ва бо иҷрои амалиётҳои математикии кӯтоҳтар, дуруст ва боваринок аз уҳдаи ҳалли масъалаи додашуда бароянд. Дар ҳолати бо истифодаи муодилаҳои математикӣ ва тарзи «Таносуб» ҳал намудани масъалаҳо, ҳаҷми кор васеъ мешавад ва вакт бисёртар сарф мешавад. Барои мисол масъалаи зеринро барои муқоиса ҳам бо методи анъанавии «Таносуб» ва ҳам бо методи «Соати регӣ» ҳал менамоем.

**Масъалаи 1.** Ба 300 г маҳлули 5%-а, чанд грамм маҳлули 25%-а илова кунем, ки маҳлули 10%-а ҳосил шавад?

***Ҳал.*** Тарзи якум. Бо истифодаи методи «Таносуб» ва формулаҳои физикию математикӣ

а) Массаи намакро дар маҳлули аввала меёбем:

300 г маҳлул-------------100% маҳлул

$x_1$ г намак------------------5% намак

$$x_1 = \frac{300 \cdot 5}{100} = 15\text{г намак}$$

б) Массаи маҳлули иловашавандаро бо «y» ва массаи намаки дар маҳлули иловашавандаи мавҷудбударо бо "$x_2$" ифода намуда, чунин таносубро тартиб медиҳем:

$300_{\text{г маҳлул}} + y$……………..100% маҳлул

$15_{\text{г намак}} + x_2$………………..10% намак

Аз ин таносуб муодилаи зеринро ҳосил мекунем.

$$(15_{\text{г намак}} + x_2) \cdot 100 = (300_{\text{г маҳлул}} + y) \cdot 10$$

Ҳар ду тарафи баробариро ба 10 тақсим мекунем:

$$(15_{\text{г намак}} + x_2) \cdot 10 = 300_{\text{г маҳлул}} + y$$

$150+10x_2=300+y$

$$10x_2 = 150 + y \qquad (1)$$

Азбаски массаи маҳлули иловашавандаро бо y ва массаи намаки дар он мавҷудбударо бо $x_2$ ифода намуда будем, аз рӯйи муодилаи консентратсияи фоизӣ, ки консентратсияи маҳлули иловашаванда аз рӯйи шарти масъала $\omega$ =25%-а аст, чунин мешавад:

$\omega = \frac{x_2 \cdot 100}{y}$ *ё ки* $25 = \frac{x_2 \cdot 100}{y}$

Аз ин ҷо: $25y = 100x_2$ мешавад.

Ҳар ду тарафи муодиларо ба 25 тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$y = 4x_2$ ё ки $x_2 = 0{,}25y$

Қимати $x_2$-ро ба муодилаи (1) мегузорем:

$10 \cdot 0{,}25y = 150 + y;\ 2{,}5y = 150 + y;\ 2{,}5y - y = 150;\ 1{,}5y = 150;\ y = \frac{150}{1{,}5};\ y = 100$

Яъне, 100 г маҳлули 25%-а илова намудан лозим аст.

**Санҷиш:** а) Массаи намакро дар маҳлули аввала меёбем:

300 г маҳлул-------------100% маҳлул:

$x_1$ г намак------------------5% намак:

Аз ин ҷо: $x_1 = \frac{300 \cdot 5}{100} = 15$ г намак мешавад.

б) Азбаски 100 г маҳлули 25%-а илова кардан лозим аст, пас дар он 25 г намаки ҳалшуда мавҷуд аст.

в) Массаи маҳлули ҳосилшавандаро меёбем:

300 г маҳлули аввала + 100 г маҳлули иловашаванда = 400 г маҳлули ҳосилшаванда.

г) Массаи умумии намакро дар маҳлули ҳосилшаванда меёбем.

Массаи намак дар маҳлули аввала чунин буд.

300 г маҳлул-------------100% маҳлул:

$x_1$ г намак------------------5% намак.

Аз ин ҷо $x_1 = \frac{300 \cdot 5}{100} = 15$ г намак будааст.

Азбаски 100 г маҳлули 25%-а илова намудан лозим аст, пас дар он 25 г намаки ҳалшуда мавҷуд аст. Массаи умумии намакро меёбем:

15 г намак дар маҳлули аввала + 25 г намак дар маҳлули иловашаванда = 40 г намак дар маҳлули ҳосилшаванда.

д) Таносуб тартиб дода, фоизи намакро дар маҳлули ҳосилшуда меёбем:

400 г маҳлул……………..100% маҳлул

40 г намак…………………..x%

Аз ин ҷо: $x = \frac{40 \cdot 100}{400} = 10\%$

**Тарзи дуюм. Методи «Соати регӣ».** Масъаларо бо методи «Соати регӣ» ҳал мекунем:

5%. ................25%




15 г (5%)..+…5 г (25%) = 20 г (10%)

300 г (5%)……x г

Пас, $x = \frac{300 \cdot 5}{15} = 100$ г маҳлули 25% – а илова мекунем.

Аз муқоисаи ин тарзҳо дида мешавад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳо бо методи «Соати регӣ» ҳам ҳаҷми кор хурд мегардад ва ҳам вақт сарфа мешавад.

**Масъалаи 2.** Дар омехтаи кристаллогидратҳои сулфати мис (II) ва сулфати оҳан (II) ҳиссаи массаи об бо фоиз ба 41,59% баробар аст. Ҳиссаи массаи кристаллогидратҳоро дар омехта бо фоиз ёбед.

***Ҳал.*** **Тарзи якум.** Масъаларо бо татбиқи методи физикавӣ ҳал мекунем.

Муодилаи зеринро истифода мебарем: $\omega_1\omega^* + \omega_2\omega^{**} = \omega_{H_2O}$ (1)

Дар ин ҷо $\omega_1$—ҳиссаи массаи об дар кристаллогидрати 1-ум:

$$\omega_1 = \frac{5H_2O}{M_{(CuSO_4 \cdot 5H_2O)}} = \frac{90}{250} = 0{,}36$$

$\omega_2$- ҳиссаи массаи об дар кристаллогидрати 2-юм:

$$\omega_2 = \frac{7H_2O}{M_{(FeSO_4 \cdot 7H_2O)}} = \frac{126}{278} = 0{,}4524$$

$\omega^*$ - ҳиссаи массаи кристаллогидрати 1-ум дар омехта;

$\omega^{**}$ - ҳиссаи массаи кристаллогидрати 2-юм дар омехта;

$\omega_{H_2O}$ - ҳиссаи массаи об дар омехта=0,4159 (бо фоиз 41,59%);

Ҳамаи ин қиматҳоро ба муодилаи (1) гузошта, ҳосил мекунем:

$$0{,}36 \cdot \omega^* + 0{,}4524 \cdot \omega^{**} = 0{,}4159 \quad (2)$$

Ҳиссаи массаи кристаллогидратҳоро дар омехта бо ёрии муодилаи зерин меёбем.

$$\omega^* + \omega^{**} = 1 \quad (3)$$

Аз ин ин ҷо: $\omega^{**} = 1 - \omega^{*}$

Ин ифодаро ба муодилаи (2) мегузорем: $0,36 \cdot \omega^{*} + 0,4524 \cdot (1 - \omega^{*}) = 0,4159$

Қавсро мекушоем:

$$0,36\omega^{*} + 0,4524 - 0,4524\omega^{*} = 0,4159$$

Аз ин ҷо:

$0,0924\omega^{*} = 0,0365$ ё ки $\omega^{*} = \frac{0,0365}{0,0924} = 0,395.$

Пас, $\omega^{*} = 0,395$ яъне $39,5\%\ CuSO_4 \cdot 5H_2O$ шуда, $\omega^{**} = 1 - \omega^{*} = 1 - 0,395 = 0,605,$ яъне, $60,5\%\ FeSO_4 \cdot 7H_2O$ мешавад.

**Тарзи дуюм. Методи «Соати регӣ».** а) Фоизи обро дар кристаллогидратҳо меёбем:

$\omega_{H_2O} = \frac{5H_2O \cdot 100}{CuSO_4 \cdot 5H_2O} = \frac{5 \cdot 18 \cdot 100}{250} = 36\%;$

$\omega_{H_2O} = \frac{7H_2O \cdot 100}{FeSO_4 \cdot 7H_2O} = \frac{7 \cdot 18 \cdot 100}{278} = 45,3\%.$

б) Масъаларо бо методи «Соати регӣ» ҳал мекунем:

$36\%\ (CuSO_4 \cdot 5H_2O)$ $\quad$ $45,3\%\ (FeSO_4 \cdot 7H_2O)$




3,7 г $(CuSO_4 \cdot 5H_2O)$ + 5,6 г $(FeSO_4 \cdot 7H_2O)$ = 9,3 г (омехта)

х г $\quad$ у г $\quad$ 100 г (омехта)

Аз ин ҷо х $= \frac{3,7 \cdot 100}{9,3} = 39,5\%\ CuSO_4 \cdot 5H_2O$ *ва*

у $= \frac{5,6 \cdot 100}{9,3} = 60,5\%\ FeSO_4 \cdot 7H_2O$ *мешавад.*

**Масъалаи 3.** Фоизи оксидҳоро дар омехтаи оксиди оҳан (II) ва оксиди оҳан (III) ёбед, агар маълум бошад, ки фоизи оксиген дар омехта 26,2%-ро ташкил диҳад.

***Ҳал.* Тарзи якум.** Бо татбиқи методи формулаҳои физикавӣ.

Муодилаи зеринро истифода мебарем:

$$\omega_1\omega^{*} + \omega_2\omega^{**} = \omega_0 \quad (1)$$

Дар ин ҷо: $\omega_1$-ҳиссаи массаи оксиген дар оксиди 1-ум:

$$\omega_1 = \frac{A_O \cdot n_O}{M_{FeO}} = \frac{16 \cdot 1}{72} = 0,222\ O \text{ дар } FeO \text{ (яъне } 22,2\%)$$

$\omega_2$- ҳиссаи массаи об дар кристаллогидрати 2-юм:

$$\omega_2 = \frac{A_O \cdot n_O}{M_{Fe_2O_3}} = \frac{16 \cdot 3 \cdot}{160} = 0,3\ O \text{ дар } Fe_2O_3 \text{ (яъне } 30\%)$$

$\omega^{*}$- ҳиссаи массаи оксиди 1-ум дар омехта;

$\omega^{**}$- ҳиссаи массаи оксиди 2-юм дар омехта;

$\omega_0$—ҳиссаи массаи оксиген дар омехта=0,262 (бо фоиз 26,2%)

Ҳамаи ин қиматҳоро ба муодилаи (1) гузошта ҳосил мекунем:

$$0,222 \cdot \omega^{*} + 0,3 \cdot \omega^{**} = 0,262 \quad (2)$$

Ҳиссаи массаи оксидҳоро дар омехта бо муодилаи зерин меёбем:

$$\omega^{*} + \omega^{**} = 1 \quad (3)$$

Аз (3) меёбем: $\omega^{**} = 1 - \omega^{*}$

Ба муодилаи (2) мегузорем:

$$0,222 \cdot \omega^{*} + 0,3 \cdot (1 - \omega^{*}) = 0,262$$

Қавсро мекушоем: $0,222\omega^{*} + 0,3 - 0,3\omega^{*} = 0,262$

Аз ин ҷо:

$0{,}078\omega^* = 0{,}038;\ \omega^* = \frac{0{,}038}{0{,}078} = 0{,}487;\ \omega^* = 0{,}487$, яъне, $48{,}7\%\ FeO$

$$\omega^{**} = 1 - \omega^* = 1 - 0{,}487 = 0{,}513, \text{ яъне, } 51{,}3\%\ Fe_2O_3.$$

**Тарзи дуюм. Методи «Соати регӣ».** Фоизи оксигенро дар оксидҳои FeO ва $Fe_2O_3$ меёбем:

$\omega\%_{\ O/FeO} = \frac{A_O \cdot n_O \cdot 100}{M_{FeO}} = \frac{16 \cdot 1 \cdot 100}{72} = 22{,}2\%\ O$ дар $FeO;$

$$\omega\%_{\ O/Fe_2O_3} = \frac{A_O \cdot n_O \cdot 100}{M_{Fe_2O_3}} = \frac{16 \cdot 3 \cdot 100}{160} = 30\%\ O \text{ дар } Fe_2O_3$$

22,2%(O дар $FeO$ )                30%(O дар $Fe_2O_3$ )




3,8 г(22,2%)….+…...                4 г (30%)…..=…..7,8 г (омехта)

х……………………...                у…………….....100 г (омехта)

Аз ин ҷо:

х $= \frac{3{,}8 \cdot 100}{7{,}8} = 48{,}7\%\ FeO$; у $= \frac{4 \cdot 100}{7{,}8} = 51{,}3\%\ Fe_2O_3$.

**Санҷиш:** Азбаски дар омехта 48,7% $FeO$ ва 51,3% $Fe_2O_3$ мавҷуд будааст, пас дар 100 г омехта 48,7 г $FeO$ ва 51,3г $Fe_2O_3$ мавҷуд мебошад. Акнун аз рӯи ин қиматҳо фоизи оксигенро дар омехта меёбем:

Fe……..…….                .FeO

1) M($FeO$)=56…+…16…=…72

х………48,7.

Аз ин ҷо: х $= \frac{16 \cdot 48{,}7}{72} = 10{,}8$ г $O$ дар 48,7г $FeO$

Fe………….……... ….$Fe_2O_3$

2) M($Fe_2O_3$)=56· 2…+..16· 3…. ….160

у…………51,3

$$у = \frac{16 \cdot 3 \cdot 51{,}3}{160} = 15{,}4 \text{ г } O \text{ дар } 51{,}3 \text{ г } Fe_2O_3$$

3) Фоизи оксигенро дар омехтаи оксидҳо меёбем:

х+у=10,8+15,4= 26,2 г O дар 100 г омехтаи оксидҳои $FeO$ ва $Fe_2O_3$.

Азбаски ин миқдор оксиген дар 100 г омехтаи оксидҳо мавҷуд аст, аз ин рӯ фоизи оксиген дар омехтаи оксидҳо 26,2%-ро ташкил медиҳад.

**Масъалаи 4.** Аз маҳлули 15%-а 60 г обро бухор карданд, дар натиҷа маҳлули 18%-а ҳосил шуд. Массаи маҳлули аввалаauthor ёбед.

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

15%--------------------- 0%об




18 г (15%)----—------- 3 г об=15г(18%)

х г (15%)--------------60 г об

х=18·60/3=360 г маҳлули (15%-а).

**Санҷиш:** 360 г маҳлул–60 г об=300 г маҳлул

360 г маҳлул----------100%

x--------------------------15%

x=360·15/100=54 г намак

Дар 300 г------54 г

100 г------x

Аз ин ҷо x=100·54/300=18% мешавад.

**Масъалаи 5.** Аз 600 г маҳлули 10%-а чанд грамм обро бухор кунем, ки маҳлули 30%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

10%----------------0%




30 г (10%)-------------20 г (об)=10 г(30%)

600 г (10%)------------x г (об)

Пас, x=600·20/30=400 г обро бухор кардан лозим аст.

**Масъалаи 6.** Дар 400 г об чанд грамм намакро ҳал кунем, ки маҳлули 20%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

0% об-------------100%




80 г об----+----- 20 г намак=100 г (20%)

400 г об-----------x

Аз ин ҷо x=400·20/80=100 г намак мешавад.

**Масъалаи 7.** 50 г намакро дар чанд грамм об ҳал кунем, ки маҳлули 25%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

0%----------------100%




75 г об-----------25 г намак

x-----------------50 г намак

Аз ин ҷо x=75·50/25=150 г об ҳосил мешавад.

**Масъалаи 8.** Ба 280 г маҳлули 10%-а чанд грамм намакро ҳал кунем, ки маҳлули 30%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

10%----------------100%



70 г---------------20 г намак=90 г (30%)
280 г----------------х
Аз ин ҷо х=280·20/70=80 г намак пайдо мешавад.

**Масъалаи 9.** Ба 200 г маҳлули 40%-а чанд грамм об илова кунем, ки маҳлули 10%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

40%------------------ 0%




10 г (40%)------- 30 г (0%)=40г(10%)
200 г (40%)-------- х (0%)
Аз ин ҷо х=200·30/10=600 г об ҳосил мешавад.

**Масъалаи 10.** Ба 150 г маҳлули10%-а чанд грамм маҳлули 50%-а илова кунем, ки маҳлули 20%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

10%----------------------50%




30 г(10%)------------10 г(50%)=40г(20%)
150 г(10%)------------х
Ҳамин тавр, х=150·10/30=50 г (50%) ҳосил гардид.

**Масъалаи 11.** Барои ҳосилкунии 200 г маҳлули 10%-а чанд грамм маҳлули 40%-а ва об гирифтан лозим аст?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

40%-----------------0% (об)




10 г (40%)----+----30 г (об)=40 г (10%)
$x_1$--------------------$x_2$-------200 г (10%)
Аз ин ҷо $x_1$=10·200/40=50 г (40%) ва $x_2$=30·200/40=150 г (об) ҳосил мешавад.

**Масъалаи 12.** Барои ҳосилкунии 600 г маҳлули 30%-а аз маҳлулҳои 10%-а ва 40%-а чанд граммӣ гирифтан лозим аст?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

10%-----------------40%



10 г (10%)--------20 г (40%)-=-30 г (30%)

$x_1$------------------600 г (30%)

Ҳамин тариқ, $x_1=10\cdot600/30=200$ г (10%) ва $x_2=20\cdot600/30=400$ г(40%) мешавад.

**Масъалаи 13.** Зичии омехтаи NO ва $NO_2$ нисбат ба гидроген ба 20 баробар аст. Фоизи ҳаҷмии NO-ро дар омехта ёбед.

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».**

1) Массаи миёнаи омехтаро меёбем:

M(омехта) = Д * M($н_2$)=20*2=40 (омехта)

2) Бо истифода аз методи «Соати регӣ» масъаларо ҳал мекунем:

30(NO) 46($NO_2$)



40 (омехта)

6 л (NO) + 10 л ($NO_2$) = 16 л (омехта)

х г 100 л (омехта)

Аз ин ҷо $x=\frac{6\cdot100}{16}=37{,}5\%$ (NO) ҳосил мегардад (аз рӯи ҳаҷм).

**Масъалаи 14.** 150 г $SO_3$-ро дар чанд грамм маҳлули 91%-аи $H_2SO_4$ ҳал кунем, ки олеуми 20%-а ҳосил шавад?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».** Аввал 100 г маҳлули 91%-аи $H_2SO_4$-ро гирифта, ҳисоб мекунем, ки то ба олеуми 20%-а табдил ёфтани маҳлул чӣ қадар $SO_3$ аз рӯйи масса сарф мешавад.

Бинобар ин, масъаларо бо чунин тартиб ҳал мекунем:

а) Агар аз 100% маҳлул фоизи $H_2SO_4$–ро тарҳ кунем, фоизи обро меёбем, яъне:

100% маҳлул – 91% $H_2SO_4$ = 9% об

Аз ин бармеояд, ки дар:

100 г маҳлул– 91 г $H_2SO_4$ = 9 г об ҳаст.

б) Аз муодилаи реаксияи $SO_3$ бо $H_2O$ таносуб тартиб дода, массаи $SO_3$–ро ба реаксия дохилшаванда меёбем:

18 г---------------80

$H_2O + SO_3 = H_2SO_4$ Аз ин ҷо: $x=\frac{9\cdot80}{18}=40г$ $SO_3$.

9 г----------------х г

в) Массаи кислотаи 100%-аи ҳосилшударо меёбем.

100 г маҳлули 91%-а + 40 г $SO_3$ =140 г $H_2SO_4$-и 100%-а ҳосил мешавад.

г) Дар олеум $H_2SO_4$ нақши ҳалкунандаро мебозад, аз ин рӯ онро 0%-а ва $SO_3$-и ҳалшавандаро 100%-а ҳисобида, бо методи «Соати регӣ» масъаларо ҳал мекунем.

0%($H_2SO_4$) 100%($SO_3$)



20% Аз ин ҷо: $x=\frac{140\cdot20}{80}=35г$ ; $SO_3$–и дар $H_2SO_4$ ҳалшуда.

80 г ( $H_2SO_4$) + 20 г ($SO_3$) = 100 г (олеуми 20%)

140 г ( $H_2SO_4$) х г ($SO_3$)

д) Массаи умумии $SO_3$-ро меёбем:

40 г $SO_3$-и бо об ба реаксия дохилшуда+35 г $SO_3$-и дар $H_2SO_4$ ҳалшуда =75 г $SO_3$ мебошад, лозим аст.

е) Массаи маҳлули 91%-аи $H_2SO_4$-ро аз рӯи таносуб меёбем.

Дар 100 г маҳлули 91%-аи H2SO4 75 г $SO_3$-ро ҳал кардан лозим аст.

Дар х г маҳлули 91%-а H2SO4 150 г $SO_3$-ро ҳал кардан лозим аст.

$x = \frac{100 \cdot 150}{75} = 200$ *г* маҳлули 91%-аи $H_2SO_4$.

**Масъалаи 15.** Барои тайёр кардани 200 мл маҳлули 15%-аи $Ca(NO_3)_2$, ки зичиаш ба 1,15 г/мл баробар аст, чанд грамм кристаллогидрати $Ca(NO_3)_2{*}4H_2O$ гирифтан лозим аст?

**Ҳал. Методи «Соати регӣ».** Массаи маҳлулро меёбем.

$m_{(маҳлул)} = \rho \cdot V = 1{,}15 \cdot 200 = 230$ г маҳлул

1) Фоизи $Ca(NO_3)_2$–ро дар $Ca(NO_3)2 \cdot 4H_2O$ меёбем.

$M(Ca(NO_3)_2) \cdot 4H_2O = 164 + 72 = 236$ г

х 100 г

$$x = \frac{100 \cdot 164}{236} \approx 70\%$$ $Ca(NO_3)_2$ дар кристаллогидрат

$0\%_{(об)}$ $70\%_{(кристаллогидрат)}$



15%

55 $г_{(об)}$ + 15 $г_{(кристаллогидрат)}$ = 70 г маҳлули (15%-а)

х 230 г маҳлули (15%-а)

Аз ин ҷо $x = \frac{15 \cdot 230}{70} = 49{,}3$ *г* кристаллогидрати $Ca(NO_3)_2{*}4H_2O$ гирифтан лозим аст.

Хулоса, методи нави ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ бо номи «Соати регӣ» дар раванди таълими химия метавонад барои амалӣ кардани ҳадафҳои зерин истифода бурда шавад:

- бо ёрии онҳо чунин сифатҳои зерин, ба монанди амалисозӣ, пайвастагӣ, амиқӣ, огоҳӣ, тоқатпазирӣ ташаккул меёбанд;
- нақши онҳо дар инкишофи тафаккури системавию эҷодии хонандагон, ташаккули фаъолияти маърифатӣ, мустақилият ва шавқу рағбат нисбат ба дониш ва табиати он муайян карда мешавад;
- ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ бо методи «Соати регӣ» ҳадафҳои маърифатӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиявиро дарбар мегирад.

**Адабиёт**

1. Пойа, Д. Как решать задачу: пособие для учителей / пер. с англ. [В. Г. Звонаревой и Д. Н. Белла]; под ред. Ю. М. Гайдука. - М. : Учпедгиз, 1959. - 208 с.

2. Бандаев, С.Г., Ҳайдаров, А., Манонов, А., Муродов, Д. Машқ ва масъалаҳо аз химияи органикӣ.- Душанбе.: ДДОТ, 2011. - 200 с.

3. Бобоев, У.Х., Ашуров, Н.А. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо методи «Соати регӣ». - Бохтар, 2014

4. Бобоев, У.Х., Бандаев С.Г., Бобоев М.У. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо методи «Соати регӣ». // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - №2 (45). -2001. – с. 28-35.



**Шаҳноза АХМЕДОВА – саромӯзгори ҶДММ МТҒ «Коллеҷи тиббии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров»**

# МАСЪАЛАҲОИ ШАВҚОВАР

**Фанҳои дақиқ соҳиби забоне мебошанд, ки дар тамоми ҷаҳон як хел тарҷума мешаванд: ба монанди $H_2O$, $ax^2+bx+c=0$, $a^2+b^2=c^2$ ва ғайра ва на ҳар кас ин забонро хонда метавонад.**

Мавзуи «Прогрессия» барои донишҷӯёну хонандагон мавзуи душвор ба ҳисоб меравад. «Прогрессия» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноаш ҳаракат ба пеш мебошад. Прогрессия ду хел мешавад: прогрессияи арифметикӣ ва геометрӣ. Барои фаҳмондани прогрессияи арифметикӣ ба донишҷӯён супориш медиҳем, ки ададҳои аз 1 то 100-ро ҷамъ кунанд. Баъд ба донишҷӯён вақт медиҳем. Шогирдон онро ҳисоб намуда, фикрашонро мегӯянд. Дар охир натиҷаи ҳосилнамудаи донишҷӯёнро ҷамъбаст ва ҷавоби дурустро бо роҳи осон пешниҳод мекунем (нигаред ба расм):




Инро Карл Гаусс дар вақти дар мактаби ибтидоӣ таҳсил кардани худ истифода бурда буд

Ҳамин тавр, аз схемаи парабола $101 \cdot 50 = 5050$ ҳосил мешавад, ки ин барои донишҷӯён хеле осону мувофиқ ва шавқовар мебошад. Баъд аз ин, ба донишҷӯён пешниҳод мекунем, ки ададҳои аз 31 то 50-ро ҷамъ кунанд: яъне, $31+50=81$ ва $81 \cdot 10 = 810$ мешавад. Дар ин ҷо 31 адади аввал, 50 адади ниҳоӣ 81 суммаи онҳо буда, 10 ними шумораи узви прогрессияи арифметикӣ мебошад. Ҳамин тариқ, бо усули проблемагузорӣ дарс хеле шавқовар мегузарад.

Ҳангоми омӯзиши прогрессияи геометрӣ, барои бедор намудани шавку ҳаваси донишҷӯён аз таърихи он истифода бурда, аз саргузашти олими дақиқ, файласуф ва математики барҷаста Карл Гаусс, ки асоси пайдоиши прогрессия аст, ҳалли масъалаи зеринро пешниҳод менамоем.

**Пардохт бо биринҷ**



Саҳна:

Баранда: – Тавре ки медонем, дар замонҳои қадим зимоми роҳбариро подшоҳон бар уҳда доштанд. Як рӯз подшоҳ аз илм ва ҳунари Карл Гаусс бохабар гашта, барои додани мукофот ӯро ба назди худ мехонад.

Карл Гаусс: – Шоҳо, ҳар пешниҳоде, ки менамоед, барои иҷрои он ман омодаам.

Подшоҳ: – Ман аз эҷодкории ту бохабар гашта, мехоҳам бо зару зевар ғарқат кунам. Агар зару зевар кам бошад боз ҳар чизе, ки хоҳӣ, талаб намо, сазовор гардонамат.

Карл Гаусс: – Подшоҳам, ба ман зару зевари бисёр чӣ даркор, он илме, ки ман омӯхтаам, барои ризқи имрӯз ва ояндаам басандагӣ мекунад. Ман танҳо як хоҳиш дорам.

Подшоҳ: – Имрӯз ман туро дида, хурсанд гаштам ва ҳар чизе, ки хоҳӣ, талаб намо.

Карл Гаусс: – Хоҳиши ман ин, ки ҳар як хоначаи шоҳмоти маро бо донаҳои биринҷ пур намоед. Дар хонаи якум 1 дона биринҷ, дар хонаи дуюм 2 дона дар хонаи сеюм 4 дона дар хонаи чорум 8 дона биринҷ ва ҳамин тавр, дар ҳар як хоначаи оянда ду баробар зиёд.

Подшоҳ: – Ман ба ту зару зевар гӯям, ту бошӣ, донаи биринҷ мегӯӣ? Подшоҳ ба вазир амр медиҳад, ки ҳар як хоначаи шоҳмоти Карл Гауссро бо халтаҳои биринҷ иваз кунед!

Карл Гаусс: – Не, шоҳам, ман танҳо ризқу рӯзии муносиби ҳоламро талаб менамоям.

Баранда: – Подшоҳ андешакунон худ ба худ гуфт: - Э ман инро олим, донишманд гӯям, як нодон будааст, ба ман донаи биринҷ мегӯяд. Эҳ нодоне, нодон...

Подшоҳ: – Вазир, агар Карл Гаусс донаи биринҷ гӯяд, ба анбор рафта, донаи биринҷашро диҳед ва Карл Гауссро розӣ намоед!

Вазир: – Хуб шудааст.

Баранда: – Вазир якҷо бо Карл Гаусс ба анбор мераванд ва рӯз бегоҳ мешаваду онҳо меоянд.

Вазир: – Подшоҳам, мо ин миқдор захира надорем...

Подшоҳ: – Чӣ гуфтӣ, ман донаи биринҷи Карл Гауссро дода наметавонам? Ҳозир саратро аз танат ҷудо мекунам!

Вазир: – Мо инро чандин маротиба ҳисоб кардем, миқдори донаи биринҷ ба 460 миллиард тонна баробар гардид. Ин миқдор захира дар тамоми ҷаҳон дида намешавад.

– Чӣ, магар хоначаҳои шоҳмоти Карл Гаусс 460 миллиард тонна биринҷро дар бар мегирифтааст?

Вазир: - Мо то ин вақт чандин маротиба ҳисоб карда, ба ҳар як килограмми биринҷ чанд дона биринҷ мувофиқ омаданашро ёфта, ба воҳиди тонна иваз намудем, ки дар натиҷа ба 460 миллиард тонна баробар гашт ва формулаи он чунин мешавад:

$$2^0 + 2^1 + 2^2 + 2^3 + 2^4 + 2^5 + \ldots + 2^{64}$$

$$\Downarrow \quad \Downarrow \quad \Downarrow \quad \Downarrow \quad \Downarrow \quad \Downarrow \qquad \Downarrow$$

$$1 + 2 + 4 + 8 + 16 + 32 + \ldots + 2^{64} = 460 \text{ миллиард тонна}$$

Подшоҳ: – Ман дар солҳои ҳукмрониям чандин давлатро забт кардам ва дар ин муддат бисёр чизҳоро тағйир медодам. Якумин дафъа фаҳмида истодаам, ки мани подшоҳ туро бо донаи биринҷ розӣ карда наметавонистаам. Ҳол он ки он донаи биринҷро ба халта иваз намудан мехостам. Дар ҳақиқат, олим будани худро исбот кардӣ ва ягона шахсе ҳастӣ, ки маро қоил кардӣ! Агар хоҳӣ, ҳокимиятро ба ту медиҳам.

Карл Гаусс: – Не, подшоҳам, ман илм дорам ва бо илмам ҳама маро иззату эҳтиром мекунанд, он ба ман кифоя аст...

Баранда:

***Агар хоҳӣ шудан ба сарварон сар,***
***Биомӯзу биандешу биофар.***

Фанни математика фанни хеле шавқовару аҷоиб буда, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати дониши донишҷӯён омӯзиши онро бо роҳи осонтару шавқовар бояд ба роҳ монд. Инчунин, бо истифодаи мисолу масъалаҳои дақиқ ҳам, дониши донишҷӯёнро баланд менамоем. Агар дар рафти дарс аз ҳикоя ва масъалаҳои мантиқӣ истифода барем, торафт шавқи донишҷӯёну хонандагон бедор шудан мегирад.

# РАСТОХЕЗИ ВОПАСИН



Бароти
АБДУРАҲМОН –
Нависандаи халқии
Тоҷикистон

**Аз шикасти давлати Ҳайтолиён ва марги вопасин подшоҳи сафшикан - Ғотифар понздаҳ сол гузашт. Нахуст, Хусрави Анушервон ва сипас, Истемихоқон, ки бо созишу паймони якҷоя Ғотифарро миёнагир карда, шикаст дода буданд, ҷаҳони рӯшанро падруд гуфтанд. Лашкари турктабори Истемихоқон пас аз тохтутозу ғоратгариҳо дар Бухоро ба Балосоғуну Исфиҷоб баргаштанд. Бухоро каме ором гашта, зиндагӣ дар шаҳру музофотҳои атроф сӯи осудагӣ мегаравид. Сафи туркҳои пирӯзу зӯровар коҳида бошад ҳам, зулму ситам кам намегашт. Туркҳои хидматгузори бозмонда ва гумоштаҳои бухорӣ, андозчинону молиётғундорон ба ҷони мардум дарафтода, қурси нону косаи обашонро мерабуданд.**

Абруи Пайкандӣ - ҷавонмарди тануманди сипоҳипеша, ки аслаш аз Пайканд буд, ҳафт сол пеш дар гузари Куҳандизи назди бозори Бухоро ҳавлие харид. Ҳавлӣ боғи начандон калон ва ҳавзи сарде дар гӯшаи девор дошт, ки аз чашмаи дарун сероб мешуд. Ӯ чун посбонсолор корвонҳои абрешими Мониёҳи Суғдиро роҳбаладӣ мекард ва аз тохтутози яғмогарону роҳзанҳои кунҷу канори роҳи абрешим пуштибонӣ менамуд. Ҳатто дар сафари хатарбори Константинопол ба дидори император Юстиниан расида, ҳамроҳи Земархи сафир бозгашта буд. Абруй, чун ҳамсафари доимии Мониёҳи Суғдӣ, билодҳои Чину Ҳинд ва қаламрави Олтойи туркҳои Муғонхоқон ва бародараш Истемихоқон пойтахти хаймапечашон Суёбро борҳо паймуда буд. Ӯ дар тайи сафарҳо соҳиби сарвати кироие шуд ва бо пешниҳоди устодаш дар Бухоро ҳавлӣ харид. Ӯ Ғотифарро хуб мешинохт, вале ҳангоми набарди ӯ бо Истемихоқон ва Хусрави Анушервон бо корвонҳои ҳомили абрешим дар бандарҳои Милету Эфес гирифтори савдо буд. Ҳангоми бозгашт ба Бухоро устодаш Мониёҳи Суғдӣ дар роҳ ҷон бохт ва ӯро аз набарду саркашӣ бо туркони пирӯзгашта боздошт. Мониёҳ огоҳ намуд, ки пас аз марги Ғотифар қаламрави Ҳайтолиён миёни Истемихоқон ва Хусрави Анӯшервон ду пора шуд ва дигар онро наметавон аз чанголи душманони тавоно раҳонид. Аз марги Мониёҳи Суғдӣ се сол гузашт ва Абруйи Пайкандӣ дар бозори абрешими Бухоро дӯконе харида, худро саргарми савдо менамуд ва аз турктози гумоштаҳои худию бегона дандон ба дандон мефишурд. Хашмаш дар гулӯ шикаста, ниҳодаш талотум мекард ва чору ночор кинситониро қафо меафканд. Аз посбонҳои роҳбаладӣ ҳамсафаш дар Бухоро даҳ тан монда буданд. Абруйи Пайкандӣ аз тундравӣ, ҷазодиҳӣ, порагирӣ, ситонидани молу сарвати кӯтоҳдастон, ба ғуломию зиндон бурдани саркашон сахт барошуфта, фурсати созгори сар бардоштан мепоид. Ӯ ба дӯсташ Мубораки Ҳабиб ва дигар ҳамсафону касони боваринокаш дастури ниҳонӣ дода буд, ки даҳ ҷавонмарди силоҳдору ҷангозмударо гирд оваранд, то ягон рӯз сар бардошта, туркҳои носераму чашмгуруснаро аз Бухоро биронанд.



Тирамоҳи соли даҳуми шикасту сарафкандагии Ҳайтолиён, ки ба нимаи моҳи Харапашйа[1] ва расидани иди Меҳргон рост меомад, зулму ситами навсарватону дастёрони онҳо дучанд боло гирифт. Онҳо дар Варахша, Искиҷкат, Вардона, Ромитан тохту тоз намуда, ҳангоми кӯтоҳдастии кишоварзону барзгарон духтарону писарони хурдсолашонро ба Суёбу Баласоғун ва калонтарҳоро ба бозори ғуломфурӯшии Марву Ҳазорасп

[1] Харапайша, моҳи нахусти тирамоҳи солшумории Ҳахоманишиён, ки маънои ҷамъоварии хорро ифода карда, ба 21 август - 22 сентябр рост меояд.

мебурданд.  Абруй боре аз дӯкон баргашта, аз занаш шунид, ки писари қариб даҳсолаашон - Суғдродро аз паси хонаашон дошта, ҳамроҳи чанд навраси ҳамсолаш аз Бухоро берун бурдаанд. Абруй дарҳол савори асп ҳамроҳи Мубораки Ҳабиб ва се ҳамсафаш ба кофтани писар баромад. Онҳо се рӯз саргардон шуда, аз саворaҳои турк ва Суғдрод ному нишоне наёфтанд.  Абруй хаставу ноумед, рӯзи сеюм, пас аз ғуруби офтоб ба ҳавлиаш баргашт. Дилаш ба таркидан расида, аз ғояти кину ғазаб бардошти нишастан надошт. Ба ёд меовард, ки устодаш Мониёҳ ҳикоят карда буд, ки туркютҳо наврасон ва ҷавонони асири танумандро барои хидмати якумрии сарбозӣ омода месозанд. Онҳо мӯи ҷавонҳоро покопок тарошида, ба сари тосашон равғани доғро мерезанд. Равғани доғи каме сардшуда, пӯсти сарро сӯзонида наврасро мадҳуш месозад. Сипас, ӯро зери офтоби сӯзон меафкананд ва мӯй сӯхтаву сари захмин ақлро кунд ва хотираро мезудояд. Бештари асирони наврас девонаву нимдевона шуда, чун ҳайвони вафодор ба чаронидани галаву рамаҳо вогузор мегарданд. Касони тобоварро чун сарбози фармонбардор ба набардҳо омода месозанд. Ба ӯ номи нав мегузоранд, ба хӯрокаш каме кӯфтаи аҷалгиёҳу зағоза меомезанд, то асабаш заиф ва хотирааш коҳида, забони модарӣ, ному насаб, киву куҷоӣ ва аз кадом табору дудмон буданашро фаромӯш созад. Ҳатто гиёҳе бо номи гиёҳи фаромӯшӣ ёд мешавад, ки тайи як ё якчанд моҳ ҷавон рӯҳу равонашро бохта, худро турк, писархонди хоқон ва зодаи хотуни турк мехонад. Ӯ забони ниёгон, номи падару модари ростин ва зодгоҳу Ватанашро билкул фаромӯш месозад ва то лаҳзаи марг чун саги вафодор хидмат мекунад.

Абруй аз шунидани ин ҳикояти устодаш каме дар шигифт афтод, ки чӣ гуна кас метавонад забони модарӣ, зодгоҳ, Ватан ва падару модари ростинашро фаромӯш созад? Мониёҳи Суғдӣ посух дод, ки мағзи касро бо шиканҷа фалаҷ месозанд. Ҳатто сарро тарошида, дар гирдогирдаш девори хамирӣ мебардоранд ва равғани тафсидаро мерезанд, ки аз кашидани пӯсти тари шутур даҳшатноктар аст. Аз ғояти шиканҷа хотира заиф гашта, ёду ёддоштҳо ҳама мекоҳанд. Ба асирони каме шифоёфта кӯфтаи аҷалгиёҳ, зағоза ва гиёҳи фаромӯшӣ дода, онҳоро ба муҳити нав ва забони бегонаи туркӣ балад месозанд. Бозмондаи ёдвораву хотираашонро мешикананд, онҳоро зидди Ватан, забони модарӣ ва решаву пайвандонашон омода мекунанд. Номи Ватанро аз мағзи костаашон мешӯянд, то решаву пайванд ва падару модарашонро фаромӯш созанд, номашро иваз мекунанд ва фармонбардори наву бебокеро ба сафи сипоҳиён меафзоянд. Фармонбардоре, ки ҳатто ба сари падару модари хеш шамшер мекашад ва беибо онҳоро мекушад.

Дили  Абруйи Пайкандӣ аз ин хаёлҳо тах мекашид. Пеши назараш симои Суғдрод падидор мегашт, ки бо сари тарошида, аз равғани доғ месӯзаду фиғон мекашад. Ӯ сабру бардошт бохта, аз ҳамсояи девор ба девори туркаш Тойдуи тудун[2] баргумон гашт. Дарҳол ҳамсар ва духтари хурдсолашро савори гардуна ба Пайканд фиристод. Тойду чандин бор  Абруйро дар бозор вохӯрда, чашмаи сард ва ҳавзи софашро ситоиш намуд ва фурӯхтани ҳавлиашро пешниҳод кард. Абруй ба дархости ҳамсояи туркаш розӣ нашуд ва баҳона овард, ки ҳавлиро ба хотири наздикиаш ба бозор харидааст ва фурӯхтан намехоҳад. Тойдуи Тудун чандин бор хирасарӣ карда, аз якравии  Абруй кина варзид ва ниҳоят заҳрашро чаконд.

Абруй аз писари чолоку ҳушёраш Суғдрод умеди зиёд дошт. Мехост пешаи роҳбаландии корвон ва фурӯши абрешимро дар бозорҳои Руму Эдесса ва Милет ба Суғдрод омӯзонад ва домани савдояшро густариш диҳад. Вале аз ноомади кор писари ягонаашро рабуданд ва шояд сӯи Балосоғуну Исфиҷоб бурданд. Ӯ медонист, ки туркҳои омада, ки гургро дарандаи муқаддас медонанд ва ҳатто мепарастанд, хиёнату хӯйи гургона доранд. Ҳангоми дасткӯтоҳ мондани барзгарон аз пардохти молиёт, дарҳол писари хурдсолашонро рабуда, ба зодгоҳашон мебаранд ва аз онҳо сарбози бовафои хуношом мепарваранд.  Абруй дар ҳавлии нимторик саропо месӯхту аз ниҳодаш ниёиши гилаомезе таровида, дар гулӯяш дармемонд: «Ай, Ахурамаздои бузургу бахшоянда! Наход, Суғдроди маро ба лонаи гургони бадхӯй бурда, ба ӯ хӯйи гургонаро омӯзонданд? Наход, аз меҳри модару Ватанашро бизудоянд ва забонашро бегона бисозанд?! Не, намегузорам! Бо чанголу дандон меҷангаму аз туркҳои бадкин кини писарам ва мардуми бепаноҳи Бухороро меситонам!»

Абруйи Пайкандӣ шабҳангом ба хонаи дӯсташ Мубораки Ҳабиб рафт. Онҳо се тан шуда, нимашаб аз сари девор ба хонаи Тойдуи тудун даромаданд. Ду тан посбони дарвозаи ҳавлӣ

[2] Тудун, волӣ ё ноиби хоқон дар вилоят.

бесадо кушта шуд. Ҳангоми ба хона даромадан, надимони таҳамтани Тойдуи тудун бедор шуданд.  Абруй бо ҳамлаи тезу тунд се надими хоболуд ва Мубораки Ҳатиб ду посбонро сар заданд. Тойдуи даҳшатзада дар пеши пойи  Абруй ба зону фитода, амон мехост.  Абруй бо чашмони лабрези кин ҷои хазина ва сиккаҳои ғундоштаи Тойдуро пурсид. Ду халта сиккаи нуқра ва даҳҳо ҳамёни тиллоро рабуда, сари Тойдуро аз тан ҷудо кард ва аз мӯйҳояш дар пештоқи дарвозаи кандакориаш овехт.

Моҳи шикастаи нимашаб сар кашида, сӯи  Абруй ва ҳамсафонаш менигарист, ки шамшеру сипар ва силоҳи посбонони Тойдуро ғундошта, дар болои аспҳо бор мекарданд. Фурсате нагузашта, ду саиси бумии ясавул дар даҳ аспи бо зину лигом хӯрҷинҳои силоҳро бор карда, аз думболи  Абруй берун шитофтанд. Моҳи шикастаи шигифтзада дар тангкӯчаҳои торики Бухоро сӯи дастаи саворони осемасар менигаристу ба шӯру ситези нимашаби онҳо сарфаҳм намерафт.

* * *

Аз маросими тоҷгузории ихшиди Суғди Самарқанд, Варҳумони пури Унаш, шаш моҳ гузашта, поёни моҳи Варказанаи[3] тирамоҳ фаро мерасид. Варҳуман марди миёнаумр, чашмони кабудтоб ва риши сиёҳ дошта, тавонгари сарватманд ва ашрофзодаи номдор буд, ки ӯро ихшиди Суғду Самарқанд пазируфтанд. Варҳуман ҳамроҳи суратгари чирадасту деворнигори ҳунарманд Шедварзи пури Шишпир вориди толори баланду фароҳи Афросиёб гашт. Дар толори пазироӣ шогирдон сангҳои ранга - санги лоҷвард, хокасанги сурхтоб, муроёрсанг (массикота), решаи бодом ва дигар рустаниҳоро кӯфта, рангҳои гуногун омода карда буданд. Онҳо ба баъзе рангҳо ширеш ва кӯфтаи сурби гудохта ҳамроҳ мекарданд, то ранги деворнигораҳо[4] беосеб бимонад. Дар рӯи девори самти ғарбии толор, ихшид Варҳуман рӯи тахти баланду оростае нишаста, дастаи фиристодаҳои барои дуруду шодбошӣ расидаро мепазируфт. Дар пешорӯи Варҳумани пури Унаш сафирон лавҳа болои даст аз Чағониён, Чоч, Фарғона, Чин, Ҳинд ва Куча (Хутан) бо подошҳо - абрешими гаронбаҳо, гулпораҳои сандал, устухони наққошии фил, камарбанди зарину шамшерҳои даставу наёмашон гавҳарнишон омада буданд.

Варҳуман хуб дар ёд дошт, ки нахуст сафири Чағониён Букарзод пеш омада, аз номи маликаш ӯро шодбош гуфт: «Манам дабирпати Чағониён, номам Букарзод. Аз шоҳи Чағониён Туронтош омадам, ба Самарқанд назди шоҳ (Варҳуман - Б.А.) барои изҳори хурмат ва инак, пеши шоҳ истодаам бо эҳтиром. Ва ту (шоҳо) нанмо шубҳае аз ман, на аз худоёни Самарқанд ва на аз катибаҳои Самарқанд (шояд ба маънои катибаҳои динӣ бошад. - Б.Ғ.). Ман хуб воқифам ва нахоҳам расонд зиёне ба шоҳи Самарқанд. Бодо, шоҳо, давлатат зиёда!» Ва шоҳ Варҳуман зодаи Унаш ӯро рухсат дод. Он (гоҳ) лаб кушод дабирпати Чоч...»[5]

Варҳуман аз омадани сафири Чин, ки аз номи императори сулолаи Тан дуруду подош оварда буд, хеле шод гашт. Он рӯз толори пазироӣ шукӯҳу салобати шоҳонае дошт, сафирон бо либосу пӯшиш, ҳатто ранги рӯй, тарҳи андом ва пӯсташон аз якдигар фарқ мекарданд. Чанде аз сафирон сафедпӯст, тираандом ва ҳатто сурхинарӯй буданд. Ҳама бо паёми сулҳу созиш, густариши ҳамкорӣ ва дастгирии савдову доду ситад омада буданд. Деворнигораҳо бо ҳама зебоӣ ва рангорангӣ, шукӯҳи тоҷгузориро чандон фаро нагирифта буданд. Вале Варҳуман ба Шедварзи суратгар фармуд, ки манзараи пазироии сафирони Чин, Ҳинд, Чағониён, Чоч ва Куча (Хутан)-ро рӯи девори кохи Афросиёб бинигорад. Ин деворнигора бояд дар таърихи Суғд бимонад.

Варҳуман деворнигораҳои нотамомро тамошо мекард, ки дастае сафирон аз номи писари Истеми – Қарочурин вориди толор гаштад. Сафири миёнсол телпаки пӯсти рӯбоҳӣ дар сар дошт, ки ду кокули бофтааш рӯи сина хамида буд. Дар камарбанди шоҳонаи ӯ шамшери каҷе овезон метофт. Варҳуман дар тахт нишаста, нигарони дуруди сафири Қарочурин[6] гашт.

- Эй Варҳуман, дуруд аз хоқони бузурги турк Қарачурини тангризод[7] ҳастӣ.

---

[3] Варказана, моҳи ҳаштуми солшумории порсии қадим, ки маънои шикори гургро дошта, ба 21 октябр - 22 ноябр рост меояд.

[4] Деворнигорҳо. Ниг.: Энсиклопедияи миллии тоҷик. Душанбе. 2017. С. - 450

[5] Давоми катибаҳои суғдӣ хароб шудааст. Ниг. Б.Ғ.Ғафуров. Тоҷикон. Китоби 1. Душанбе. 1998. С.-303-304; В.А.Лившиц. Согдийская эпиграфика Средней Азии и Семиречья. СпбГУ. 2008. С.-279-280.

[6] Қарачурин, Бокехон, Дабухон, писари Истемиҳоқон, ки солҳои 582-601 подшоҳии туркҳои қаламрави ғарбиро бар дӯш дошт

[7] Ман, Туғран билге, сафири ҳоқони бузург Қарочуринам. Мебинам, ки пардохтани молиётро ба ҳоли худ вогузошта, гирифтори суратнигорӣ

- Ай турки бадбахт! Бидон ва огоҳ бош, ки дар деворнигораҳои пешорӯят сафирони Чоғониён, Чоч, Фарғона, Чин, Ҳинд ва Куча истодаанд, ки ба шодбошу дурудгӯии маросими тоҷгузории Варҳумани пури Унаш омадаанд.

- Дидам, Варҳуман. Дареғи ранҷи ҳунармандону рангу бори бесуд, ки тангае арзиш надоранд. Хоқон фармуд, ки андозро зудтар супорад ё аз тахташ бархезад.

- Ай турки ваҳшии гургхӯй, ки аз кӯчаи одобу одамгарӣ нагузаштаӣ! Магар хоқони бадбахтат намедонад, ки Ихшиди Самарқанду Суғд - Варҳуман соҳибмулку озод аст аз ҳама пардохтҳо. Оё Қарочурин аз паймони Хусрави Анӯшервон ва падараш Истемихоқон огоҳ нест? Онҳо Самарқандро дар марзу буми Суғд мулки озоди савдо ва доду ситади ҳамаи давлатҳои ҳамсоя пазируфта буданд.

- Ай Варҳумани саркаш! Истемихоқон мурд ва аҳду паймонаш ба гӯр рафт. Имрӯз хоқони бузург Қарочурин аст!

- Қарочурини писари Истемихоқон набояд ба рӯи аҳду паймони дерина по гузорад. Аҳду паймонро дар иди Наврӯз муҳру чак гузоштанд ва бузургону тавонгарон ва деҳгонону мардуми Самарқанд маро подшоҳи хеш пазируфтанд.

- Ту бояд ҳар сол нисфи даромадатро аз гузаргоҳи Темирқапиқ[8], ки шумо Дарвозаи Оҳанин мегӯед, ба хоқони бузург Қарочурин бифиристӣ! Панҷ сол шуд, ки аз судҳои бешуморат тангае ба хазинаи хоқони ҷаҳонситон нафиристодӣ!

- Хок бар сари ту ва хоқони ҷаҳонситонат! Бидон ва огоҳ бош, ки Варҳумани пури Унаш панҷ сол пеш тоҷгузорӣ карда, худро ихшиди Суғду Самарқанд хонд ва аз Чину Ҳинд ва Чоч сафирони зиёде ба шодбошу дуруди тоҷгузориаш омаданд. Наход, хоқони худобехабарат аз давлати соҳибихтиёру мулки озод будани мо огоҳ набошад?!

- Офтоби қаламрави туркютҳо - Қарочуринхоқон аз густохии Абруйи Пайкандӣ дар Бухоро огоҳ аст ва сар фуруд овардани ихшид Варҳуман ва ҳар чи зудтар фиристодани молиёт нигаронӣ дорад. Писари Қарочурин бо номи Эл-арслон, ки шумо Шерикишвараш мехонед, азми лашкар кашидан ба Бухоро дорад, то ошӯби Абруйи Пайканди густохро саркӯб намояд.

- Аз рӯи шунидам, Абруй волии Бухоро Тойдун тудунро бо посбононаш кушта, фирор намудааст. Ба Бухоро шабохун зада, молу сарвати тавонгаронро меситонад. Хонасӯхта, марди гурбузу сафшиканест. Солҳои дароз корвонҳои абрешими Мониёҳро аз дуздону яғмогарони роҳи корвонгузар посбонӣ мекард.

- Ай Варҳуман, хоқон мепурсад, ки Абруйи ошӯбгар дар Самарқанд пинҳон нашуда бошад?! Ғотифари палидро пас аз ковушур кардани ҳамаи вилоятҳо дар паноҳгоҳи Самарқанд дарёфтанд.

- Умри хоқон дароз бод! Абруй шутур гум кардааст, ки сӯи Самарқанд меояд? Аз рӯи шунидам, ӯ дар ғорҳои доманкӯҳи Баркад, дар бошишгоҳи пешини роҳзанон пинҳон шуда, сарбозони парокандаи Ғотифарро гирд меорад.

- Дар Баркаду Ромитан пайдо нашуд. Ногоҳ шабохун зада, гумоштаҳои турк ва деҳгонони бумиро мекушад ва сарвати онҳоро мерабояд. Касе намедонад, ки бо саворахояш аз куҷо меояд ва дар куҷо пинҳон мешавад. Се моҳ шуд, ки сарватмандони Бухоро осоиш надоранд. Бештарашон ҳамроҳи туркҳо кӯч баста, аз бими ҷон сӯи Туркистон мераванд.

- Шунидам, ки ба хоқони Қарачурин додхоҳӣ кардаанд, ки Абруй сарвату дороиашонро рабуда, онҳоро аз Бухоро берун рондааст.

- Бале, ҳамаи фирориёни сарватманди Бухоро аз кушку ҳавлӣ, боғу роғ, галаву рама маҳрум гашта, дар Хамукати Туркистон буду бош доранд. Абруй барои гирдоварии сарбозон ҷор меандозад, ки касе бо ман бипайвандад, асп надошта бошад, соҳиби аспу астар мешавад, касе хона надорад, соҳиби ҳавлӣ ва кушку боғ мешавад, касе зан надорад, зеботарин дӯшизаҳои турк ва занону духтарони сарватмандони Бухороро ба занӣ мегирад. Ҳамаи оқипадарону сакалтуҳо ба ошӯбгарони Абруй пайваста, ӯро сарлашкар ва подшоҳи Бухоро хондаанд.

- Чаро Қарочурин бо ҳама тавоноӣ лашкар кашида, Абруйро ҳамроҳи ошӯбгаронаш зеру забар намесозад?

[8] Темирқапиқ, Дарвозаи Оҳанин, ба нигориши Б.Ғафуров номи асримиёнагии убургоҳи кӯҳӣ, ки аз Суғд ба Тахористон ва кишварҳои дигар мебурд (ниг. Тоҷикон. Китоби 1. С.-286-287).

- Пас аз марги Истемихоқон қаламрави ӯ ду пора шуд ва миёни бародарон кашокаши хонаводагӣ боло гирифт. Миёни бародарони Қарочурин ҷанг сар зад ва хоқон гирифтори набард бо бародарон аст. Ӯ писараш Эл-арслонро бо даҳ ҳазор сарбози савора сӯи Бухоро фиристод.

- Оё Шерикишвар бо даҳ ҳазор савора метавонад Абруйро ҳамроҳи ошӯбгаронаш саркӯб созад? Ӯ хеле зираку маккор аст ва ошӯбгарони зиёдеро омодаи набард карда?!

- Метавонад, ба шарте ки Варҳуман ба ёрии Абруй нашитобад. Қарочуринхоқон бо дасти сафираш Туғран билге фармони подшоҳии Варҳуманро дар қаламрави Суғд фиристод. Хоқони бузург дархост намуд, ки Варҳумани волотабор ҳаргиз бо Абруйи палид ҳамдасту ҳампаймон нагардад. Ошӯбгарони ӯро ба марзи Самарқанд роҳ надиҳад. Баъди пирӯзӣ бар Абруй, қаламрави Бухоро зери фармони Варҳуман мегузарад ва ӯ дар саросари Суғд ноиби бузурги хоқон хоҳад гашт.

- Сипос барои пешниҳоди хирадмандонаи хоқони бузург! Ман, Варҳумани пури Унаш, дархости офтоби қаламрави туркютҳоро пазируфтам. Молиёти Дарвозаи Оҳанинро то фардо омода месозам, метавонед ҳамроҳатон бубаред.

- На, Варҳумани пури Унаш. Молиёти Темир Қапикро барои уствории марзи Самарқанду Кеш сарф кунед. Пас аз пирӯзӣ гузаргоҳи калони Форобу Омули Бухоро зери фармони шумо меояд. Сарзамини Суғд чун пештара гузаргоҳи тилоии роҳи абрешими Чин мегардад.

Варҳуман худро ором вонамуда, нигоҳашро сӯи деворнигораҳои маросими тоҷгузорӣ андӯхт. Пайкари сафирон зери партави шамъҳои бузург ранг рабудаву ҷило дода, шукӯҳу салобати ӯро рӯи тахти шоҳӣ меафзуданд. Ӯ аз сарнавишти созгор ботинан меболид. Деворнигораҳои толори пазироии Афросиёбро навиде аз Яздони пок мепиндошт, ки Варҳумани пури Унашро ба тахту тоҷи саросари Суғд ва Самарқанду Бухорои бостонӣ расонид.

* * *

Бухоро нооромбуд, шабохунҳои ногаҳонӣ, ба тохтутози ошкорои рӯзона мегаравиданд. Сафи ошӯбгарон ва сипоҳиёни савораи Абруй ба се ҳазор расида, аз касе бим надоштанд. Ӯ дар рӯзи рӯшан ҳокими дастнишони Истемихоқон - писараш Абоқо[9] Элтегинро бо сипоҳиёнаш андаруни Бухоро печонида, ба саркӯбсозии савораҳои ҷангии ӯ рӯ овард. Порае аз савораҳои бумии Бухоро ва Вардона, ки дар хидмати Абоқо буданд, ҳангоми набард тарафи Абруй гузаштанд. Абоқои ошуфтаҳол бо дастае аз туркҳои яккачинаш андаруни куҳандиж паноҳ бурда, савореро ба Самарқанд, назди ихшид Варҳуман фиристод. Куҳандиж оташ гирифт, дарвозаи ягонааш сӯхт ва ошӯбгарони Абруй ба кохи Абоқо-Элтегин зада даромаданд. Беш аз панҷсад сипоҳии паноҳбурдаи турк кушта шуд ва Абоқо ҳамроҳи дастаи посбонони ҷангозмудааш асир афтод. Хазина ва ҳама сарвати ноиби хоқонро рабуданд, силоҳу олоти ҷангиашон ба дасти ошӯбгарон афтод. Абоқоро либоси дарвешӣ пӯшонида, савори мочахаре дар саросари шаҳр мегардонданд. Мардуми хушҳол дар кӯчаҳо аз думболи мочахари волии пешини Бухоро тохта, ӯро сангборон мекарданд. Волии дармонда фиғон мекашиду амон мехост.

Шом расид, офтоб фурӯ рафт, вале аз Самарқанд посухе наомад. Субҳи дигар Абоқо-Элтегинро ҳамроҳи даҳҳо сарлашкарону гумоштаҳояш дар назди девори куҳандиж ба дор кашиданд, то мардуми Бухоро бубинанду биму ҳарос аз ниҳодашон бикоҳад. Шикасту асир афтодани Абоқо ва туркҳои ҳамсафашро шунида, аз Вардонаву Рометан, Афшанаву Баркад, Пайканду Варахша, Тавовису Кармина садҳо марди азиятдида ва кинхоҳ ба Бухоро мешитофтанд. Нимарӯзи дигар ошӯбгарон Абруйи Пайкандиро подшоҳи Бухоро писандиданд ва дар майдони бузурги пешгоҳи куҳандиж барояш тахт оростанд. Абруй дар ҳавои хурӯши ошӯбгарон ва мардони кинхоҳ ба пойгоҳи тахт баромад ва шамшерашро аз наём кашида бонг зад:

«Ай шерони яли Бухоро! Мо кини Ғотифари сафшикану ҷавонмаргро меситонем! Хоки туркҳои палидро аз Бухорои азиз мерӯбем! Лашкари гушначашму яғмопешаи Истеми ва Қарочуринро аз Чочу Балосоғуну Тароз то ватани бобоиашон - Турфону Такламакон ва биёбонҳои муғул пеш мекунем! Ай бародарону пайвандон! Дарҳол ба сафи ҷавонмардони бухороӣ бипайвандед! Касе асп надорад, аспи бодпои ройгон мегирад, касе сипару шамшер надорад, сипару шамшер медиҳем! Тухми туркҳои Қарочуринро месӯзонем! Бидонед ва огоҳ

[9] Ногуфта намонад, ки Л.Гумилев Абохон-Элтегинро, ки аз канизи Истемихоқон рӯида буд, бо Абруйи Пайкандӣ як шахс мешуморад, ки муаллиф тамоман розӣ нест. Ниг. Л.Гумилев. Древние тюрки. С.-128-130.

бошед! Касе сари туркеро ситонида биёрад, як танга, сари сипоҳи савори туркро бирабояд, ду танга подош мегирад. Барои сари кутлуғ, билге, бек, тархон, тегин ва дигар мансабдорони турктабор аз панҷ то даҳ танга подош медиҳем.

Ай мардони бонангу номуси Бухоро! «Нашунидам», - нагӯед! Пас аз пирӯзӣ бар Эл-арслони писари Қарочурин, ки мо Шерикишвараш мехонем, ҳар пиёда соҳиби аспу силоҳ, савора соҳиби даҳ аспу сад гӯсфанд, ҷавонмардони таҳамтану сафшикан соҳиби хонаву ҳавлӣ ва чандин канизону ғуломони турк мегарданд. Мо саросари Бухорову Самарқанд ва қаламрави Суғдро аз чанголи туркҳои беватану кафангадо меситонем! Ҳумоюн бод, пирӯзии нахуст! Зинда бод, Ғотифари сафшикан! Нест бод, тухму палаки заҳрогини туркони палид! Поянда бод сарзамини зархези Суғд бо шерони ял ва ҳомиёни Ватани бобоӣ!»

Бухоро аз хоби гарон бедор мешуд. Пиру ҷавон шамшер гирифта, туркҳои ниҳонгашта ва гумоштаҳои бумии онҳоро сар мезаданд. Тавонгарону сарватмандон аз бими ҷон Бухороро тарк мекарданд. Ошӯбгарон дарвозаҳоро шикаста, ба қасру кушк, ҳавлию хонаҳои барҳаво, боғу роғ ва саройҳои тобистонии туркҳои фирорӣ ва сарватмандони раҳидаи бухороиро густохона соҳиб мешуданд. Абруй ба вазири дасти росташ Мубораки Ҳабиб дастур дод, ки бесомониҳоро боздорад ва нагузорад, ки қасру кушк ва хонаҳои обод хароб шаванд. Дастаи ошӯбгарон рӯз то рӯз бештар гашта, сафи ҷанговарону силоҳдорони савора ба панҷ ҳазор мерасид. Абруй сипоҳсолорони ҷангозмудаи Ғотифарро аз кунҷу канорҳои Бухоро ва шаҳру деҳкадаҳои канортар пайдо карда, дастаҳои шӯридаву парешонро зери фармони онҳо мегузошт. Панҷ ҳазорсолори ҷангозмуда дастур гирифтанд, ки тайи як ҳафта сипоҳиёнашонро ба дастаҳои саднафарӣ ва даҳнафарӣ ҷудо карда, омодаи набард бо Шерикишвар[10] гарданд.

* * *

Дастаи дарвешони ҷулхундипӯш дар канори шаҳраки Рабинҷони Самарқанд дар гармои офтоби нимарӯз бо овози баланд зикр карда, бо пойи урён ва кафшҳои дарида чарх мезаданд. Аз сару рӯи дарвешон арақ мешорид, бехи кулоҳи намадини дарозрӯяашон тар шуда, хоки нимароҳи корвонгарди Бухоро ба домани ҷомаҳои дарози дарбеххӯрдаашон менишаст. Сарвари дарвешон марди солдидаи тануманде буд, ки зангӯлаи хурди бар нӯги асояш овезонро такон дода, зери навои он пайкарашро меҷунбонд ва чархзании дарвешонро дар гармои ҷонсӯзи офтоб мадор мебахшид.

Ногоҳ аз роҳи корвонгард гарду чанг ба фазо хеста, суроби хираи савораҳои дартози пешсаф намудор гаштанд. Дарвешҳо парвое надоштанд зикрашонро баландтар карда, дар миёни роҳ мечархиданд. Аз миёни онҳо дарвеше ҷудо шуда, савори аспи тавилаи канори роҳ сӯи Дабусия шитофт. Дар миёни дарвешон панҷ гумоштаи Абруй бо либоси ҷанда мечархиданд, ки яке аз онҳо паёми пеш омадани савораҳои Шери кишварро ба Дабусия мебурд. Абруй бо ошӯбгаронаш аз Бухоро ба Кармина омада, сипоҳиёнашро чор пора кард ва дар паси теппаҳо ҷой дод. Ӯ хуб медонист, ки аз Рабинҷон то Кармина як манзил роҳ аст ва савораҳои хастаи турк хоҳу нохоҳ дар Кармина лангар мезананд. Ӯ ҷосусонашро дар либоси дарвеш миёни нимароҳи Самарқанду Бухоро ҷой дода, омодаи шабохун задан мегашт.

Савораҳои пешсафи турк назди дарвешони арақшор расиданд, ки сӯи онҳо нигоҳе намеафкananд. Сарлашкари пешсаф назди сарвари дарвешон омад, ки зангӯлаи нӯги асояшро такон дода, дарвешонро мечархонд. Ӯ гӯё савораҳои бадхашми саропо силоҳдорро намедид, рӯ ба осмон оварда, «ё ҳу, ё манҳу»-ро такроркунон мечархид. Шерикишвар, ки савори саманди арақшоре буд, аз миёни лашкар пеш омада, лаҳзае шигифтомез ба чархиши дарвешон нигарист. Сарлашкаре сарвари дарвешонро тела дода, назди шоҳзодаи турк овард. Ӯ гумоне аз хоби руъёӣ бедор шуда, ба саропои шоҳзодаи ҷавшанпӯш нигарист ва бо бонги хавотиромезе дарвешонро аз чархишу сарафшонӣ боздошт.

- Ай, суғдии бадбахт! Ту кистӣ ва чаро дами роҳи лашкари туркро бастаӣ?!
- Банда дӯсти Худои бузургам. Дар нимароҳи Бухоро аз Худо вайҳ расид, ки хунрезии сахте мешавад. Дарёҳо хуншор ва замин аз хуни куштаҳо сер мегардад. Аз Худо зориву тавалло дорем, ки хунрезиро боздорад.

---

[10] Шерикишвар, Совашох, Янг Соух-тегин, Янсу-тегин, писари Қарочурин, ки тақрибан соли 586 ба Бухоро лашкар кашидааст.

- Аз кадом Худо? Оё Тангрии бузург ба ту вайҳ мефиристад?!

- Ҳамаи Худоён, ҳам Аҳурамаздо, ҳам Буддо, ҳам Тангрии бузург дӯсти мананд. Мо дар роҳи расидан ба ҷамоли Худоёни бузург овораву саргардонем, хоқони бузург! Бахшиши гуноҳи бандагони хокиашро металабем ва мекӯшем хунрезиҳоро боздорем.

- Лашкари Абруйи палид дар куҷост?! Аз осмон ба замин бифарову бошишгоҳи душманро ба мо бознамой!

- Банда дарвеше аз дунёи фонӣ канда ва гарде дар ҷодаи Худоям! Ба ҷангу кашокашҳои подшоҳону сарлашкарон дар олами бебақо коре надорам.

- Чанде пеш гуфтӣ хунрезии сахте мешавад, дарёҳо хуншор ва замин хунбор мегардад.

- Инро ман нагуфтам, хоқони бузург! Худоён вайҳ расонданд.

- Гӯш кун, пири дарвешон! Ман туро ҳамроҳи ду дарвеш ва се гумоштаам назди Абруйи ошӯбгар мефиристам. Бигузор, Бухороро бидуни набард тарк намояд ва ҳокимии зодгоҳаш Пайкандро бипазирад. Бирасон, ки Шерикишвар намехоҳад хун бирезад. Агар ба шарти мо розӣ шавад, подоши хубе мегирӣ.

- Ман гарду хоке дар роҳи пурнури Худо ҳастам, хоқони бузург! Абруй аз хунрезӣ бигузарад, бароям беҳтарин подоши дунёст!

- Пеш даро, пири ҳақпараст! Моро то Кармина роҳнамоӣ кун! Лашкари ман дар Кармина, то расидани посух аз Бухоро меосояд.

* * *

Ошӯбгарони Абруй ду рӯз пеш то расидани Шерикишвар андаруни ғору обканди селроҳаҳои кӯҳҳои Нахшаб[11] ҷой гирифта, омодаи шабохун задан мегаштанд. Дастаи саворахо дар арчазори паси кӯҳ паноҳ бурда, аз дараи тангу ағбаи пур аз буттаҳо болои кӯҳи Нахшаб баромада, нимашаб сарозер шудан мехостанд. Бо дастури Абруй дар болои кӯҳи Нахшаб чор-панҷ галабон галаи аспҳо ва уштуронро мечаронданд, ки ҷосусони Шерикишвар назди онҳо расида, се аспу ду уштурро рабуданд. Онҳо дар болои кӯҳи Нахшаб каме гаштугузор карда, нишони шубҳанокеро дучор наомаданд ва қарибаи ғуруби офтоб пас гаштанд. Шерикишвар сипоҳиёнашро берун аз шаҳристони Кармина ҷой карда, худаш ҳамроҳи якчанд сарлашкар андаруни қалъаи деворҳояш баланд, дар қасри ҳоким бозистод. Ӯ пири дарвешонро дастур дод, ки се ҳамсафашро ҷудо кунад, субҳ сӯи Бухоро мераванд.

Пас аз ғуруби офтоб аз канори руди Суғд (Зарафшон) насими форами тобистон вазида, тану ҷон аз гармӣ меосуд. Косаҳои шароб то дергоҳ гардон шуда, хастагиро аз тани Шерикишвар мерабуд. Абруй аз баландии кӯҳи Нахшаб ба бошишгоҳи сипоҳиёни турк менигарист. Дар бошишгоҳ сипоҳиён оташ афрӯхта, ғизои шаб омода мекарданд. Аспҳоро дар тавила дуртар аз ҳамдигар баста, парвое аз расидани душман надоштанд. Дар партави моҳи шикаста бошишгоҳи сипоҳиёни берун аз шаҳристон хуб метофт. Дастаҳои сарбозони турк аз домани кӯҳи Нахшаб то наздикии рӯдхонаи Суғд ҳалқа зада, ғизои шаб мехӯрданд. Дастаи посбонони роҳкӯфта ҷӯби нӯгаш фурӯзоне дар даст дар фосилаи сад гом аз якдигар гирди лашкаргоҳ тоб мехӯрданд.

Моҳи нима оҳанги фурӯ рафтан дошт, ки ошӯбгарони Абруй ба болои кӯҳи Нахшаб расиданд. Галабонону сарбозон аз рӯи фармони Абруй ба думи аспону уштурон тағораву сатил ва чалакҳои тунукагини пур аз сангро баста, галаи аспҳои сарҳӯйро ба сари нишебӣ наздик меоварданд. Моҳ дар паси кӯҳ ниҳон гашт ва торикӣ фазои Карминаро пӯшонид. Андаруни бурҷи дарвозаи қалъа ду машъал каме рӯшанӣ мефиканд. Оташи гулханҳои бошишгоҳи сарбозони турк хомӯш мегаштанд. Поси шаб дастаи аспҳо ва уштурони сарҳӯйро аз нишебии болои бошишгоҳ сар доданд. Аспҳои турида ва уштурони рамида, дар ҳавои ғулғулаи зарфҳои тунукагин ба болои бошишгоҳ рехтанд. Аз думболи онҳо галаи аспҳову уштурони хурӯшон бо ғулғулаи осмонгир бошишгоҳи туркҳоро пахш карда, даҳшати растохезро меафканданд. Дар шаби торик сарбозони нимахоб пиндоштанд, ки лашкари душман ба сарашон рехт. Фурсати савори асп шудан наёфта, ба сари якдигар шамшер мезаданд. Дар торикӣ худиро аз бегона шинохтан душвор буд, ба ҷони ҳамдигар дарафтода, мепиндоштанд, ки ошӯбгаронро сар мезананд. Абруй дастаҳои савораи Мубораки Ҳабибро сӯи дарвозаи Кармина фиристод. Пири

[11] Кӯҳҳои Нахшаб, дар Ҳудуд-ул-олам, рисолаҳои Истахрӣ ва Мақдисӣ дар ҷанубу шарқии Бухоро зикр шудааст, ки ба кӯҳҳои кунунии Нурато рост меояд. Дар ривоятҳои мардумӣ онро кӯҳи Санам низ меноманд.

дарвешон бо ёрии гумоштаҳои  Абруй, ки дар Кармина ниҳон шуда буданд, дарвозаи қалъаро кушоданд. Шерикишвари ниммасту барошуфтаро бо дастаи сарлашкарон аз дарвозаи дигари Кармина берун бурданд. Сарлашкаре бонги фирор кашид ва сипоҳиёни савораву пиёдаи турк майдони набардро тарк карда, аз думболи Шерикишвар рӯ ба гурез оварданд. Нимашаб дар фазои майдони пурталотуб хурӯши сипоҳиёни турк ба гӯш мерасид: «Қоч! Қариндош қоч! Қочмаган номард!»

Овозаи шикасти писараш Шерикишвар дар шабохуни Кармина, Қарачуринро сахт хашмину ошуфта кард. Даҳҳо сарлашкарони номдораш кушта шуданд ва Шерикишвари сараш пур аз боди ғурур базӯр ҷон ба саломат бурд. Ошӯбгарон ба ғорати лашкаргоҳ рӯ оварда, аз думболагирии туркҳо бозистоданд. Қарачурин барои аз шармандагӣ раҳидани писари дигараш Торемен ва писари номдораш Дуланхонро[12] бо сӣ ҳазор савораи ҷангозмуда ба ёрии Шерикишвар фиристод. Ба Торемен дастур дод, ки Суғдроди писари  Абруйро, ки пас аз сарафкандаву дастомӯз кардан, номашро Кучук гузошта буданд, ҳамроҳаш ба набарди падар бубарад. Кучук тайи даҳ соли ғуломӣ азияти сахтеро паси сар карда, хотираашро бохт, ёдвории овони кӯдакиву зодгоҳашро фаромӯш намуд. Ӯ забони суғдиро, ки бо шири модар омӯхта буд, аз ёд бурд, номи худ, падару модар ва зодгоҳашро фаромӯш кард. Ӯ худро писари хоқон мехонд ва Суёбро зодгоҳаш мепиндошт. Гумон дошт, ки модари туркаш ҳангоми тифлӣ аз ҷаҳон гузашта, ӯро танҳо мондааст. Дар миёни се нафар асири навраси суғдӣ, ки ба дасти туркҳо афтоданд, ду нафараш ақл бохта, пас аз каме беҳтар шудан ба чӯпонӣ рафтанд. Суғдродро, ки ҷонсахту тобовар баромад, ба сарбозӣ ва ҷангу набард омода мекарданд. Ӯ кулоҳи пашмин ва тоскулоҳи ҷангиро аз сари сӯхтааш намегирифт. Аз миёни туркҳои ҷангозмуда, камаш ба шамшерзаниву майдондории Кучук тоб меоварданд. Қарачурин боре ҷанги тан ба тани ӯро бо яке аз баҳодуронаш дида, номашро Кичикхон гузошт ва писари хеш хонд.

Ҳангоми ба ёрии Эл-арслон, яъне, Шерикишвар шитофтани Торемен Кичикхонро даҳбошӣ гузошта, ба сафи ӯ ҳамроҳ карданд. Торемен хуб медонист, ки писари фармонбардору сарафкандаи  Абруй, ки худро Кичикхони писари хоқон мепиндорад, ҳангоми саркашии подшоҳи худсари Бухоро ва пешвои ошӯбгарон зидди падари ростинаш шамшер мекашад.

* * *

Овозаи сарозер шудани лашкари бешумори Қарачурин бо парчамҳо ва лашкари падарарӯсаш императори Чин дар Бухоро даҳшату ноороми ва биму ҳарос меангехт. Бо дастури Қарачурини маккор ҳангоми лашкаркашии Торемен ва Диланхон парчамҳои аждаҳосурати Чинро[13] пешопеши лашкар ҷавлон дода, бо ғоратгариашон тавонгарону тоҷирони суғдии роҳи абрешимро ба даҳшат меафканданд. Кичики даҳбошӣ, писари беёду бегонагаштаи  Абруй, пиру ҷавони суғдиро бебокона сар мезад ва хуни каси нахустро аз рӯи таомули туркҳо дар ҷоми аз косаи сар сохтааш гирифта менӯшид. Ӯ чун махлуқи одамхор ба касони бесилоҳу нотавон дарафтода, ба синааш чангол мезаду дилашро меканд ва пораҳои дили гарму хуншорро чун гурги ваҳшӣ газида фурӯ мебурд. Торемен аз дарандаҳӯии махлуқи парваридаи падараш гоҳ дар шигифт меафтоду гоҳ ҳаловат мебурд.

Дар Бухоро сафи ошӯбгарони  Абруй мекоҳид, чанде даради гандум ва ғундоштани ғаллаву донро баҳона карда, ду-се рӯза рухсати рафтан мегирифтанду бо ҳамин бознамегаштанд. Баъзеаш ду-се тан шуда, шабона савори асп фирор мекарданду нопадид мегаштанд. Ҳатто Мубораки Ҳабиб, беҳтарин дӯсту ҳамсафи  Абруй бесуд будани ҷангро бо лашкари бешумори Қарачурин ва императори Чин пеши рӯй оварда, аз бузургвазирӣ даст кашид ва Бухороро тарк намудан мехост. Дар сари  Абруй пиндори рафтан ба назди ихшиди Самарқанд - Варҳуман мечархид.  Абруй ҳамроҳи се сарбози ҷангозмудааш субҳи бармаҳале ночор роҳи Самарқандро пеш гирифт, то бо ихшиди номдори Суғд Варҳуман воҳӯрда[14], барои набард бо лашкари бешумори писарони Қарачурин аз ӯ ёрӣ ва пуштибонӣ бихоҳад.  Абруй вақти ғуруби офтоб дар

[12] Дуланхон, Юн-Йоллиғ, Юн-Юйллюй, писаркалони Қарачурин, ки бо номи Баҳодури Сибирӣ низ шинохта шудааст.

[13] Намоиши парчамҳои императори Чинро пешопеши лашкари туркҳо Л.Гумилев овардааст. Ниг. Древние тюрки. С.-130.

[14] Воҳӯрии  Абруй бо Варҳуман дар сарчашмаҳои эпиграфӣ ва манбаъҳо хаттӣ зикр нашудааст, вале бо эҳтимоли вазъи сиёсӣ аз воқеияти таърихӣ дур нест.

паси кӯҳҳои Нахшаб ба Самарқанд расид ва аз Варҳуман бор хост. Ӯро ба толори пазироии Афросиёб ҳидоят намуданд, ки Варҳуман бар тахт нишаста, дар паси ӯ манзараи деворнигораҳои барқади омадани сафирон ба тоҷгузорӣ падидор буд.

- Дуруд, ай Варҳумани волотабору фаррухнажод! Ихшиди бузурги Самарқанд ва сарзамини Суғд! Банда  Абруям,  Абруйи Пайкандӣ, ки дуогӯи сарфарозиву шодкомии хуршеди тобони суғдзаминам!

-  Абруйи Пайкандӣ, хуш омадӣ ба боргоҳи мо! Шери барошуфтаи ошӯбгарони Бухороро чӣ ниёзе ба Самарқанд овард?!

- Дархости ҳамсангарӣ ва пуштибонӣ аз суғдиёни озодихоҳи Бухоро. Кафторҳои бешумори турк сӯи Бухоро сарозер шудаанд. Чашмдори ба ёрӣ расидани шерҳои яли Самарқанд ҳастем.

- Шерҳои Самарқанд ба набарди Қарачурин ва писаронаш - Шерикишвар, Торемен ва Дуланхон рафтанро аз рӯи хирад ва ақли солим намешуморанд.

- Туронтоши шоҳи Чағониёнро низ ҳамсангар мегирем! Агар Варҳумани бузург розӣ шавад, шояд Шерони Шумону Нахшаб ҳам бо мо бипайванданд.

- Фаромӯш макун, ки модари Туронтош хотуни турк аст,  Абруй. Дар нисфи набард туро тарк карда, ҷониби Қарачурин мегузарад. Ҳокимони Шумону Нахшаб низ гумоштаҳои Истемихоқон ва писараш Қарачуринанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ҷонибдори ошӯбгарон намешаванд.

- Мо дар набарди Кармина, бо сафи ошӯбгарони начандон зиёд тавонистем Шерикишварри сараш огандаи боди ғурурро ба осонӣ шикаст диҳем. Наход, якҷоя шуда бо ҳамдастию ҳамсангарӣ ватанамон Суғдро аз чанголи кафторҳои гуруснаи яғмопеша раҳонида натавонем?

- Бахт дар набард ҳамеша омад намекунад,  Абруй. Ғотифари сафшикан бист сол пеш бо ҳама тавоноӣ миёнагир шуда шикаст хӯрд.

- Умрат дароз бод, Варҳумани бузург! Ман ба ошӯбгарону озодихоҳони Бухоро чӣ бигӯям?! Биёед, назди туркҳо сар фуруд оварда, маргро пешвоз гирем? Оё намедонӣ, ки пас аз Бухоро навбати Самарқанд мерасад ва сарзамини зархези Суғд луқмаи хоми яғмогарон мегардад?!

- Бидон ва огоҳ бош,  Абруй! Мардуми Суғд табиатан тиҷоратпешаву тавонгару созишкоранд. Онҳо дар даҳҳо шаҳрҳои Чин, дар миёни душманони бадкини турк андаруни Баласоғуну Тароз ва Кошғар даста-даста зиндагӣ доранд. Коху кушкҳояшон аз қасри ҳокимону подшоҳон зеботар аст. Аз табори туркҳо садҳо ғулому каниз барояшон хидмат мекунанд. Ҳатто аз мардуми турк садҳо сипоҳ доранд, ки молу колои абрешимашонро аз канораҳои Чин то Руму Византия мерасонанд. Панди маро бипазирӣ, бирав, ошӯбгаронатро раҳо кун! Бигзор, аз пайи зиндагии хеш шаванд. Сипас, худат дар Рум ё Константинопол паноҳ бубар! Замона ором шуду ҷангу хунрезӣ фарҷом пазируфт, пас аз чандин сол бозмегардӣ!

- Сипос барои панди хирадмандонаат, Варҳуман! Ман намехоҳам духтарам Ҳурнисоро ба бозори ғуломфурӯшии Ҳазораспу Марв бубаранд. Намехоҳам падару модари пирам зери тозиёнаи турк дуқад шуда, рӯи хоки Суғд печутоб хӯранд. Намехоҳам сарбозони яғмопешаи маст охирин нони беваву бечораро аз даҳонашон бирабоянд! Намехоҳам духтарону писарони хурдсоли моро рабуда, аз онҳо махлуқҳои беёду ғуломи ҳалқабаргӯш бипарваранд. Ҷигарам то ҳол месӯзад, ки ягона писарам Суғдроди ёздаҳсоларо туркҳо ба яғмо бурданд ва даҳ сол шуд ному нишонаш пайдо нест. Ман овозаву номи Варҳумани ихшоди Суғдро шунида, барои ҳамдастиву ҳамсаргарӣ омадам. Дареғ, сад дареғ, ки ӯ аз тасвире дар деворнигораи кохи Афросиёб беш набудааст. Охирин тасвири деворнигораи бошукӯҳ, ки ба коми дуду оташи туркҳои яғмопеша меравад! Падруд, Варҳуман! Тасвири деворнигораи ҳанӯз носӯхта! Ман,  Абруйи Пайкандӣ, то нафаси вопасини умрам барои ҳар ваҷаб хоки Суғд меҷангам!

- Шояд ҳарду тасвири вопасинем,  Абруй! Туро дар деворнигора ҳанӯз накашидаанд. Ба Шедварзи писари Шашпир дастур медиҳам, ки омадани туро низ дар миёни манзараҳои деворнигораи кохи Афросиёб ҷой бидиҳад! Ва ту низ охирин тасвир дар кохи ихшиди Суғд хоҳӣ буд!

**(Идома дорад)**

# ШОИР ВА ЗАҲМАТИ ТАРҶУМА



Шодӣ РАҶАБЗОД,
нависанда

**Шоири тавоно ва сермаҳсул, шодравон Сафармуҳаммад Айюбӣ бо ашъори пурмуҳтаво, дорои ғояҳои баланди ватанпарваронаю инсондӯстона, бо ҳунари волои нигорандагӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавқею ҷойгоҳи хос дорад. Мавсуф тақрибан дар тамоми анвою жанрҳои шеърӣ қалами хешро озмудааст ва ашъори дилнишину мондагоре ба мерос гузоштааст.**

Тавре ки маълум аст, яке аз василаҳои адабие, ки ба робитаҳои байни халқияту миллатҳо таъсири файзбор мерасонад, тарҷумаи осори бадеии адибон маҳсуб мешавад. Маҳз тарҷумаи осори манзуму мансур ба шинохту муаррифии шоирону нависандагони кишвару мамолики рӯйи ҷаҳон мусоидат карда, мардуми ин кишварҳо тавассути тарҷума беҳтарин намунаҳои эҷодии адибонро мутолиа менамоянд. Дар ин росто, шоири маъруф, шодравон Сафармуҳаммад Айюбӣ низ бо маҳорату лаёқати воло ва заҳмату талоши шоққа осори назмии шоирони русро тарҷума карда, дар шинохти як зумра чеҳраҳои адабии ин кишвар хидмати шоиста анҷом додааст. Тарҷумаҳои шоири пурхондаву закӣ бештар ба давраи қабл аз соҳибистиқлолии Ҷумҳуриямон мутааллиқ буда, табиист, ки мазмуну моҳияти ин ашъор ба ҳодисаю равандҳои иҷтимоию маишие, ки дар он солҳо ба амал меомад, марбут мебошад. Мавзую мазмуни ашъори Сафармуҳаммад Айюбиро маъмулан тасвири манзараҳои зебою дилангез ва нодири табиати кишвар, ситоиши ватан, тарғиби дӯстӣ, гуманизм, васфи ишқу муҳаббат, офариниши симои занмодар, заҳмати мардуми дарёдил ва инчунин андешаҳои пандуахлоқӣ дар бар гирифтаанд. Ва шоир дар иртибот ба ҳамин маънию мазмун аз шоирони рус намунаҳои ашъорро тарҷума намудааст. Ашъори мазкур моҳияти инсондӯстонаю ватанпарварона доранд ва аз ҷониби шоирони рус бо маҳорату ҳунари баланд суруда шудаанд. Аз ҷумла, ду шеъри шоири рус Валентин Сорокин таҳти унвони «Офтоби тирамоҳон» ва «Руъё» мазмуни фалсафӣ ва зоҳиран оҳангҳои навмедонаю руҳафтодагиро доро мебошанд. Ва ба умқи ғояву ҳадафи шеърҳои мазкур расидану маърифат кардани он ашъор амали саҳлу осон ҳам нест.



Сафармуҳаммад Айюбӣ дар ин бобат талошу кӯшиши зиёде ба харҷ дода, ғояи фалсафии ҳар ду шеърро дар тарҷума ифода карда тавонистааст. Дар шеъри «Офтоби тирамоҳон» Валентин Сорокин ду паҳлуи зиндагӣ – манзараи фасли тирамоҳ ва вазъи руҳии қаҳрамони ғиноиро, ки дар ишқ ноком мондааст, тавъам ба риштаи тасвир кашидааст ва хеле ҳунармандонаю шоирона. Дар тарҷумаи Сафармуҳаммад Айюбӣ ҳамин алоқамандии мантиқии байни манзараи ҳузнангези табиат дар айёми тирамоҳ ва ҳолати ногувору андуҳгинонаи қаҳрамони лирикӣ бо забони содаю равон, балеғу хушоҳанг баргардон шудааст. Вожаву таркибҳое, ки тарҷумон истифода кардааст, бамавқеъ ва ҳадафрасанд, ҳарчанд аз саноеи бадеӣ ҷуз таносуби сухан дигар анвои он корбаст нагардидааст, зеро табиати шеър тақозо мекунад, ки дар он калимаҳо бештар бори маънӣ мекашанд. Тавоҷҷуҳ кунед, ба пораҳо аз ин шеър;

**Бӯи борони сард меояд,**
**Бар димоғ аз ҳавои боронӣ.**
**Дӯст медоштам туро аз ҷон,**

**Бо хаёли хушу гаронҷонӣ.**
**Дар замир орзуи хушбахтӣ,**
**Будам озодаруҳу хушармон...**

Бад-ин тариқ, ҳолу ҳаво ва фазои маънoии шеърро сузу дарди ҳиҷрон, ки бо вазъи феълии табиат созгор афтодааст ва аз сарду хира тобидани офтоб, аз байн рафтани шукӯҳу таровати гул, дар радифи турнаҳои дурпарвоз гум кардани дилдода (маъшуқ) ва билохира, орзуи муҳолу саробосо будани ба дидори ҳамдигар расидани ошиқони дерин иборат мебошад, ташкил додааст.

**Лек мекобаму намеёбам,**
**Ман туро аз дигар ба хилвати хеш.**
**Тумани сарду дардангез аст,**
**Гирду атрофи ман зи ҷони реш.**

Дар тарҷумаи зикршуда моҳияту ҳадафи шеърро таркибҳои «борони сард», «бо хаёли хушу гаронҷонӣ», «озодаруҳу хушармон», «фавҷи турнаҳои равӣ», «руҳи нофаҳмо», «тумани сарду дардангез» ва «ҷони реш» ифода кардаанд. Ҳамин тавр, моҳияту ғояи шеър дар тарҷумаи шоири соҳибзавқ Сафармуҳаммад Айюбӣ нигоҳ дошта шудааст. Чунин мазмуни моломоли навмедӣ аз ишқ дар шеъри «Руъё» низ басо ҷаззобу муассир таҷассум ёфтааст. Вазъи руҳии қаҳрамон аз он мегӯяд, ки ӯ марҳалаи зиндагии хешро дар руъёи афсонавӣ аз сар гузаронидааст. Ин ҳолати ботинии қаҳрамонро ба забони тоҷикӣ, бо вожаву ибороти хушоҳанг ва васоити бадеии образнок ифодаву баён кардан аз ҷониби С.Айюбӣ хеле зебо сурат гирифтааст:

**Лаҳзаи пур аз сӯзу ғамафзо,**
**Бесадо хонамат ба олами худ.**
**Ҳамчу оҳи сабои дашту даман,**
**Мевазам ҷониби ту бо ғами худ.**

Дар шеъри номбурда таркибҳои «солиму пуртавону тобовар», «ҳамчу хуршед аз фарози кӯҳ», «шуълаи шамс», «муҳаббати сӯзон» ҷавҳару дарунмояи онро шакл дода, истеҳкоми мантиқию маъноӣ бахшидаанд. Банди охирини шеър, ки моҳияти ҷамъбастӣ дорад, бағоят дилангезу шоирона садо медиҳад:

**Лек инҳо ҳама чу хоби хуш,**
**Гаҳи бедорӣ тофт чун руъё,**
**Аз ҳама сӯз монд хокистар,**
**К-ахгаре гаҳ шавад аз он пайдо.**

Тавре ишора кардем, дар ашъори Сафармуҳаммад Айюбӣ мавзуи панду ахлоқ ва тарбияи маънавии инсонҳо ҷойгоҳи калидӣ дорад. Бахше аз ашъори тарҷумакардаи шоир моҳиятан бо мавзуи мазкур ҳамоҳангӣ дошта, аз он шаҳодат медиҳад, ки С. Айюбӣ бештар ба ин паҳлу ва ҷанбаи ашъори шоирони рус гароиш дорад. Аз ҷумла, шеъри Анатолий Парпара - «Некӣ» аз қабили чунин ашъори ҳикматомез маҳсуб ёфта, аслан насиҳатнома ба фарзанд аст, ки дар он кирдору рафтори бад мазаммат ва некию накукорӣ ситоиш мешавад. Шодравон Сафармуҳаммад Айюбӣ дар тарҷумаи шеъри номбурда аз санъати тазоду муқобала ҳунармандона истифода кардааст:

**Бад макун, то ки нек пеш ояд,**
**Қадри ту аз дирӯза пеш ояд.**
**Шаҳд хоҳӣ, агар ки бад корӣ**
**Бар забони ту заҳри неш ояд.**

Корбаста вожаи «бад» дар муқобили «нек» ва «шаҳд» дар муқобили «заҳр» дар баёни ҳадафи шоир бо забони тоҷикӣ ҷолиб баромадааст. Дар банди дуюми шеър тарҷумон аз калимаи «ганда» (дар матн гандагӣ, гандаҳо) истифода кардааст, ки такрор омадани он дар се мисраъ дар бозтоби андешаи шоири рус Анатолий Парпара созгор афтодааст:

**То ба пастии <u>гандагӣ</u> ту марас,**
**Меравад умри <u>гандаҳо</u> барабас.**
**Нест дар умри <u>гандаҳо</u> маъно,**
**Нест омоли неку завқу ҳавас.**

Дар банди сеюм моҳияту ғояи шеър хулоса мешавад, ки ба халқу ватани хеш содиқу вафодор будан ба фарзанд талқину таъкид мегардад:

**Бош авлоди хешро дилбанд,**
**Бош аҷдоди хешро пайванд.**
**Ифтихори Ватан шудан хоҳӣ,**
**Кӯш то халқро шавӣ фарзанд.**

Забон ва шеваи баёни С. Айюбӣ, тавре аз ин шеър пайдост, содаву самимӣ ва орӣ аз ҳама гуна такаллуфоту мушкилбаёнист, ки ин омил дар тарҷума нақши муҳим мебозад.

Дар ин радиф як силсила ашъори шоири шинохтаи рус Виктор Василенко, ки аз ҷониби Сафармуҳаммад Айюбӣ тарҷума шудааст, мавқеи муҳимро доро мебошад. Дар шеъри «Нафаси тирамоҳ» манзараи табиати рус тасвир ёфта, мазмуну моҳияти шеъри «Кӯлбаҳои чӯбии руси кабир»-ро анъанаю одат ва хусусиёти миллӣ дар бар гирифтааст. Шеъри «Нафаси тирамоҳ» саропо тасвирист, шоири рус дар муҷассам намудани фасли тирамоҳ ва ҷузъиёти табиат аз санъатҳои шеърӣ истифода намуда, ҳунару маҳорати волои сухангустарӣ нишон додааст. Шуруъ аз банди дувуми шеър тавсифи пуробуранги тирамоҳ сурат мегирад, ки равонию фасеҳии мисраъҳо аз табъи салими тарҷумон гувоҳӣ медиҳад:

**Нури симин аз само мерехт бар болои рӯд,**
**Нурполо мешуд аз нурофарӣ рӯди кабуд.**
**Буд чун мӯи аҷуза тумани болои об,**
**Соҳили дарёча ранги дасти ҳинобаста буд.**
**Шохаҳо бо шохаҳо пирона суҳбат доштанд,**
**Кочҳо дар тан ҳаме пирона кисват доштанд.**
**Лонаҳо мисли кӯлоҳи холии дасти гадо,**
**Эҳтиёҷи чӯҷаю мурғи баҳиммат доштанд.**

Бад-ин тартиб, ташбеҳи лонаҳо ба кӯлоҳи хасини холии дасти гадо, пирона суҳбат доштани шохаҳо бо шохаҳо ва дар бандҳои дар шохи чанор дармондани тори мӯи абр, дар ҳар канор уллос кашидани боди раҳгузар, ба мисли чашми пирон пардашин будани чашм, аз ях чину оженги ҷабин пайдо кардани оби рӯд, чун хаёли навҷавонӣ дар сари пири замин таҷассум гардидани арчаҳо агар камоли ҳунари шоирии Виктор Василенкоро бозгӯйӣ кунанд, бо чунин тарзу шева, яъне, калимоту таркибҳо ва ташбеҳҳои ҳадафрас ифода намудани манзараи табиат дар фасли хазонрез ҳароина истеъдоду ҳунари тарҷумонро нишон медиҳад.

**Чашми чашма буд мисли пирон пардашин,**
**Дошт оби рӯд аз ях чину оженги ҷабин.**
**Лек ҷо-ҷо арчаҳои сабз буданд дар назар,**
**Чун хаёли навҷавонӣ дар сари пири замин.**

Чунин фазои созандаро дар тарҷумаи шеърҳои «Хоби файласуф», «Эҳтиёҷ», «Масъулият»-и ҳамин шоир равшану дақиқ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷаҳони вижаи шоиронаи устод Сафармуҳаммад Айюбӣ, расидан ба ғаври моҳияту ғояи ашъори тарҷумавӣ, захираи ғании луғавӣ, табъу истеъдоди воқеан ҳам, баланди сухангустарӣ, ки ба корбасти созгору бамавқеи вожаҳо сабаб гардидааст, имкон додааст, ки ашъори шоири рус дар камолу ғояти ҳунарӣ баргардон шавад. Як силсила шеърҳои шоири дигари рус Валентин Сорокин низ бо чунин маҳорати хуби шоирӣ тарҷума шудаанд. Аз ин шоир С. Айюбӣ се шеърро тарҷума намудааст. Шеърҳои «Дар Константиново», «Диёри ман», «Ростӣ» ҳар яке бо тасвирҳои ҷаззоб, мазмуну моҳияти баланд ва баёни пуробуранги шоирона ҷолибанд. Таври мисол, дар шеъри «Диёри ман» бо истифода аз ташбеҳоти мувофиқ шоир ҳусни диёри зебои хешро хеле барҷаста сутуда, пайванди руҳонии қаҳрамони ғиноиро ба марзу буму аҷдодӣ ҳадафрасу зебо ифода намудааст:

**Урали ман-диёри зебоям,**
**Кӯҳи ту бозуи ватан бошад.**
**Ҷони сахти ман аст оҳани ту,**
**Оби ту обрӯи ман бошад.**
**Бо чунин бозувони фӯлодин,**

**Нашавӣ ту ҳеҷ гаҳ афсурда.**
**Ту диёри азизи ман ҳастӣ,**
**Паҳлавони шикастнохӯрда.**

Дарёфту корбурди таркибҳои бозуи ватан, ҷони сахт, паҳлавони шикастнохӯрда дар тарҷума воқеан, ғояти эъҷоз мебошанд.

Шеъри «Рӯди бачагӣ»-и шоир Лев Смирновро метавон эъҷози шоирона ва саррофӣ дар тасвир унвон кард. Ва чунин эъҷозу саррофиро, бешак, дар тарҷумаи шеъри зикршуда шоири волосухан Сафармуҳаммад Айюбӣ анҷом додааст. Дар тасвири шоир рӯд ба масобаи мафҳум ё мавҷуди зинда намоён мегардад, ки дар дили хеш тамоми зебоиҳои олами атроф, хусусан, осмони бекаронро бо моҳу ситорагон ҷой додааст:

**Дар сараш аз боди маҷнун соябон,**
**Дар дилаш сагмоҳии хурду калон.**
**Мисли даври бачагӣ бозикунон,**
**Ҳаст бар ҷониби фардоҳо равон.**
**Шаб ба зери паттаҳои обсабз,**
**Моҳу ахтарҳо иқомат мекунанд.**
**Аз ситора то ситора моҳиён,**
**То саҳаргаҳ рафтуомад мекунанд.**

Воқеан, барои зебову дилнишин ва муассиру хушоянд тарҷума намудани чунин шеър заҳмату ранҷи бардавом мебояд, ки хушбахтона, шодравон С. Айюбӣ аз ӯҳдаи чунин рисолат ба хубӣ баромадааст. Аз шоири қирғиз Соронбой Ҷосуев С. Айюбӣ шеъри «Қомуз»-ро ба забони тоҷикӣ моҳирона баргардон намудааст. Шеър тулонӣ буда, руҷуъҳои лирикӣ бевосита аз забони асбоби мусиқии қомуз анҷом дода мешаванд. Тарҷумаи ин шеър чунон ҳунармандона ва дар сатҳи баланд сурат гирифтааст, ки онро метавон моли худи тарҷумон биҳисобид. Бо мутолиаи «Қомуз» пеши назари кас манзараҳои ҳаёти мардуми қирғиз, урфу таомул, шеваҳои зисту маишат ва марҳалаҳои таърихии рушду ташаккул ва таҳаввули ин миллат зиндаву табиӣ ва воқеӣ ҷилва мекунад. Тарҷумон муваффақ шудааст, ки ин эҳсосу бардошт ва ғолибан, андешаҳои амиқу фарогири шоирро бо вожаву таркибҳои ҷолиб, ташбеҳу тасвирҳои тоза ба хонандаи тоҷик бирасонад.

**Маро қомуз мегӯянд,**
**Ё овои қалби мардуми қирғиз,**
**Маро бас қарнҳо дар ағбаҳои пушти ҳам хобида меҷӯянд,**
**Шамоли нарми кӯҳистону сози обшоронаш,**
**Ва нам-намҳои савти резаборонаш,**
**Ба ман бахшида оҳангу суруди худ,**
**Ва ҳар як рӯзи рафта ёдбуди худ,**
**Ки то дар хонаҳои аз намад бунёд гирди оташи гулхан,**
**Сароям он ҳама созу наворо ман.**

Дар шеър таркибу ташбеҳҳои «шамоли нарми кӯҳистон», «нам-намҳои савти резаборонаш», «нағмаи шамшери ботурҳо», «навои шиҳаи аспон», «сароянд осмони беғубору ҳам сонатҳои тиллоии чаманзорон», «созу бози симфонии кӯҳистон» ва ғайра маҳз бо кӯшиши тарҷумон дар инъикоси лавҳаҳои ҳаёти пуршебу фарози мардуми қирғиз, ки муаллифи шеър Соронбой Ҷосуев нишон додан мехоҳад, нақши асосиро иҷро кардаанд.

Дар маҷмуъ, метавон аз тарҷумаҳои хуби шоири шинохта, шодравон Сафармуҳммад Айюбӣ ба чунин хулоса омад, ки ӯ дар ин самти эҷод низ муваффақу комёб мебошад. Истеъдоди баланд, донишу тафаккури пешрафта, омӯзишу мутолиаи фаровон, огаҳӣ доштан аз ҷаҳони вижаи эҳсосу дарк ва маҳорати шоирони миллатҳои кишварҳои ҷаҳон ба ин шоири шаҳир ва заҳматкашу сермаҳсул имкон додааст, ки дар тарҷумаи он ашъор хусусиятҳои услубию ғоявӣ ва мухтавоию ҳадафи шоирони мазкурро риоя ва нигоҳ дорад, ки ин омил барои тарҷумони асилу соҳибзавқ шарт ва зарур мебошад.

# МУҲАҚҚИҚИ ЗАҲМАТКАШ



**Ниёз МИРЗОЕВ – доктори илмҳои таърих, профессор**

**Юсуфи Шодипур аз чеҳраҳои шинохтаи илм ва маорифи ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, бо фаъолияти доманадор ва бегазанди худ миёни устодон, донишҷӯён ва умуман, аҳли илму адаби ҷумҳурӣ ва ҳатто берун аз он соҳибмақом ва соҳибэҳтиром мебошад.**

Фаъолияти меҳнатии устод Ю.Шодипур пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) соли 1978 дар Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Шуравии тоҷик ба сифати муҳаррири шуъбаи таърих оғоз ёфтааст. Кор дар ин муассисаи илмиву оммавӣ махсусиятҳои худро дорад. Маҳз шахс дар ин коргоҳ бояд ҳам таърихи миллат ва ҳам забони адабиро дар сатҳи муайян ва зарурӣ донад ва маҳорати баланди нигорандагӣ низ дошта бошад. Ҳангоми фаъолияти корӣ, солҳои 1978-1980 маҳорати таълиф ва нигорандагии устод Ю. Шодипур зуҳур карда, минбаъд сайқалу такмил ёфт. Имрӯз Юсуфи Шодипур чун муаррихи хушсалиқа ва шинохта дар миёни устодон эътироф шуда, бисёр асарҳо ва китобҳои олимону муаррихон, маҷмуаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва илмиву оммавӣ зери назари илмӣ ва таҳриру такмили ин устоди заҳматкаш ба чоп расида, ба хонандагони хушзавқ ва умуман, аҳли илму адаби ҷумҳурӣ ва берун аз он дастрас гардидаанд. Маҳорати журналистии устод Ю. Шодипур низ қобили таваҷҷуҳ аст, зеро солҳои зиёд чун муҳаррири рӯзномаи «Таърихшинос»-и факултети таърихи ДМТ фаъолияти арзанда намуда, дар чандин озмуни байнифакултавӣ ва умумидонишгоҳӣ мақоми аввалро соҳиб гардид ва бо мукофотҳои пулӣ ва Ифтихорномаву сипосномаҳои садорати факултет ва раёсати донишгоҳ мушарраф гардидааст.



Фаъолияти омӯзгории устод Ю. Шодипур соли 1980 дар кафедраи таърихи ИҶШС-и Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) оғоз гардида, сипас дар кафедраи таърихи ИҶШС-и Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон идома ёфтааст. Устод то имрӯз аз фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи ИҶШС, таърихи Россия, таърихи тоҷикони ҷаҳон ва курсҳои махсус таълим медиҳад. Дарсҳои эшон ниҳоят ҷаззоб ва хотирмон буда, диққати аспирантон, магистрҳо, донишҷӯёнро зуд ба худ ҷалб мекунанд. Ҳамчунин, тафсири воқеоти таърихиро дариғ аз дарс дар маҳфилҳои илмии донишҷӯёни кафедра, ки «Нидои асрҳо» ном дошт, идома медод, ки солҳои зиёд роҳбарии онро бар уҳда дошт. Маҳфил моҳе як маротиба баргузор гардида, дар он донишҷӯён маърӯзаҳои илмии худро қироат намуда, роҳу усули навиштани корҳои илмиву таҳқиқотиро ёд мегирифтанд. Устод аксаран донишҷӯёни фаъол, аспирантон ва муҳаққиқони ҷавонро дастгирӣ намуда, баҳри пешрафти корҳои илмиву эҷодии онҳо маслиҳату машварат медод, мақолаҳои илмиву таҳқиқотии онҳоро таҳрир намуда, ба чоп тавсия мекард. Шогирдони устод дар озмунҳои олимпиадавии умумидонишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат намуда, ҷойҳои намоён, бештар мақоми аввалро соҳиб мегардиданд.

Устод Ю. Шодипур муҳаққиқи собҳибзавқ ва пажуҳишгари сермаҳсул буда, осори илмиву таҳқиқотии зиёде таълиф кардааст. Соли 2001 бо ҳаммуаллифии муаррихи маъруф, профессор Мансур Бобохонов доир ба ҳаёт ва фаъолияти шарқшиноси машҳури сатҳи ҷаҳонӣ Манфред Лоренс китоби илмиву таҳқиқотиро бо номи «Ховаршинос Манфред Лоренс» таълиф намуданд. Асари мазкур ба шарҳи ҳол, рӯзгори рангин ва таҳлили осори илмию таҳқиқотӣ ва илмиву

адабии олими номдори немис, тоҷикшинос ва ховаршиноси донишманди сатҳи ҷаҳонӣ Манфред Лоренс бахшида шудааст. Асар дар асоси маводу санадҳои мухталифи илмиву таҳқиқотӣ ва илмиву адабӣ, аз ҷумла, номаҳои профессорон Манфред Лоренс ва Мансур Бобохонов ва дигарон таълиф ёфта, миёни олимони ховаршиноси Олмон, Чехия, Англия, Фаронса, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва амсоли он ҳамовозӣ пайдо кард. Ховаршиноси намоёни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, профессор Ричард Фрай китоби мазкурро «арзишмандтарин нашр дар илми ховаршиносии муосири ҷаҳон» арзёбӣ намудааст.

Муҳаққиқ Ю. Шодипур дар ситоиши муаррихони номӣ ва маъруфи тоҷик, академикҳо Б. Ғ. Ғафуров, З. Ш. Раҷабов, Б. И. Искандаров, А. М. Мухторов, профессорон М. Бобохонов, А. Ҷалилов, Н. М. Акрамов, О. Б. Боқиев, Н. Б. Ҳотамов, Н. М. Мирзоев, Қ. Расулиён, И. Ҳоҷибеков, дотсентон Ю. Раҳимов, Қ. Бобоев, М. Исоматов, М. Бобохонов, Н. Ҳакимов ва дигарон низ асару мақолаҳои илмиву публитсистӣ таълиф намуда, насли имрӯз ва фардоро бо ҳаёт ва фаъолияти илмиву эҷодии намояндагони илму фарҳанги тоҷик ошно намудааст. Чунин осор ҷанбаҳои милливу маърифатӣ ва аҳаммияти илмӣ-тарбиявӣ дошта, шаҳомату корномаҳои беназир ва ватандӯстонаи онҳоро муаррифӣ месозанд.

Самти дигари нигоштаҳо ва баррасиҳои илмиву таҳқиқотии устоди заҳматкаш Ю. Шодипур таърихи таҳаввули тиҷорат ва муомилоти молию пулӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ буда, дар ин ҷода як силсила асарҳо ва мақолаҳои илмиву таҳқиқотӣ эҷод намудааст. Дар натиҷаи баррасиҳои таърихӣ муайян карда шудааст, ки дар қаламрави Тоҷикистони тоинқилобӣ тиҷорат ва муомилоти молию пулӣ рушду такомул ёфта, тоҷирони ғарбу шарқ тавассути диёри бостонии тоҷикон молҳои худро ба мағрибу машриқ бурда, молҳову колои тоҷиконро низ ба дигар мамлакатҳо паҳн мекарданд.

Таърихи тоҷикони бурунмарзӣ, рӯзгори гузашта ва имрӯзаи ҳамватанони мо ҳамеша таваҷҷуҳи устод Ю. Шодипурро ба худ ҷалб менамуд. Бо роҳбарӣ ва роҳнамоии бевоситаи профессор Мансур Бобохонов дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази илмию тадқиқотии тоҷикон ва форсигӯйҳои ҷаҳон таъсис дода шуд, ки як гурӯҳ кормандони асилу пуркор ва пажуҳишгарони тавонманд, ба мисли профессор З. И. Акрамов, дотсент Ю. Шодипур, дотсент А. Ёров, муҳаққиқони ҷавон С. Саидов, Б. Басиров ба он шомил гардида, як силсила гузоришу мақолаҳо ва маҷмуаҳои илмӣ таълиф намуданд. Аз ҷумла, муҳаққиқи заҳматкаш Ю. Шодипур оид ба хидматҳои арзандаи ховаршиноси барҷастаи олмонӣ, профессор Манфред Лоренс як асари илмиву тадқиқотиро таҳти унвони «Тоҷикону Тоҷикистон дар осори Манфред Лоренс» ҷамъбаст намуда, ба дасти чоп супоридааст, ки он дар арафаи нашр қарор дорад.

Инчунин, дар заминаи маркази мазкур чандин конференсия ва ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ баргузор гардиданд. Моҳи сентябри соли 2011 бо ташаббуси роҳбари марказ, профессор Мансур Бобохонов ба ифтихори 20-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти Тоҷикистон ва диаспораи тоҷикон: таърихи ташаккул, дастовард ва мушкилот» баргузор гардид, ки дар он олимони машҳур ва шахсиятҳои намоёни кишварҳои дуру наздик, аз ҷумла, раиси «Анҷумани Рӯдакӣ» дар Фаронса, профессор Масъуди Миршоҳӣ, раиси Анҷумани форсизабонони Инглистон, доктори илмҳои фалсафа Саидҷалол Ҳасани Бадахшӣ, президенти Анҷумани яҳудиёни бухороии ИМА Барис Қандов, раиси Ҷамъияти тоҷикони Олмон Александр Ҳайзер ва дигарон иштирок ва суханронӣ карданд. Дар ин чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ дар баробари дигарон, устод Ю. Шодипур низ оид ба ташаккул ва инкишофи таърихи миллат ва ховаршиносӣ бо маърӯзаи илмӣ баромад кард.

Устод Ю. Шодипур шахси комил, хоксор, фурӯтан ва покизакор буда, ба дӯстон содиқ ва вафодоранд, ба фаъолияти олимону эҷодкорони пухтакор баҳои воқеӣ медиҳанд. Пешаи омӯзгорӣ, маснади устодӣ ва ҳунари волои офарандагиро аз ҳама мансабҳо муқаддам ва боло меҳисобанд. Банда вазифаи декани факултети таърихро ба уҳда доштам, эшонро борҳо барои ишғоли вазифаи муовини декани факултет пешниҳод намудам, аммо пешниҳоди маро бо сабаби банд будан бо корҳои илмӣ қабул намекард. Баъди мурoҷиати чандинкарата ва дахолати бевоситаи дӯстону ҳаммаслакон ба вазифаи муовини декан розигӣ доданд ва мо тақрибан панҷ сол дар садорати факултети таърихи ДМТ ҳамроҳ кор кардем. Хушбахтона, дар ин муддат мо бо Юсуфи Шодипур тавонистем, ки факултети номдори таърихро ба яке аз факултетҳои пешсафи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон табдил диҳем. Дар факултет сифати тадрис, низоми таълим дар сатҳи баланд қарор дошт, олимон ва устодони варзида ва донишманд барои тадрис ба факултет даъват карда мешуданд. Дар ин ҷода машварату маслиҳат ва дархостҳои устод пайгирона ва дурандешона буданд. Фаъолияти худро ба пешрафти таълим, парвариши донишҷӯён ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос равона мекард. Донишҷӯёни факултети таърих ҳамеша дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ мақоми пешсафиро касб карда, ғолиби озмунҳо мегардиданд.

Бо дархости пайгиронаи садорати факултет ва дастгирии раёсати донишгоҳ дар факултети таърих, шуъбаҳои нав – архившиносӣ, кишваршиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ таъсис дода шуданд. Саҳми Ю. Шодипур дар амалӣ гардидани ин корҳои муфид ниҳоят бузург аст.

Ибтидои солҳои 2000-ум давраи гузариш ба тариқи санҷиши тестии қабули имтиҳонҳои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ оғоз ёфта буд. Ба мақсади босифат гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, ҳамроҳи Юсуфи Шодипур ва шодравон Маъруф Исоматов аввалин шуда, дар ҷумҳурӣ саволномаҳои тестиро аз фанни таърихи ватан ва таърихи умумӣ таҳия намудем, ки он таҳти унвони «Ҷавҳари таърих» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба чоп расид. Нашри тоҷикии саволномаҳои санҷиши тестӣ дар тули даҳ сол (солҳои 2003-2012) беш аз 10 маротиба нашр шуда, ба довталабони мактабҳои олии ҷумҳурӣ ҳамчун дастури муфид ва васоити беҳтарини таълимӣ хидмат кард. Тарзи омода намудани саволномаҳои санҷишии тестӣ маҳорати махсуси нигорандагӣ, таҳрири эҷодӣ ва муносибати хоси мустақилонаро тақозо менамуд, ки дар қатори дигар мураттибони китоб накши устоди заҳматкаш Юсуфи Шодипур ниҳоят бузург аст.

Устод Ю. Шодипур як муддат вазифаи мудири кафедраи таърихи халқи тоҷикро ба уҳда дошт. Дар ин муддат корҳои зиёди муҳимро ба анҷом расонд, ки ба баланд гардидани мақому манзалати кафедраи таърихи халқи тоҷик дар миқёси ДМТ ва ҷумҳурӣ боис шуданд. Хосатан, барномаҳои таълимӣ таҷдиди назар гардида, ба чоп омода карда шуданд.

Устод ба таҳқиқу пажуҳиши илмӣ машғул шуда, аз маъхазу сарчашмаҳои таърихӣ огоҳона истифода намуда, соли 2024 рисолаи доктории хешро таҳти унвони *«Ташаккул ва таҳаввули авзои сиёсӣ, иҷтимоиву этникӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX: [тибқи маълумоти «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ]»* дифоъ намуд.

Ба устод сиҳатии комил, саодату осоиши рӯзгор ва дар фаъолияти илмию эҷодиаашон муваффақиятҳои аз ин бешро орзумандем.

Сафҳаи даҳр бувад дафтари умри ҳама халқ,
Инчунин гуфт хирадманд, ки андеша гумошт:
«Хуррам он кас, ки бар ин дафтари пок аз ҳама ҳарф,
Рақами хайр кашиду асари хайр гузошт».

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР

## Қонуни мазкур мақом, ҳифзи ҳуқуқ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва таъмини иҷрои самараноки уҳдадориҳои омӯзгорро танзим менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) омӯзгор – шахси дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба таълиму тарбия машғул мебошад;

2) мақоми омӯзгор – вазъи ҳуқуқӣ, шаъну шараф, таъминоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор дар ҷомеа;

3) омодасозии омӯзгор – раванди тайёркунӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва аттестатсияи омӯзгор;

4) бозомӯзӣ – таҳсилоти баъдидипломӣ, ки бо мақсади азхудкунии ихтисоси нав гузаронда мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) қонуният;

2) инсондӯстӣ;

3) ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии омӯзгор;

4) мунтазам баланд бардоштани маҳорати кас-бии омӯзгор;

5) таъмини ҳифзи иҷтимоии омӯзгор;

6) ҳамкории омӯзгор бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар раванди таълиму тарбия;

7) дахолат накардан ба фаъолияти касбии омӯзгор;

8) манъи ҷалби омӯзгор ба корҳое, ки бо раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд;

9) манъи санҷиш ва назорати ғайрисоҳавии фаъолияти омӯзгор.

### БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОР

**Моддаи 4. Дахлнопазирӣ ва ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор**

1. Шаъну шарафи омӯзгор дахлнопазир аст.

2. Шаъну шарафи омӯзгор аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд.

3. Амалҳое, ки бевосита ё бавосита ба паст задани шаъну шарафи омӯзгор равона шудаанд, манъ аст.

**Моддаи 5. Ҳуқуқҳои омӯзгор**

Омӯзгор ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ ҳуқуқ дорад:

1) аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои фаъолияти омӯзгорӣ таъмини шароити заруриро талаб намояд;

2) муносибати эҳтиромонаро нисбат ба касби худ аз ҷониби таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда) талаб намояд;

3) шакл ва усулҳои таълимро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот интихоб намояд;

4) дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ иштирок намояд;

5) бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ озмоишҳои илмию педагогӣ гузаронида, таҷрибаи пешқадамро дар амал татбиқ намояд;

6) дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагонро дар раванди таълиму тарбия мустақилона ва воқеъбинона баҳодиҳӣ намояд;

7) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рухсатии меҳнатӣ бараояд;

8) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ гузарад;

9) барои навовариҳои эҷодӣ ва ихтироъкорӣ дар фаъолияти таълимӣ ҳавасманд гардонида шавад;

10) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ машғул шавад;

11) дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъхир гузорад;

12) дар шароити муассисаҳои таълимӣ ва ё хона ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ машғул шавад;

13) барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон узви иттифоқи касабаи кормандони соҳа бошад;

14) дар кори идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла фаъолияти кори шуроҳо ва комиссияҳо иштирок намояд;

15) ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

16) шахсонеро, ки ба раванди таълиму тарбия дахл надоранд, ба дарс роҳ надиҳад;

17) ҳангоми расидан ба синни нафақа дар сурати хоҳиш доштан фаъолияти омӯзгориро идома диҳад;

18) аз ҳуқуқҳои дигари муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд.

**Моддаи 6. Уҳдадориҳои омӯзгор**

Омӯзгор уҳдадор аст:

1) раванди таълиму тарбияро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;

2) ба амалҳое, ки шаъну шарафи омӯзгорро дар ҷомеа паст мезананд, роҳ надиҳад;

3) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, атрофиён, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия намояд;

4) шаъну шарафи таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда)-ро эҳтиром намояд;

5) барои баланд бардоштани сифати таҳсилот тадбирҳои зарурӣ андешад;

6) дар фаъолияти меҳнатӣ қоидаҳои пӯшидани либосҳои тавсияшударо риоя намояд;

7) дар раванди таълиму тарбия ба тарғибу ташвиқи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ роҳ надиҳад ва таълимгирандагонро ба азхудкунии ғояҳои сиёсию динӣ водор накунад;

8) бо таълимгирандагон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ ва вазъи иҷтимоӣ, муносибати беғаразона намояд;

9) аз таълимгиранда барои таҳсил, таъмири биноҳои муассисаи таълимӣ, обуна ба нашрияҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, зодрӯзи омӯзгор, занги камолот, рӯзи омӯзгор, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, театр, кино, корҳои ободонӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунад;

10) ҳангоми баҳодиҳии сифати таҳсилот меъёри баҳогузориро риоя намояд;

11) уҳдадориҳои дигари муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

**Моддаи 7. Маҳдудиятҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ**

Фаъолияти омӯзгории шахсони зерин маҳдуд карда мешавад:

1) шахсоне, ки тибқи санади судӣ аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ якумра ё барои давраи муайян маҳрум гардидаанд;

2) шахсоне, ки тибқи хулосаи тиббӣ дорои бемориҳои руҳӣ ё равонӣ мебошанд;

3) шахсоне, ки воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва ҳаммонанди (аналоги) онҳоро истеъмол мекунанд;

4) шахсоне, ки ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир кардаанд;

5) шахсоне, ки барои содир кардани ҷинояти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд;

6) шахсони гирифтори бемориҳое, ки номгӯйи онҳо аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шудааст.

## БОБИ 3. КАФОЛАТҲО ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ОМӮЗГОР

### Моддаи 8. Кафолатҳо барои омӯзгор

1. Ба омӯзгор аз ҷониби давлат фаъолияти озоди касбӣ кафолат дода мешавад. Муассисаи таълимӣ ба омӯзгор барои гузаронидани раванди таълиму тарбия шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Омӯзгор бо маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ таъмин карда мешавад.

2. Ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгор таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Ҷалб кардани омӯзгор ба кору намудҳои фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд, манъ аст. Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мавриди санҷиш ва назорат қарор дода мешавад.

3. Давлат барои ҳифзи саломатии омӯзгор чораҳои зарурӣ меандешад. Омӯзгор аз муоинаи тиббӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар муассисаҳои тиббии давлатӣ бо хизматрасониҳои солимгардонӣ фаро гирифта мешавад.

4. Давлат ба омӯзгороне, ки дар деҳот фаъолият мекунанд, ташкили шароити заруриро кафолат медиҳад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар доираи имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ҷиҳати бо манзили истиқоматӣ ва иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маблағҳои заруриро пешбинӣ карда, барои ба онҳо бе навбат ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ чораандешӣ намоянд.

5. Омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ аз пардохти андози қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба онҳо ҷудо карда шудаанд, озод мебошанд.

6. Пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатӣ ба омӯзгор аз ҷониби давлат кафолат дода мешаванд. Батаъхиргузории пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатии омӯзгор манъ аст. Аз музди меҳнати омӯзгор гирифтани маблағ барои обунаи нашрияҳои ғайрисоҳавӣ, корҳои ободонӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ манъ аст.

7. Хароҷоти роҳкирои омӯзгорон барои гузаштани курсҳои такмили ихтисос ва сафарҳои хизматии дигари берун аз воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ пардохт карда мешавад.

### Моддаи 9. Ҳавасмандгардонии омӯзгор

1. Омӯзгорон бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонида мешаванд.

2. Ба музди меҳнати омӯзгороне, ки дорандаи дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, дар муассисаҳои таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулӣ ба андозаи 30 дарсади маоши вазифавӣ дода мешавад.

3. Ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна, ки шогирдонашон дар олимпиада ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро мегиранд, иловапулӣ ба андозаи 20 дарсади музди меҳнати амалкунандаашон дар давоми як соли таҳсили минбаъда пардохт карда мешавад.

4. Ба омӯзгор ҳамасола барои пардохти хизмат-расониҳои коммуналӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт карда мешавад.

5. Ба омӯзгор намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, пешниҳод карда мешаванд.

## БОБИ 4. ДАХЛНОПАЗИРИИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР, ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИГАР

### Моддаи 10. Дахлнопазирии касбии фаъолияти омӯзгор

1. Фаъолияти касбии омӯзгор дахлнопазир аст. Омӯзгор ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ аз дахолати мақомоти ғайрисоҳавӣ, таҳқир, зӯроварӣ ва фишор ҳифз карда мешавад.

2. Амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набояд монеаи иҷрои вазифаҳои касбии омӯзгор гарданд. Фаъолияти омӯзгор, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ҳангоми раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор дода намешавад. Омӯзгор набояд бо даxолати падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва шахсони алоҳида аз раванди таълиму тарбия дур карда шавад.

3. Мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар вазифадоранд, ки ҷиҳати ҳифзи дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор тадбирҳои зарурӣ андешанд.

4. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва эҳтироми хосса касб намудани мавқеи ӯ дар ҷомеа мунтазам чорабиниҳои гуногун ба роҳ монда мешаванд.

**Моддаи 11. Вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар**

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор вазифадоранд:

1) шахсият ва фаъолияти касбии омӯзгорро эҳтиром карда, ба амалӣ гардидани фаъолияти касбии ӯ мусоидат намоянд;

2) омӯзгорро ба кору фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия вобаста намебошад, аз ҷумла хариду фурӯши либоси мактабӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҷамъоварии маблағҳо барои андозҳо, обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, фурӯши чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, фаъолияти кишоварзӣ ҷалб накунанд;

3) ҳавасмандгардонии омӯзгоронро аз лиҳози моддӣ ва молиявӣ ба роҳ монанд, омӯзгорро, ки таълимгирандагонашон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои ифтихорӣ гирифтаанд, бо маблағҳои пулӣ сарфароз гардонанд;

4) фаъолияти касбии омӯзгоронро берун аз раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор надиҳанд;

5) омӯзгоронро вобаста ба масъалаҳои таълимгиранда берун аз вақти корӣ даъват накунанд;

6) корҳои тарғиботию ташвиқотиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ба роҳ монанд;

7) бе зарурат аз омӯзгор маълумотнома дар бораи суд шудан ё таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор доштанро талаб накунанд;

8) барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки касбӣ ба омӯзгор шароити зарурӣ фароҳам оваранд;

9) барои гузаронидани муоинаи тиббӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

10) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикис-тон барои гузаштан аз такмили ихтисос маблағ ҷудо намоянд;

11) аз музди меҳнати омӯзгор барои обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, корҳои ободонии муассисаи таълимӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунанд;

12) ба омӯзгороне, ки берун аз сарбории муқарраргардидаи таълимӣ сарбории иловагии таълимӣ иҷро мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати иловагӣ пардохт намоянд;

13) барои бе навбат гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгоре, ки дар деҳот фаъолият дорад, мусоидат намоянд;

14) омӯзгоронеро, ки аз воҳидҳои маъмурию ҳудудии дигар ба деҳот барои таълиму тарбия сафарбар мешаванд, бо манзили истиқоматӣ ё маблағи иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намоянд;

15) иловапулӣ ба музди меҳнати омӯзгорро аз лаҳзаи гирифтани дараҷаи тахассусӣ пардохт намоянд;

16) ба талаб кардани ҳисобот ва ё маълумоте, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд намебошад, роҳ надиҳанд;

17) ба омӯзгор барои аъзо шудан ба иттифоқҳои касабаи кормандони соҳа ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳояшон монеа нашаванд;

18) омӯзгорро ба таври афзалиятнок барои сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мониторинги иҷрои талаботи қисми 2 моддаи мазкурро гузаронида, аз натиҷааш ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд.

## БОБИ 5. ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОР

**Моддаи 12. Тайёркунии омӯзгор**

1. Омӯзгор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тайёр карда мешавад.

2. Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ ба таври ройгон таҳсилоти олии дуюми равияи омӯзгориро гирад.

**Моддаи 13. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор**

Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 14. Аттестатсияи омӯзгор**

Аттестатсияи омӯзгор бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбии ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**
***ш. Душанбе, 17 декабри соли 2025, №2215***

**Қарори Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи мақоми омӯзгор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ф. Идизода**
***ш. Душанбе, 15 октябри соли 2025, №192***

**Қарори Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи мақоми омӯзгор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Рустами Эмомалӣ**
***ш. Душанбе, 15 декабри соли 2025, №117***

# КРОССВОРДИ «ОЛАМ»




**Аз чап ба рост:**

1. Яке аз воситаҳои ороишоти занона. 3. Пайвандаки хилофӣ. 5. «Ҷаҳонро ***и марди ҳунар дидам» (Сафармуҳаммад Айюбӣ). 7. «*** олам дидан одам дидан аст» (Мирзо Турсунзода). 8. « ***, наздик шуд, хун меравад, дасти камондораш» (М. Қаноат).10. Муродифи вожаи «хомӯшӣ». 12. Ифодакунандаи шахс. 15. Ҷирми осмонӣ. 17. Поғунда, ***. 18. Асбоби мусиқии тоҷикӣ. 20. Тухми моҳиро мегӯянд. 21. Дарё. 22. «***и одам қимат асту лек дар бозор нест» (Мавҷуда Ҳакимова). 23. Исми мардона. 24. Муродифи «фаришта». 26. «Нобино» бо арабӣ. 28. Узви инсон. 29. Ҳарфи алифбои ниёгон. 30. Гиёҳи хӯрданӣ, ки аввали баҳор мерӯяд. 33. Бахшиш,садақа. 35. Маводе, ки дар таркибаш тамоку дорад. 36. Донишманд, фозил. 38. Муқобили «душвор». 40. Шакли ҷамъи вожаи «тифл».

**Аз боло ба поён:**

1. Исми авлод, қабила дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 2. Моеъи хушбӯй. 3. Шакли дигари вожаи «бародар». 4. Калимаи «статистика» бо забони тоҷикӣ». 5. *** Хачатурян, дирижёр, Ҳунарпешаи халқии ИҶШС. 6. Мафҳуми хешутаборӣ. 7. «Эмблема» бо тоҷикӣ. 9. Мафҳуми хешутаборӣ. 11. Ҳайвони тезчашми тездав. 12. «Нанг ва ***», асари Муҳиддин Хоҷазод. 13.Шакли ҷамъи вожаи «маънӣ». 14. Навъи сафедор. 16. Донишманд, табиб, ***. 18. Аз ҷисми инсон берун. 19. Муқобили «наздик». 23. Асбоби дуредгарӣ. 25. Ҳосили зиндагӣ. 27. Варам ё ***. 31. Дахр, дунё, гетӣ. 32. Шахси сеюми шумораи ҷамъ. 34. Зеб додан. 35. Ғизои асосии инсон. 37. Шакли кӯтоҳи исми давлати абарқудрат. 39. Дувоздаҳ моҳ.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД*